ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ
ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

# Модули 3
# Методика
# дар низоми таълими салоҳиятнокӣ
# (Дастур барои омӯзгор)

**Душанбе - 2016**

Дастури мазкур ба сифати маводи таълимию методии курсҳои такмили ихтисоси омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ доир ба татбиқи низоми таълими салоҳиятнокӣ дар доираи стандартҳои фаннӣ аз тарафи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар чаҳорчӯбаи Лоиҳаи шарикии глобалии таҳсилот, марҳилаи чорум таҳия гаштааст.

Бо қарори мушовараи Вазорати маориф ва илм аз 28 апрели соли 2016 таҳти № 6/37 тасдиқ шудааст.

**Мураттибон:** Ниёзов Ф., Зиёев М., Алиев А., Нусратов Б., Ҷонмирзоев Э., Қодиров Н., Иргашева М., Зиёев Қ.

Методикаи таълим дар низоми таълими салоҳиятнокӣ, Душанбе - 2016 с.– 141 саҳ.

**Зери назари** Назирӣ Л. Қ. – муовини вазири маориф ва илм, номзади илмҳои педагогӣ

**Муҳаррирон:**

Кабиров Н. – директори ФДҶТИБКСМ дар шаҳри Душанбе.

Собиров С. – сардори раёсати корҳои таълимӣ-методии ДҶТИБКСМ.

**Муқарризон:**

Исрофилниё Ш. Р. –доктори илмҳои филологӣ;

Абдуллоев И. – дотсенти кафедраи таҳсилоти томактабӣ, ибтидоӣ ва миёнаи умумии ДҶТИБКСМ;

Зоолишоева Б. – мудири кафедраи методикаи таълими фан дар муассисаҳои томактабӣ ва ибтидоии ФДҶТИБКСМ, номзади илмҳои педагогӣ;

Раҳимов И. – мутахассиси раёсати таълимӣ-методии ДҶТИБКСМ.

**Мундариҷа**

Аз муаллифон.............................................................................................................. 5
Муқаддима ................................................................................................................ 6
I. Технология ва методҳои умумии таълим дар низоми таълими салоҳиятнокӣ .................. 8
1.1. Технологияи таълими хонандамеҳвар ............................................................. 8
1.2. Технологияи таълими лоиҳавӣ ...................................................................... 9
1.3. Технологияи таълими интерактивӣ ................................................................ 10
1.3.1. Намунаи методҳои умумии таълим дар технологияи таълими интерактивӣ....... 12
1.3.2. Ташкил намудани машғулиятҳои дунафарӣ ва гурӯҳӣ .................................. 18
1.3.3. Идоракунии овоз дар раванди дарс ............................................................ 20
1.3.4. Роҳу воситаҳои ташкил намудани муаррифии натиҷаҳои кори хонандагон ........ 20
1.4. Тарзи гузаронидани лаҳзаҳои дамгирӣ ........................................................... 20
II. Методҳои таълими фанни «Забони модарӣ» дар низоми таълими салоҳиятнокӣ ........ 23
2.1. Ташаккули салоҳиятҳои хондан .................................................................... 23
2.1.1. Зерсамти якум: қоидаҳои хондан ............................................................... 23
2.1.2. Зерсамти дуюм: салоҳиятҳои истифодаи стратегияҳои хониш........................ 23
2.1.3. Зерсамти сеюм салоҳиятҳои дарки маънои матн........................................... 24
2.2. Методҳои таълими хондан ............................................................................ 27
2.3. Ташаккули салоҳиятҳои навиштан.................................................................. 49
2.3.1. Методҳои таълими навиштан ..................................................................... 51
2.4. Ташаккули салоҳиятҳои гуфтану гӯш кардан ................................................. 65
2.4.1. Методҳои таълими гуфтану гӯш кардан....................................................... 67
2.5. Методикаи таълими луғат ............................................................................. 71
III. Методҳои таълими фанни «Математика» дар низоми таълими салоҳиятнокӣ............ 76
3.1. Методикаи таълими мафҳуми ададҳо ва рамзҳои математикӣ .......................... 77
3.2. Методикаи таълими амалҳои арифметикӣ ва ҳалли масъала ........................... 80
3.3. Методикаи таълими маводи геометрӣ.............................................................. 84
3.4. Методикаи таълими бузургиҳо ....................................................................... 86
3.5. Методикаи таълими коркарди маълумот .......................................................... 87
3.6. Баъзе стратегияҳо, методҳо ва бозиҳои таълимӣ аз фанни математика ................. 88
IV. Методикаи таълими фанни "Табиатшиносӣ"........................................................ 111
4.1. Таълими малакаҳои мушоҳида, таҷриба ва таҳлил. ........................................ 111
4.2. Омӯзиши системавӣ дар таълими табиатшиносӣ .............................................. 116
V. Методикаи таълими фанни "Санъат ва меҳнат" .................................................. 118
5.1. Методикаи таълими корҳои тасвирӣ ............................................................. 119

5.2. Методикаи таълими кор бо коғаз ва картон ........ 120
5.3. Методикаи таълими кор бо пластилин ва маводҳои табиӣ ........ 123
5.4. Методикаи таълими кор бо ришта ва матоъ. ........ 125
VI. Методикаи таълими фанни “Суруд ва мусиқӣ” ........ 126
6.1. Таълими малакаҳои сурудан ........ 126
6.2. Таълими малакаҳои шунидани мусиқӣ ва таълими малакаҳои маърифати мусиқӣ ........ 129
VII. Методикаи таълими фанни “Тарбияи ҷисмонӣ” ........ 136
7.1. Методикаи таълими асосҳои дониши варзишӣ, бехатарӣ ва арзишҳо ........ 136
7.2. Методикаи таълими ҳаракат ва обутоби бадан ........ 136
Сухани сеҳрнок ........ 139
Санҷоб ба зимистон таёрӣ мебинад ........ 139
Адабиёт ........ 140

## Аз муаллифон

Ҳамкасби мӯҳтарам!

Дар давраҳои гуногуни ташаккули инсоният талаботи иҷтимоӣ, иқтисодӣ, фарҳангиву маърифатии ҷомеа муайянкунандаи мундариҷаи таълим ба шумор меравад. Дар амал татбиқи намудани мундариҷаи таълим ба методикаи таълим такя менамояд ва ҳар омӯзгор вобаста ба имкон, дараҷаи фаҳмиш ва интихоб онро дар дарсҳояш истифода мебарад.

Дастури мазкур бо мақсади расондани ёрии амалӣ ба омӯзгорон дар татбиқи стандартҳои фаннии синфҳои ибтидоӣ таҳия гашта, методҳои гуногуни таълимро ба омӯзгорон тавсия менамояд. Дар вақти омӯзиш ба саволҳои худ, ки шояд ба чунин мазмун алоқаманд бошанд, ҷавобҳои мушаххас меёбед:

- Барои ташаккули салоҳиятҳои мушаххас аз кадом методҳо истифода барем?
- Чаро барои ташаккули салоҳият гоҳо як ё ду усулро такроран истифода мебаранд?
- Методҳои анъанивие, ки мо медонем, метавонанд барои ташаккули салоҳиятҳо истифода шаванд?
- Кадом назарияҳо дар таълими салоҳиятнокӣ ҳамчун асос истифода мешаванд?

Боварӣ дорем, ки дар вақти омӯзиши дастур ба бисёр саволҳо ҷавоб меёбед. Шояд дар дастур баъзе аз намуна ва мисолҳоеро бинед, ки ҳамарӯза дар фаъолияти худ истифода мебаред. Мураттибони дастур кӯшидаанд, ки аз ҳамгироии методҳои анъанавию интерактивӣ истифода баранд, зеро истифодаи методҳои гуногун самара ва сифати дарсҳоро баланд мебардорад. Ба қавли устод М. Лутфуллоев "... сифат ва самаранокии дарс калидест дар пешравӣ ва муваффақ шудан дар санъати омӯзгорӣ"[1]

Ҳамкасбони муҳтарам, муваффақият дар кор, ободии рӯзгори Шумо таманнои ҳамешагии мост!

[1] М. *Лутфуллоев*, Дарс, Душанбе, «Маориф», 1995, саҳ. 4

## Муқаддима

Соҳаи маориф аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун яке аз самтҳои афзалиятноки рушди мамлакат эътироф гардида, дар ин самт ҳамасола тадбирҳои зиёд андешида мешаванд. Илова ба бунёди муассисаҳои таълимии нав, таҷдиди инфрасохтор, инчунин ба сифат, мазмуну самарабахшии мундариҷа ва ҷараёни таълим низ таваҷҷуҳи қобили назар зоҳир мегардад. Таҳияи стандарт ва барномаҳои нави таълимӣ метавонанд сатҳу сифати таҳсилоти миёнаи умумиро баланд бардоранд.

Дар татбиқи сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф омӯзгорон нақши калидӣ мебозанд. Ин нукта дар суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, дар мулоқот бо зиёиёни мамлакат (2015) хеле мушаххас баён гардидааст: "... калиди ҳама гуна дастоварду пешравӣ ва истиқлолияти фикрӣ омӯзгор-омӯзгор ва хазинаи маънавию илмии ӯ ба шумор меравад. Аз ин рӯ, самаранок ба роҳ мондани корҳои таълиму тарбия аз ҷониби омӯзгор имкон фароҳам меорад, ки сатҳи мафкура ва донишу ҷаҳонбинии толибилмон боло равад ва онҳо ҳамқадами замон гарданд".

Барои мо – олимон, кормандони соҳаи маориф, мутахассисон ва омӯзгорон ин суханон беҳтарин дастури амаланд.

Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади баланд бардоштани сифати таълим ва натиҷабахшии раванди он таҳияи стандартҳои фанниро ба роҳ мондааст. Вазорати маориф ва илм натиҷа ва дастовардҳои ислоҳоти соҳаро, ки тайи солҳои охир татбиқ гаштаанд, эътироф карда, дар асоси ба эътибор гирифтани таҷрибаи ҷаҳонӣ стандарт ва барномаҳои навро ҳамчун як ҷузъи таркибии ислоҳоти пурраи мундариҷаи таҳсилот таҳия намудааст.

Сохтор ва услуби пешниҳоди стандарт тарзе интихоб шудааст, ки паҳлуҳои гуногуни раванди таълими фанҳои зинаи таҳсилоти ибтидоиро фаро мегирад ва ба ин васила фаъолияти омӯзгорро дар ҷараёни банақшагирӣ ва таълиму арзёбӣ осон мегардонад.

Тавре ки таҷрибаи байналмилалӣ ва шароити кунунии Тоҷикистон нишон медиҳад, вобаста ба талаботи бозори меҳнат ва инкишофи босуръати муносибатҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарогирии ҳар чӣ бештари воситаҳои иттилоот (интернет, телевизион ва ғайра) имрӯз танҳо бо дониш мусаллаҳ будан кифоя набуда, дар амал истифода бурдани донишу малакаҳо муҳимтарин роҳи иҷтимоишавии ҷавонон ва дастёбӣ ба натиҷаҳои дилхоҳ ба шумор меравад. Ин нуктаи муҳим санги маҳаки стандарти мазкурро ташкил медиҳад.

Дар ҷаҳони муосири зудтағйирёбанда ва пур аз тазодҳо шаҳрвандон бояд сифатҳои ташаббускорӣ, навоварӣ, татбиқсозӣ, тағйирпазирӣ, уҳдабароӣ, масъулиятшиносӣ ва созандагию бунёдкориро дошта бошанд. Онҳо бояд шахсони бомаърифати аз ҷиҳати маънавӣ-ахлоқӣ устувор ва кордоне бошанд, ки роҳҳои дастрас кардани ахбор (маълумот)-ро тавассути воситаҳои гуногун интихоб намуда, онро таҳлилу таҷзия ва арзёбӣ карда, масъалаҳои мураккаби олами атрофро дарк кунанд, мушкилиҳои гуногуни таълимию ҳаётиро пешгӯӣ ва ҳал карда тавонанд, масъулияти худро дар назди оила, аҳли ҷомеа ва кишвар дарк намоянд. Тавре ҳама медонанд, барои ташаккули ин сифатҳо маҳз дар зинаи таҳсилоти ибтидоӣ заминаи мусоид фароҳам оварда мешавад.

Барои ноил гаштан ба ин ҳадафҳо Вазорати маориф ва илм низоми нави таълимро дар амал татбиқ менамояд, ки он ба ташаккули рушди салоҳиятнокии хонандагон дар истифодаи амалии дониш, малака ва маҳорат мусоидат хоҳад кард.

Бо татбиқи стандартҳои нав на танҳо малакаву маҳорати касбии омӯзгор, балки натиҷаи таълимӣ низ ҳамчун нишондиҳандаи самаранокии раванди таълим шинохта мешавад. Дар низоми нави таълим масъулиятнокии омӯзгорон барои беҳтар гаштани натиҷаҳои таълимии хонандагон ба маротиб зиёд мегардад.

# I. Технология ва методҳои умумии таълим дар низоми таълими салоҳиятнокӣ

Мафҳуми «технология» юнонӣ буда, аз калимаҳои techne – «санъат», «маҳорат»; logos – «илм» гирифта шудааст. Маъноаш «илм дар бораи санъат, маҳорат» аст.

Дар адабиётҳои педагогӣ мафҳумҳои «технологияи педагогӣ», «технологияи таълим», «технологияи омӯзиш» вомехӯранд. Онҳо ба ҳам тавъаманд мисли мафҳумҳои педагогика, таълим ва омӯзиш. Вобаста ба ҷараёни таълиму тарбия мафҳуми «технология»-ро ҳамчун санъати тадрис, таълим маънидод кардан бамаврид аст. Бисёр луғатҳои дузабона низ «технология»-ро ҳамчун маҷмӯи роҳу равишҳо барои санъаткорона, моҳирона иҷро кардани коре шарҳ медиҳанд.

Технологикунонии ҷараёни таълим – ин раванди инкишофест, ки бахри баланд бардоштани самарабахшии ҷараёни таълим, кафолати ба натиҷаҳои чашмдошт расидани хонандагон равона шудааст.

Умумият ва фарқи технологияи таълим аз методикаи таълим:

1. Технология – ин усули пешакӣ банақшагирии натиҷаҳои таълимиест, ки онро метавон тавассути роҳу воситаҳои гуногун ба даст овард.
2. Технология ва методика – баробарҳуқуқанд.
3. Методика – мафҳуми васеъ аст. Вай метавонад чанд технологияро дар бар гирад. Дар ин сурат, аксар вақт методика ба сифати системаи педагогии ягона дида мешавад.
4. Дар методикаи анъанавии таълим омӯзгор бештар нақши актёр (ҳунарманд)-ро мебозад. Вай расонандаи ахбор аз китоб ба шогирд аст. Дар технологияи таълим омӯзгор асосан ба режиссёрӣ (коргардонӣ) машғул аст. Вай намеомӯзонад, балки роҳнамоӣ мекунад, ҳавасманд мегардонад, фаъолияти таълимии хонандагонро ба танзим медарорад.

**Нишондиҳандаҳои технологӣ будани таълим инҳоянд:**

- аввал таҳия кардани мақсадҳои таълим дар шакли натиҷаҳои чашмдошт (интизоршаванда);
- пешниҳоди мазмуни маводи омӯхташаванда дар шакли система (пайдарпайии мантиқӣ)-и вазифаҳои маърифатӣ.

## 1.1. Технологияи таълими хонандамеҳвар

Дар таълими хонандамеҳвар бештар ба натиҷаҳои таълим ва азхудкунии мавод аз тарафи хонандагон такя карда мешавад, на ба омӯзонидан (дарсдиҳӣ). Он шароити таълиму омӯзишеро талаб мекунад, ки таҷрибаи хонанда дар маркази диққат аст.

Дигаргунии асосӣ аз *«Ман ба шумо нақл мекунам ва шумо медонед/меомӯзед»* ба *«Ман мехоҳам, ки бо шумо роҳҳоеро кашф намоем, ки самарабахш ва ба эҳтиёҷ ҷавоб гӯянд»* гузаштан аст.

Таълими хонандамеҳвар аз назарияҳои зерин маншаъ мегирад:

1. Назарияи таълими проблемавӣ (Илина Т.А.)
2. Таълими ба шахсият нигаронидашуда (Якиманская И.С.)
3. Педагогикаи ҳамкорӣ (Ушинский Н.Д., Макаренко А.С.)
4. Технологияи фардикунонии таълим (Унт И.Э., Гранитская А.С., Шадриков В.Д.)

**Дар таълими хонандамеҳвар:**

1. Қобилият ва таҷрибаи маърифатии ***хонандагон*** ҳамчун замина барои таълими минбаъда истифода мешавад.
2. ***Диққати асосӣ*** на танҳо ба мазмуни таълим (*чиро омӯзонем?*), балки ***ба раванди таълим*** (*чӣ тавр раванди таълимро самарабахш гардонем?*) равона мегардад.
3. Идрок ва азхудкунии хонандагон вазифаи асосии омӯзгор аст.
4. ***Хонандагон бо роҳҳои гуногун меомӯзанд*** ва мутаносибан усули гуногуни дарккунӣ доранд. Шахсикунонӣ ва фардикунонии ҷавобҳои хонандагон дастгирӣ карда мешавад.
5. ***Омӯзиш ҳамчун раванди фаъоли инкишофёбандаест,*** ки алоқаҳо (байни фактҳо, ғояҳо, ҷараёнҳои гуногун) муназзам тағйир меёбанд ва сохтори онҳо ислоҳ мешавад. Чунин алоқаҳо тавассути муколамаи байни омӯзгору хонандагон ва байни хонандагону ҳамсолони онҳо дастгирӣ мешаванд. Хонандагонро ҳамеша барои баён кардани фарзияҳои худ доир ба ҳалли мушкилот ва масъалаҳое, ки онҳо дар болои он кор мекунанд, ҳавасманд мегардонанд.
6. ***Хонандагон*** тавассути нақл кардан, шунидан, хондан, навиштан, мулоҳизаронӣ атрофи мазмун, ғояҳо, саволҳо, мушкилот ба бунёди аҳамияти худ машғуланд.
7. ***Нақша ва барномаҳои таълим*** на танҳо дар доираи «далелҳо»-е, хонандагон бояд донанд, балки дар атрофи равандҳое, ки тавассути онҳо таълим бояд инкишоф ёбад (*чӣ тарз сурат мегирад?*) таҳия мешаванд.

## 1.2. Технологияи таълими лоиҳавӣ

Дарси *лоиҳавӣ* усули навест дар педагогикаи миллӣ. *Лоиҳаҳо* машғулиятҳои нисбатан дарозмуддатанд. Онҳо ба хонандагон имкон медиҳанд, ки тамоми чизҳоеро, ки дар як боби таълим ва дар бобҳои гузашта омӯхтаанд, озодона ва эҷодкорона дар гуфтугӯйи байни ҳамдигар дар муддати дуру дароз истифода кунанд. *Лоиҳаҳо* инчунин усули ёрӣ ба хонандагон барои такрори мавзӯъҳои гузашта ба ҳисоб мераванд. Ҳангоми гузаштани *лоиҳа* хонандагон метавонанд барои пайдо кардани маълумот ва калимаҳои *лозима* маводи гузаштаро варақ зананд.

Кори *лоиҳавӣ* ғайр аз мақсадҳои омӯзишии фан малакаҳои иҷтимоӣ ва роҳбарикуниро низ меомӯзонад. Барои иҷро кардани *лоиҳаҳои* худ хонандагон дар гурӯҳҳо мустақилона машғул мешаванд. Ин ба онҳо якҷоя кор кардан, масъулиятро ба дӯш гирифтан, назорат кардани вақт ва кори худро меомӯзонад.

*Лоиҳа* барои ташаккули тамоми малакаҳо ёрӣ мерасонад. Хонандагони болаёқат имкон доранд тамоми чизҳои омӯхтаи худро истифода кунанд. Хонандагони миёна метавонанд чизеро, ки аз боби таълим омӯхтаанд, истифода баранд.

Машғулиятҳои *лоиҳавӣ* одатан тариқи муҳокима, саволу ҷавоб баррасӣ карда мешавад, ки дар раванди мазкур хонандагон ба муҳокима пурра ҷалб карда мешаванд. Ба омӯзгорон маслиҳат дода мешавад, ки дастурҳоеро, ки барои иҷрои кори *лоиҳавӣ* дар дарсҳо дода шудаанд, риоя кунанд.

**Намунаи дарси лоиҳавӣ:**

1) *Пешакӣ аз хонандагон хоҳиш намоед, ки як ашёи қадимаро ба дарс оранд.*

2) *Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки матни “Кӯзаи қадима”-ро хонанд. Доир ба кӯза каме муҳокима кунед.*

***Кӯзаи қадима***

*Ин кӯзаи қадима аст. Он 100 сола аст. Онро ба мо бобоям дод. Ба бобоям падараш ин кӯзаро додааст. Мо дар он об ё дӯғро нигоҳ медорем. Об дар он ҳамеша хунук меистад.*



3) *Сипас ба хонандагон ҷадвали зеринро фаҳмонед.*

| | |
|---|---|
| *Ном* | *Кӯза* |
| *Сол* | *100 сол* |
| *Аз кӣ мондааст* | *Бобоям. Амиров С.* |
| *Онро чӣ кор мекунед* | *Об мегирем. Дӯғ мегирем.* |

4) *Баъд аз хонандагон хоҳиш намоед, ки оид ба ашёи овардаашон дар ҷадвал ба монанди намунаи боло маълумотнома нависанд. Ба назди ҳар хонанда рафта ба онҳо барои пур кардани маълумотнома ёрӣ расонед.*
5) *Сипас ашёи овардаи хонандагонро дар синф ба намоиш гузоред. Маълумотномаро дар назди он гузоред. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки аз ҷой хеста ба тамошои осорхонаи синф оянд. Ҳар як хонанда бо навбат ашёи овардаашро шарҳ медиҳад. Хонандагони дигар нақли ӯро гӯш карда, савол медиҳанд.*

## 1.3. Технологияи таълими интерактивӣ

Принсипҳои муҳимтарини усулҳои интерактивӣ, ки онро гоҳо фаъол ва саҳеҳтар усули ҳамкорӣ низ мегӯянд, аз инҳо иборат аст[2]:

- омӯзгор ва хонандагон ҳангоми муҳокима имкони баробар доранд;
- хонандагон ташаббускор ва омӯзонандаи ҳамдигаранд;
- муҳити ҷустуҷӯ ва тадқиқот фароҳам оварда мешавад;
- бо ҳар як хонанда муносибати хайрхоҳона ва фардӣ карда мешавад;
- фаъолиятҳои дунафарию гурӯҳӣ, ки кӯшишҳои якҷояро талаб мекунанд, бартарӣ доранд.

Асоси ин усулҳоро «машварат» (маслиҳат, гуфтугузори салоҳандешона дар атрофи ягон масъала) ташкил медиҳад.

Дар ҳама кор машварат бояд,
Кори бемашварат накӯ н-ояд.
«Анвори Суҳайлӣ»

---

[2] Зиёев М., Мирзоматов Н., Олимова Ф., Тошбоева З. Усули ҳамкорӣ дар таълими забон ва адабиёти тоҷик. Раҳнамои методӣ барои муаллимони мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ. Душанбе, 2010. Саҳ. 7.

Машварат идроку ҳушёрӣ диҳад,
Ақлҳоро ақлҳо ёрӣ диҳад.
Ҷалолиддини Румӣ

Вобаста ба мақсади дарс ва зинаҳои он, омӯзгор метавонад усулҳои гуногуни интерактивиро интихоб ва истифода барад. Дар ҷадвали поён, баъзе тавсияҳо оид ба дар кадом зинаи дарс кадом усулро истифода бурдан мумкин аст, пешниҳод мегардад.

| Зинаҳо | Мақсадҳои таълим | Шаклу усулҳои таълим | Саволҳо |
|---|---|---|---|
| Водор кардан | ҷалб намудани диққат;<br>рӯй овардан ба таҷрибаи мавҷудаи хонандагон;<br>ташкил намудани фаъолияти фикрии хонандагон;<br>мақсади дарсро муайян намудани худи хонандагон. | Ангезиши зеҳн<br>Хӯша<br>Корҳои инфиродӣ ва дунафарӣ | Дар ин бора чӣ медонед?<br>Барои чӣ инро бояд донем?<br>Ба фикри шумо, сухан дар бори чӣ меравад?<br>Чиро донистан мехоҳед? |
| Дарк кардан (кашф ва бозёфти донишҳои нав) | Шиносоӣ бо мазмуни ахбор, алоқамандии он бо масъалаҳои зинаи водорсозӣ,<br>хондан, навиштан, ҳал кардан, ба саволҳо ҷавоб ҷустан, муайян намудани фикри асосӣ ва ҷудо кардани он аз мавод, дарёфти чизи нав ва истифодаи он дар шароити нав ва ғайраҳо. | Савол ба муаллиф<br>МДД<br>Рӯзнома<br>Хониши бо таваққуф<br>Нигористон<br>Курсии сеҳрнок<br>Корҳои инфиродӣ, дунафарӣ ва гурӯҳӣ. | Чиро омӯхтед?<br>Кай?<br>Дар куҷо?<br>Барои чӣ ?<br>Чӣ тавр?<br>Чӣ аҳамият дорад?<br>Дар ин бора чӣ фикр доред?<br>Ба шумо чӣ бештар маъқул шуд?<br>Пешгӯӣ намоед.<br>Аз ҳаёт мисол оред.<br>Ҳалли ин мушкилотро дар чӣ мебинед? |
| Мулоҳиза | Хулоса ва ба тартиби муайян овардани донишҳои андӯхта;<br>муносибати эҷодӣ ба дониш ва, малакаю маҳорат;<br>арзёбӣ ва хулоса. | Навиштани ҳикоя<br>Т – нақша<br>Диаграммаи Венн<br>Муҳокимаи умумӣ<br>Корҳои инфиродӣ, дунафарӣ ва гурӯҳӣ | Кадом ақидаҳои худро тағйир додед?<br>Мавзӯи омӯхта чӣ аҳамият дошт?<br>Мо онро дар куҷо ва чӣ тавр истифода бурда метавонем?<br>Чӣ илова кардан мехостед?<br>Бартарӣ ва камбудии |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | | | он дар чист?<br>Кадом роҳҳои ҳалли мушкилотро омӯхтед? |

### 1.3.1. Намунаи методҳои умумии таълим дар технологияи таълими интерактивӣ

Дар поён якчанд методҳои умумии таълимро пешкаши шумо мегардонем. Ҳарчанд намунаҳо дар асоси мазмуни фанни "Забони модарӣ" таҳия шуда бошанд ҳам, шумо метавонед ба осонӣ онҳоро ба мазмуни фанҳои дигар мутобиқ созед.

**Курсии сеҳрнок**

**Шарҳ:** Бозии таълимии "курсии сеҳрнок" ба хонандагон имкон медиҳад, ки матни хурдро хонда, мазмунашро бо ёрии саволҳо нақл кунанд.

**Тартиб**:

- Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки матнро мустақилона хонанд.
- Пас аз хондан мувофиқи мазмуни матн ба хонандагон якчанд савол дода, матнро муҳокима намоед.
- Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки оид ба мазмуни матн савол омода намоянд.
- Ба хонандагон чунин мурочиат намоед: "Ҳоло яке аз Шумо ба назди тахтаи синф баромада, ба саволҳои Шумо аз номи яке аз симоҳои матн ҷавоб мегӯяд."
- Аввал мувофиқи хоҳиши хонандагон якеро ба назди тахтаи синф даъват карда, ба курсӣ шинонед. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки бо навбат ба хонандаи дар "Курсии сеҳрнок" нишаста савол диҳанд.
- Шумо метавонед якчанд хонандаи дигарро ба "Курсии сеҳрнок" даъват намоед.

**Диққат**! Дар давоми ҳафта як ё ду маротиба гузаронидани чунин фаъолият барои хонандагон муфид аст, зеро он на танҳо малакаи хондан, балки малакаи шунидану гуфтани онҳоро такмил медиҳад.

**Меҳмонӣ**

**Шарҳ:** Усули мазкур ба хонандагон имкон медиҳад, ки ахборро гӯш карда, ба саволҳое, ки хусусияти хабарӣ доранд, ҷавоб диҳанд.

**Тартиб**:

- Панҷ матни хурди ҳикоя ё афсонаро интихоб намоед. Онҳоро дар панҷ варақаи алоҳида нависед (нусха бардоред).
- Хонандагонро ба панҷ гурӯҳ муттаҳид намоед.
- Ба хонандагон матнро пешниҳод намоед. Аз як аъзои гурӯҳ хоҳиш намоед, ки матнро ба аҳли гурӯҳ хонанд. Сипас аз гурӯҳҳо хоҳиш намоед, ки матнро таҳлилу муҳокима кунанд.
- Пас аз ду-се дақиқаи муҳокимаи мундариҷаи матн аз ҳар гурӯҳ як аъзоро интихоб намуда, онҳоро бо гурӯҳҳои дигар ҳамроҳ кунед. Масалан, намояндаи гурӯҳи 1 ба гурӯҳи 2, намояндаи гурӯҳи 2 ба гурӯҳи 3, намояндаи гурӯҳи 3 ба гурӯҳи 4, намояндаи гурӯҳи 4 ба гурӯҳи панҷ ва намояндаи гурӯҳи 5 ба гурӯҳи якум равон мегарданд.

– Ба гурӯҳҳо седақиқагӣ вақт диҳед, то маънои матнро ба намояндаи гурӯҳи дигар нақл кунанд. Аз намояндаи гурӯҳҳо хоҳиш намоед, ки нақли матнро пурра гӯш карда, дар хотир гиранд.
– Пас аз се дақиқа намояндаҳои гурӯҳҳоро ба гурӯҳашон баргардонед ва аз онҳо хоҳиш намоед, ки чизи аз гурӯҳи дигар шунидаашонро ба гурӯҳи худ нақл кунанд. Аъзоёни гурӯҳ ба узви дар гурӯҳи дигар буда оид ба матн савол медиҳанд.

**Диққат**! Барои хуб иҷро кардани фаъолияти мазкур ба хонандагон вақти зиёдтар лозим мешавад. Шояд дар аввал ғалатҳо бештар рух диҳанд, вале дилмонда нашавед, ғалатҳоро таҳлил карда, ин фаъолиятро боз такрор кунед. Зеро ин усул натиҷаҳои таълимии зиёд дорад: хонандагон матнро мехонанд, нақл мекунанд, дар хотир нигоҳ медоранд, бозгӯйӣ мекунанд, савол медиҳанд, атрофи он муҳокима меронанд. Тавсия мешавад, ки ин усул аз нимаи дуюми чоряки сеюм мавриди истифода қарор бигирад.

**Хӯша**

**Шарҳ:** Хӯша - усули гирдоварии андешаҳои хонандагон доир ба ягон мавзӯъ, мафҳум буда, дар шаклҳои гуногун тасвир меёбад. Хонандагон андешаҳои худро доир ба мавзӯъ (мафҳум) баён карда, онҳоро бо ҳам алоқаманд менамоянд. Ин имкон медиҳад, ки онҳо ҳамаи андешаҳои баёншударо дар як ҷо гирд оварда, баробари шунидан аёнӣ бо онҳо шинос гарданд.

**Тартиб**:
– Дар маркази лавҳаи синф (ё вараҳи сафед) давра кашед.
– Дар дохили давра мавзӯъ, мафҳум ва ё калимаи асосиро нависед.
– Оид ба мавзӯъ, мафҳум ва ё калимаи асосии овардашуда ба хонандагон савол диҳед.
– Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки андешаҳои худро дар атрофи мавзӯъ, мафҳум ва ё калимаи асосӣ нависанд.
– Хонандагон байни андешаҳо алоқаи мувофиқро барқарор намуда, онро ишора мекунанд (ин қадам барои хӯшаи мураккаб аст).

Тартиб бо намуна:
– Хонандагонро ба гурӯҳҳои чорнафарӣ ҷудо намоед.
– Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки матнро аз назар гузаронида, онро дар нақшаи зерин нишон диҳанд:



- Кори гурӯҳҳоро назорат карда, ба онҳо ёрӣ расонед.
- Пас аз хотимаи кори гурӯҳӣ аз хонандагон хоҳиш кунед, ки корашонро ба аҳли синф муаррифӣ намоянд.
- Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки муаррифии гурӯҳҳоро мувофиқи нишондиҳандаҳои зерин арзёбӣ кунанд:
- ✓ Муаррифӣ хоно ва фаҳмо пешниҳод шудааст;
- ✓ Баромадкунанда мавзӯъро фаҳмо ва хуб пешниҳод кард;
- ✓ Баромадкунанда ба забони адабӣ сухан гуфт.

Кластерҳои хонандагонро ҷамъ оварда, дар гӯшаи синф нигаҳ доред ё дар ҷувздони (портфолиои) хонандагон ҷо диҳед.

## Дуруст ё нодуруст

**Шарҳ:** Воситаи мазкур ба хонандагон имкон медиҳад, ки ба моҳияти аломатҳои вергул, нуқта ва савол сарфаҳм рафта, дар навишти ҷумлаҳои сода истифода баранд.

**Тартиб**:
- Як рӯз пеш ба хонандагон вазифа диҳед, ки матни хурдеро (худашон интихоб мекунанд) аз китоби дарсӣ дар варақи алоҳида рӯйнавис кунанд, аммо аломатҳои китобати онро нагузоранд.
- Рӯзи дигар хонандагонро дунафарӣ шинонда, аз онҳо хоҳиш кунед, ки матни навиштаашонро ба ҳамдигар иваз намоянд.
- Сипас аз хонандагон хоҳиш кунед, ки матнро хонанд ва аломати китобатро дуруст гузоранд.
- Синфро назорат кунед ва боварӣ ҳосил намоед, ки хонандагон ҳангоми иҷрои машқ аз китоби дарсӣ истифода намебаранд.
- Баъд аз он хонандагон хоҳиш намоед, ки варақҳоро ба шарикашон баргардонанд ва натиҷаи кори якдигарро бо матни асл муқоиса кунанд, ба ҳамдигар баҳо диҳанд.
- Сипас, аз хонандагон хоҳиш кунед, ки ғалатҳои якдигарро муҳокима намоянд.

**Диққат!** Дуруст гузоштани аломати китобат машқи зиёдро талаб мекунад. Омӯзгор бояд барои рангорангу шавқовар шудани машқҳо аз усули гуногун истифода барад.

Усули мазкур чӣ манфиат дорад:
- Хонандагон ҳангоми рӯйнавис кардани матн мавқеи аломати китобатро дар хотир мегиранд;
- Ҳангоми иҷрои машқ ба донишу таҷрибаи асосии худ такя карда, аломати китобатро мегузоранд;
- Ба худ ва ба ҳамдигар баҳо медиҳанд.
- Фароҳам овардани имкони зиёд барои дарк кардани масъулият ба таҳсил асоси низоми хонандамеҳвар аст, аз ин лиҳоз истифодаи чунин усулҳо барои такмили ин низом манфиатбахш мебошад.

## Барои чӣ?

**Шарҳ:** Усули мазкур имкон медиҳад, ки хонандагон барои аниқ кардану пурра фаҳмидани ахбор (нақл) савол диҳанд. Тавассути ба саволи «Барои чӣ?» ҷавоб додан

хонандагон малакаи баланди фикррониашонро тақвият медиҳанд. Онҳо ҷавобҳои гуногун пешниҳод карда, ахборро таҳлил мекунанд.

**Тартиб**:

- Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки матнро мустақилона ва хомӯшона хонанд.
- Барои санҷидан доир ба матн ба хонандагон якчанд савол диҳед: Кӣ? Чӣ? Кай? Дар куҷо?
- Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки матнро бори дигар хонанд.
- Сипас, тавассути бозии "Барфбозӣ" (нигаред ба тавсияҳои боло) саволу ҷавобро бо ифодаи "Барои чӣ?" оғоз намоед. Нигаред ба намуна ва матни поён.

  Масалан:

  **Омӯзгор**: Писарак барои чӣ ба кӯҳу дашт мерафт?

  **Хонанда**(гон) 1: Ба шикор. Писарак барои чӣ шикор мекард?

  **Хонанда**(гон) 2: ҳмм … барои ғизо хӯрдан, вақтгузаронӣ.

- Саволҳоро шавқовар ва мураккабтар гардонед, то хонандагон ба фикр кардан водор шаванд.

  Ё

- Аз хонандае хоҳиш кунед, ки ба ҷойи шумо ояд ва хонандагони дигар дар асоси матн ба ӯ бо ифодаи «Барои чӣ?» савол диҳанд. Хонанда ба саволҳои онҳо ҷавоб гӯяд.

## Диаграммаи Венн

**Шарҳ:** Диаграммаи Венн ба хонандагон имкон медиҳад, ки ҷиҳатҳои фарқунандаи навъҳои матн (афсона, ҳикоя, муколама, мактуб ва ғайра)-ро аниқ сохта, хусусиятҳои онҳоро номбар кунанд. **Диаграммаи Венн** - усулест барои ёфтани фарқ ва умумияти мафҳум, ҳодиса, ашё ва муқоисаи онҳо. Омӯзгор метавонад онро дар муқоисаи симоҳои мусбат ё манфии матн, фарқи ашёи гуногун аз рӯйи мазмуни он истифода барад. Талабагон монандӣ, фарқ ва муқоисаро дар дафтари худ ё лавҳаи синф менависанд.

**Тартиб**:

- Ба хонандагон ду навъи матн пешниҳод намоед. Масалан: афсона ва ҳикоя
- Дар тахтаи синф ду доирае, ки ҳамдигарро мебуранд, кашед.



Дар болои доираи якум *ҳикоя* ва дар болои доираи дуюм *афсона* нависед.



- Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки матнҳоро аз назар гузаронанд ва ҷиҳатҳои монанди онро аниқ кунанд. Монандиҳоро дар байни буриши доираҳо нависед. Сипас, аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ҷиҳатҳои фарққунандаи матнҳоро муайян кунанд ва ин фарқро мувофиқи навъи матн ба дохили доираи зарурӣ нависанд.
- Сипас маълумоти дохили доираҳоро таҳлил кунед.
- Дарси дигар ба хонандагон ду навъи матн пешниҳод карда, хоҳиш кунед, ки онҳоро муқоиса намоянд.

### Савол ба муаллиф

**Шарҳ:** Ин усул имкон медиҳад, ки ҳангоми кор бо китобҳои дарсӣ мушкилот паси сар карда шавад. На ҳама вақт ахбори кофӣ барои фаҳмиши пурраи матн дар китобҳо мавҷуд аст. Ғайр аз ин, вақте ки хонандагон бо маводи мушкилфаҳм рӯбарӯ мешаванд, беҷуръатӣ зоҳир карда, барои пурра фаҳмидани маводи он кам кӯшиш мекунанд.

**Тартиб**:

1) Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки аз саҳифаи … то … бодиққат хонанд.

- Ҳангоми хондани боб (қисмат, параграф) калима ё ҷумлаҳои душворфаҳмро ишора кунанд.
- Хонандагон қисматҳои душвор ва нофаҳморо ба дафтарашон нависанд ва саволҳо таҳия кунанд.
- Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ягон нафар ихтиёран дар нақши муаллифи матн баромад намуда, ба саволҳо ҷавоб диҳад.
- Шахси хоҳишманд дар мобайни давра ё назди лавҳаи синф ба саволҳо ҷавоб медиҳад (Барои хонандагонро ба таҳлил водор кардан саволҳои зеринро истифода бурдан мумкин аст: «Ба фикри шумо , муаллиф дар ин ҷо дар бораи чӣ нақл мекунад?», «Барои чӣ муаллиф дар ин бора ба мо маълумот медиҳад?»).
- Муаллиф бо навбат иваз карда мешавад.

### Рӯзнома

**Шарҳ:** Усули мазкур ба хонандагон имкон медиҳад, ки ҳангоми хондани калимаҳои мураккаб ва оҳанги ҷумла ғалати содиркардаашонро мустақилона ислоҳ намоянд. Ба хонандагон додани имкони таҳлилу таркиби матн ва мустақилона ва сипас, бо ёрии ҳамсол муайян намудани маънии калима ва ибораҳои мураккаб ин баланд бардоштани масъулияти хонандагон нисбат ба таълим аст.

**Тартиб**:

- Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки калима ва ибораҳои мураккаб ва душворфаҳми матнро муайян карда, дар сутуни аввали ҷадвали зерин нависанд.

| Иқтибос | Шарҳ |
|---|---|
| | |
| | |

- Сипас ин калима ва мафҳумҳоро бо суханони худ шарҳ диҳанд.

- Хонандагонро дунафарӣ муттаҳид карда, аз онҳо хоҳиш намоед, ки ҷадвали пуркардаашонро муҳокима намоянд.
- Баъди ин амал аз хонандагон хоҳиш намоед, ки калима ва ибораҳоро бо шарҳашон ба аҳли синф хонанд. Аз хонандагони дигар хоҳиш намоед, ки ба ақидаи гуфташуда иловаҳо кунанд. Шумо барои дуруст дарк кардани маънии калима ва ибораҳои интихобшуда ба хонандагон ёрӣ расонед. Шарҳ диҳед.

### Мехонем ва муҳокима менамоем

**Шарҳ:** Усули мазкур ба хонандагон имкон медиҳад, ки матнро хонда, ҳангоми нақли мазмун мулоҳизаронӣ карда, фикри асосиро муайян карда тавонанд. Инчунин муҳокимаи мавзӯъ ва маънии матн ҳангоми хондан барои такмили малакаи хондан хеле муфид аст.

Тартиб:

- Хонандагонро ба гурӯҳҳои дунафарӣ муттаҳид кунед.
- Матнро интихоб карда, ҷойҳои исти онро муайян созед. Ба хонандагон он қисмҳоро нишон дода гӯед: «Аввал сархати якуми матнро мустақилона хонед ва сипас, бо шарикатон чизи фаҳмидаатонро нақл кунед. Ба саволҳои зерин ҷавоб гардонед: Чӣ ба шумо маъқул шуд? Чӣ нофаҳмо буд? Муаллиф чӣ мехоҳад?
- Хонандагон ба хониши мустақилона шурӯъ мекунанд. Шумо дар синф давр зада, ин равандро мушоҳида кунед.
- Баъди хондани қисми якум аз хонандагон хоҳиш намоед, ки онро муҳокима намоянд. Дар дафтарашон қайдҳо кунанд.
- Метавонед аз гурӯҳи дунафарӣ хоҳиш намоед, ки инро ба аҳли синф намоиш диҳанд.
- Баъд гурӯҳҳо ин амалро бо қисми дигари матн идома медиҳанд.
- Пас аз хатми матн аз гурӯҳҳои дунафарӣ хоҳиш намоед, ки фикру ақидаашонро оид ба матн ба гурӯҳи дигар гӯянд ва муҳокима намоянд. (Гурӯҳҳои чорнафара).
- Ин амалро якчанд маротиба бо қисмҳои дигари матн иҷро намоед.

### Медонам, донистан мехоҳам, донистам (МДД)

**Шарҳ:** Усули МДД (ихтисораи «Медонам», «Донистан мехоҳам», «Донистам») усули ҷустуҷӯй - тадқиқот буда, барои фаъолона ҳал карани масъалаи нав ёрӣ мерасонад.

Тартиб:

- Аз рӯйи мақсад ва мавзӯи дарс ангезиши зеҳн гузаронида мешавад.
- Ба хонандагон саволҳо дода, сутуни аввалро пур мекунем.
- Ба онҳо савол дода мешавад, ки оид ба мавзӯи дарс чиро донистан мехоҳанд.
- Ба ҳамин тариқ сутуни дуюм низ пур карда мешавад.
- Пас аз хондани матни пешниҳодшуда ба сутуни дуюм баргашта, муайян мекунем, ки хонандагон ба кадом саволҳои худ ҷавоб ёфтанд.
- Он ҷавобҳо ба сутуни сеюм навишта мешаванд.
- Сипас муайян месозем, ки то кадом андоза навиштаҳои сутуни аввал ба дониши мавҷудаи хонандагон мувофиқанд.

| Медонам | Донистан мехоҳам | Донистам |
|---|---|---|
| Дониши мавҷуда бо як | ? | ? |

| | | |
|---|---|---|
| калима ё ибора баён карда мешавад. | | |
| Дониши мавҷуда бо як калима ё ибора баён карда мешавад. | Саволҳое сабт мегарданд, ки ба масъалаҳо вобастаанд. | ? |
| Дониши мавҷуда бо як калима ё ибора баён карда мешавад. | Саволҳое сабт мегарданд, ки ба масъалаҳо вобастаанд. | Имкони ёфтани ҷавоб ба саволҳоро инъикос менамояд |

**Рӯзномаи дубахша**

**Шарҳ:** «Рӯзнома» ҷадвалест, ки ду бахш/қисм дорад. Аз ин рӯ онро гоҳо «рӯзномаи дубахша» низ мегӯянд.

| Иқтибос | Шарҳу тафсир |
|---|---|
| | |
| | |

Ин усулро ҳангоми кор бо луғат, шарҳу тафсири ягон мафҳум, маънидод кардани зарбулмасалу мақолҳо ва тадқиқи мазмуни матн истифода мебаранд.

Тартиб:

- Аз хонандагон хоҳиш карда мешавад, ки варақи дафтарашонро ба ду тақсим кунанд.
- Дар тарафи чапи дафтар калимаи «иқтибос» ва тарафи рости он калимаи «шарҳ»-ро нависанд.
- Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки матнро хонанд ва дар тарафи чапи дафтар, ки калимаи «иқтибос» навишта шудааст, андешаҳои таваҷҷӯҳангезро қайд кунанд.
- Пас аз қайди андешаҳои ҷолиб, дар тарафи рости дафтар, ки калимаи «шарҳ» навишта шудааст, андешаҳои овардашударо таҳлил кунанд.

Масалан:

Дар «Рӯзномаи дубахша» калимаҳои маҷозиро шарҳ диҳед.

| Калима | Шарҳи калима |
|---|---|
| Осорхона | Осорхона ҷой ё биноест, ки дар он ёдгориҳои таърихӣ, санъат ва дастовардҳои илму техника нигоҳ дошта мешаванд. |
| | |
| | |

## 1.3.2. Ташкил намудани машғулиятҳои дунафарӣ ва гурӯҳӣ

Дар дарсҳои тавсиявии стандартҳои фанҳои "Забони модарӣ" ва "Математика" шумораи зиёди машқҳое, ки дар онҳо хонандагон дунафарӣ ё дар гурӯҳҳои хурд

машғули кор мешаванд, мавҷуданд. Сохтани чунин гурӯҳҳо хеле осон ва зуданҷом аст, агар онро ба тарзе иҷро кунед, ки хонандагон аз ҷойҳояшон нахезанд.

Кор дар гурӯҳҳои дунафарӣ

Роҳи осони ба чунин гурӯҳҳо ҷудо намудан аз хонанда хоҳиши ба ҳампаҳлӯяш машғул шудан аст. Агар хонандагон дар як қатор нишаста бошанд, онҳоро ба гурӯҳҳои дунафарӣ ҷудо кунед, яъне хонанда бо ҳамсабақи дар бараш нишаста машғули кор мешавад. Агар хонандае бе рафиқ монад, шумо метавонед онҳоро сенафарӣ шинонед ва ё худи шумо ҳамнишини ӯ шавед (вале ин амал на он қадар хуб аст, зеро шумо дигаронро шунида ва дар вақти зарурӣ ёрӣ расонида наметавонед).

Дар аввали машқ ду нафар кор карда, дигарон ба онҳо гӯш медиҳанд. Ин навъи машқро машғулияти дунафарии кушода меноманд.

Ҳангоме ки хонандагон маводи навро пурра аз худ карданд, аз онҳо хоҳиш карда мешавад, ки дар гурӯҳҳои дунафараи пӯшида кор кунанд, яъне ҳамаи хонандагон дар як вақт мустақилона машғули кор мешаванд. Хонандагонро хотиррасон намоед, ки оромона суҳбат кунанд.

Нақшаи ташкили корҳои дунафарӣ:





Кор дар гурӯҳҳо

Одатан гурӯҳҳои се, чор ё панҷнафараро тавсия мешаванд. Барои он ки гурӯҳҳои зиёда аз панҷ нафар натиҷаҳои хуб нахоҳанд дод: чанде аз хонандагон машғули кор намешаванд. Роҳи осони ташкили машғулиятҳои гурӯҳӣ он аст, ки ду хонандаи дар мизи пеш нишаста тарафи ду хонандаи дар пасашон нишаста баргашта, бо ҳамдигар машғули кор мешаванд. Нақшаи зерин роҳҳои ташкил намудани гурӯҳҳои се-чорнафариро нишон медиҳад.

Нақшаи ташкили корҳои гурӯҳҳои чорнафарӣ:





Нақшаи ташкили корҳои гурӯҳҳои панҷнафарӣ:





### 1.3.3. Идоракунии овоз дар раванди дарс

Бисёр машқҳое ҳастанд, ки дар он хонандагон малакаи гуфтани худро такмил медиҳанд ва ин боиси каме ғалоғула мешавад. Ба ҳар ҳол усулҳое мавҷуданд, ки шумо метавонед ғавғоро назорат кунед. Пеш аз ҳама шумо бо овози паст гап занед, хонандагон низ паст гап заданро ёд мегиранд. Инчунин ба онҳо метавонед чунин таълим диҳед: дасти худро бардоштанатон чунин маъно дорад, ки машғулият ва гап заданро бас карда, ба шумо гӯш диҳанд.

Омӯзгор бояд ба хонандагони худ дар гурӯҳ беғавғо ва оромона кор карданро омӯзонанд. Дар ин усул овоз ба дараҷаи лозима бояд истифода шавад. Инчунин омӯзгор бояд барои ба тартиб даровардани кор ва бартараф кардани мунозираҳо ба хонандагон ёрӣ расонад. Инро бо иҷрои якчанд қоидаҳои одӣ, аз қабили сухани дигаронро гӯш кардан, ба навбат гап задан, иҷрои амале, ки аксарият қабул кардаанд, ҳамчунин якҷоя бо хонандагон кор кардан ва ба онҳо додани вазифаҳо амалӣ кардан мумкин аст. Масалан, ҳар як гурӯҳ метавонад баранда, довари вақт ва ғ. Дошта бошад ва хонандагон бо навбат ҳар яки ин вазифаҳоро иҷро намоянд.

### 1.3.4. Роҳу воситаҳои ташкил намудани муаррифии натиҷаҳои кори хонандагон

Ҳангоми корҳои гурӯҳӣ ва лоиҳавӣ хонандагон дар гурӯҳҳои хурд муаррифӣ омода мекунанд. Хонандагон натиҷаи кори гурӯҳии худро ба тамоми синф намоиш дода, онро шарҳ медиҳанд. Расмҳоро ба тахтаи синф овехтан мумкин аст, лекин баъзан ин кор ба осонӣ муяссар намегардад. Ба ҷойи ин шумо метавонед дар синф як ресмонро кашида, варақаҳоро қат карда, ба он овезед ё ин ки ба ресмон тарзе маҳкам кунед, ки ҳар як хонанда онҳоро дида тавонад. Агар тахтаи синф васеъ бошад. Барои иҷрои машқ хеле мувофиқ аст.

## 1.4. Тарзи гузаронидани лаҳзаҳои дамгирӣ

**Машқ ё *лаҳзаҳои дамгирӣ*** фаъолияти кӯтоҳ ва шавқоварест, ки дар лаҳзаҳои гуногуни дарс гузаронида мешавад. Лаҳзаи дамгирӣ ҳаракати ҷисмонии хонандагонро талаб мекунад ва ба ин васила онҳоро «бедор» карда, хастагиро рафъ ва шавқро ба дарс зиёдтар менамояд. Лаҳзаҳои дамгириро дар навбати худ ба мавзӯи дарс мутобиқ

сохта, ҳамчун лаҳзаи фаъолгардонии дарс истифода бурдан мумкин аст. Лаҳзаи дамгирӣ набояд зиёда аз 5 дақиқаи дарсро фаро гирад.

Барои намуна ду лаҳзаи дамгириро пешниҳод менамоем.

**Муфаттиш ва пешоҳанги махфӣ**

**Шарҳ:** Ин бозии "ҷустану ёфтан" буда, малакаҳои гӯш кардан, мушоҳида ва таҳлил карданро такмил медиҳад.

Тартиб:

- Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки дар шакли давра истанд.
- Яке аз хонандагонро ҳамчун «муфаттиш» интихоб намоед. Аз ӯ хоҳиш кунед, ки ба муддати кӯтоҳ аз синф берун барояд.
- Аз хонандагони дигар хоҳиш намоед, ки якеро ҳамчун «пешоҳанги махфӣ» интихоб намоянд.
- Ба хонандагон фаҳмонед, ки «пешоҳанги махфӣ» ягон ишораеро оғоз мекунад ва дигарон ин ишораро бо ӯ иҷро мекунанд. Масалан, агар «пешоҳанги махфӣ» қарсак занад, ҳама якҷоя қарсак мезананд ва амсоли он.
- «Муфаттиш» ба синф баргаршта дар марказ ё берун аз давра меистад ва мушоҳида менамояд. «Муфаттиш» бояд бодиққат мушоҳида карда, «пешоҳанги махфӣ»-ро ёбад.
- Агар «муфаттиш» «пешоҳанги махфӣ»-ро ёбад, ба хонандагони дигар ҳамроҳ мешавад ва сипас, омӯзгор хонандаи дигарро ҳамчун «муфаттиш» ва «пешоҳанги махфӣ» интихоб карда, бозиро ба тартиби боло идома медиҳад.

**Пешвое фармон медиҳад**

**Шарҳ:** Ин усули фаъол буда, хонандагон малакаҳои гӯш кардаашонро истифода бурда, фармони пешсафро танҳо бо гуфтани "Пешвое фармон медиҳад..." иҷро мекунанд.

**Тартиб**:

- Хонандагон ба давра меистанд. Омӯзгор фармон медиҳад ё хонандаеро барои фармон додан интихоб мекунад. Фармондиҳанда "Пешвое" аст.
- Пешвое ба синф фармон медиҳад ва аҳли синф фармони ӯро иҷро мекунанд. Аҳли синф танҳо дар ҳолате фармони Пешвое ро иҷро мекунад, ки агар ӯ пеш аз фармон додан ибораи "Пешвое фармон медиҳад"-ро илова кунад. Агар Пешвое ба фармонаш "Пешвое фармон медиҳад" илова накунад хонандагон ин фармонро иҷро намекунанд. Хонандагон то гуфтани фармони нав дар ҳолати пештараашон меистанд.
- Пешвое метавонад чизҳои шавқовар ва эҷодкоронаро ба синф фармон диҳад. Масалан, ӯ чунин гуфта метавонад "Пешвое фармон медиҳад ... ангуштатонро ба гушатон монед". Хонандагон бояд ин фармонро иҷро намоянд.
- Мисоли дигар: Агар Пешвое н гӯяд "Дастонатонро бардоред" хонандагон бояд ин амалро иҷро намоянд.
- Агар Пешвое амалеро бе гуфтани "Пешвое фармон медиҳад" фармон диҳад ва хонанда онро иҷро намояд бояд аз давра ба берун барояд.

Ин бозиро то дар давра боқӣ мондани як хонанда иҷро намоед. Ин хонанда ғолиби бозӣ эълон карда мешавад ва агар бозиро идома доданӣ бошед, он гоҳ маҳз ҳамин хонанда дар нақши Пешвое бозӣ мекунад, яъне ба дигарон фармон медиҳад.

## II. Методҳои таълими фанни «Забони модарӣ» дар низоми таълими салоҳиятнокӣ

### 2.1. Ташаккули салоҳиятҳои хондан

Барои муайян намудани методҳое, ки барои ташаккули салоҳиятҳои хондан мусоидат менамоянд, сараввал омӯзгор бояд таркиби ҳар як салоҳияти дар стандарт нишондодашударо сарфаҳм равад. Барои интихоби метод тафсир, натиҷаҳои таълим, фаъолиятҳои таълиме, ки салоҳияти мушаххасро фаро мегиранд, бояд аниқ карда шаванд.

Дар стандартҳои фанни "Забони модарӣ" аз хондан барои ҳар як синф чор салоҳият пешниҳод карда мешавад.

Ҳар як салоҳият аз маҷмӯи дониш, малака ва маҳорат иборат аст. Барои пурра фаҳмидани ҳар як салоҳият дар поён ҷадвали тафсири салоҳиятҳо нишон дода мешавад. Дар он натиҷаҳои таълим ва фаъолиятҳои таълимӣ низ нишон дода мешаванд. Шояд, шумо пурсед, ки чаро номгӯйи мавзӯъҳо оварда намешавад? Бори дигар қайд мекунем, ки дар низоми таълими салоҳиятнокӣ малака ва иҷрои амалии он асос аст. Мавзӯъҳо танҳо воситаҳои машқ ва азхуд кардани малакаҳо мебошанд. *Омӯзгор ҳуқуқ дорад, мавзӯъҳои таълимро мувофиқи талабот, шароит ва имконҳои мактаб ва қобилияту шавқи хонандагон интихоб кунад.* Зеро малака ё салоҳият новобаста аз мавзӯъ ташаккул дода мешавад.

### 2.1.1. Зерсамти якум: қоидаҳои хондан

Зерсамти якум салоҳиятҳои шинохтан ва истифодаи қоидаҳои хондани матнро фаро мегирад. Матн яке аз воситаҳои нутқ буда, ахбор ва муошират тавассути хат пешниҳод карда мешавад. Нутқи хаттӣ мувофиқи талаботи забони адабии тоҷик баён мегардад, шакл ва маънои калимаҳо, фикру ақидаҳо дар сохтор ва қолаби муайян пешниҳод гашта, дарки маънӣ ва ахборро осон ва дастрас менамояд.

Қоидаҳои хондани матн чунинанд:

- Самт, матн дар забони тоҷикӣ аз чап ба рост навишта ва хонда мешавад.
- Аломатҳои китобат маъно ва ифоданокии матнро ба хонанда интиқол медиҳанд.
- Фосила: фосила дар матн барои ҷудо кардани калимаҳо, ҷудо кардани фикр (ақида) истифода мешавад.
- Шакли ҳарф: ҳарфи калон ва ҳарфи хурд. Шакли ҳарф ба хонанда маънои иловагиро оид ба ақидаи нав, ба хонанда шахс, макон ё ашё будани калимаҳоро ҳангоми хондан мефаҳмонад.
- Хондани калимаҳои сохта, мураккаб ва иқтибосӣ.
- Имло: калимаҳо мувофиқи меъёрҳои имло навишта шудаанд ва фаҳмидани онҳо осон мегардад.
- Истифода: воситаҳои тасвири бадеӣ барои дарки ғояҳои матн ёрӣ мерасонанд.

### 2.1.2. Зерсамти дуюм: салоҳиятҳои истифодаи стратегияҳои хониш

Зерсамти дуюм салоҳиятҳои истифодаи стратегияҳои хонишро фаро мегирад. Сараввал бояд мафҳуми стратегияи хонишро баррасӣ кунем. **Стратегияҳои хониш ҷараёни фикрӣ буда, барои мустақилона хондан ва дарк кардани матн ёрӣ**

**мерасонанд.** Ҷараёни мазкур фаъолияти мақсадноки пешакӣ банақшагирифта аст, ки барои хубтар фаҳмидан ё дар хотир нигоҳ доштани матн ёрӣ мерасонад. Стратегия истифодаи мунтазами ҷараёни фаъолиятҳои маърифатӣ (фикронӣ) пеш аз хондан, ҳангоми хондан ва баъд аз хондан аст. Стратегияҳои хониш имкон медиҳанд, ки хонандагон сатҳи фаҳмишашонро баланд бардошта, мушкилоти дарки маънии матнро паси сар намуда, дониши суст ва номукамали худро оид ба матн ҷуброн кунанд.

**Стратегияи фаъолгардонии дониши пешина (мавҷуда) ё пешгӯйӣ.** Хонандагон оид ба маълумоте, ки аллакай медонанд ва ин донишро якҷоя бо дигар нишонаҳо маънои чизи хондаашонро дарк мекунанд ё оид ба идомаи ҳодисаҳои матн фарзия месозанд. Ин маънои онро дорад, ки хонандагон хондани матнро идома медиҳанд ва дурустии худро аниқ месозанд.

**Стратегияи саволгузорӣ.** Хонандагон ҳангоми хондан оид ба ақидаҳои асосӣ савол гузошта, кӯшиш мекунанд, ки ба онҳо ҷавоб гардонанд. Ҳангоми таҳияи саволҳо аз ҷонишинҳои саволии *дар куҷо* ва *барои чӣ* истифода мебаранд.

**Тасаввур кардан.** Хонандагон чизи дар матн тасвиршударо хаёлан тасаввур мекунанд.

**Мушоҳида, муайянкунӣ ё ислоҳ кардан.** Хонандагон диққат медиҳанд, ки оё матни хондаашонро мефаҳманд ё не, онҳо матнро бори дигар мехонанд ё стратегияҳоеро истифода мебаранд, ки ба онҳо барои дарки мазмуни матн ёрӣ мерасонанд.

**Баровардани хулоса.** Хонандагон ахборе, ки барои дарки мазмун матн заруранд, аммо ин ахбор дар матн наомадааст ё пурра шарҳ дода нашудааст.

**Ҷамъбаст / Нақл кардан.** Хонандагон ба таври кӯтоҳ нуктаҳои асосии матни хондаашонро шифоҳӣ ё хаттӣ баён мекунанд.

### 2.1.3. Зерсамти сеюм салоҳиятҳои дарки маънои матн

Зерсамти сеюм салоҳиятҳои дарки маънои матнро фаро мегирад. Дар адабиёти илмӣ-методӣ барои тафсири дарки маънии матн мафҳумҳои "хониши шуурнок" ё "хониши бошуурона" истифода бурда мешавад. Дар аксари сарчашмаҳои таълимию методӣ хониши бошуурона чунин таъриф дода мешавад: "хониши бошуурона ҷараёни гирифтан ва сохтани маънӣ тавассути хондани нутқи хаттӣ мебошад". Гирифтани маънӣ, дарк кардани ақидаи муаллифи матн мебошад. Сохтани маънӣ таҳлили ақидаи муаллиф тавассути ба ҳам овардани "қобилият, малака, дониш ва таҷрибаи" шахс ва он матне, ки мехонад, мебошад. Малакаи хониши бошуурона унсурҳо ё зермалакаҳои дигари хонданро ба мақсади дарки маънии матн ба ҳам тавъам месозад.

Дарки маънии матн тавассути равандҳои маърифатии гуногун сурат мегирад. Шахсе, ки матнро мутолиа мекунад, роҳу восита ва тартиби мухталифро ба мақсади дарки маънӣ истифода мебарад. Равандҳои дарки маънии матнро Ирвин Ҷ, У ба панҷ зергурӯҳ ҷудо кардааст[3]:

**Равандҳои хурд** – ба дарки маънии ҷумлаҳо равона мегардад. Хонанда ҳангоми хондан мазмуни ҷумларо ба синтагмаҳо (нутқи мо ба ҳиҷоҳо ҷудо мешавад) ҷудо

[3] Irwin, I.W. (1991). Teaching reading comprehension processes (2nd ed). Boston: Allyn & Bacon.

карда мехонад ва мазмуни асосии ҷумларо дар хотир мегирад. Хонандагоне, ки ҷумларо ҳангоми хондан ба синтагмаҳо мантиқӣ ҷудо мекунанд, малакаи хуби хондан доранд, яъне матнро равону бурро мехонанд ва мазмуни онро хуб дарк мекунанд. Аммо агар хонанда ҳангоми хондан калима ба калима хонад ва ҷумлаҳоро ба синтагмаҳо ҷудо накунад, он гоҳ дар дарки маънии матни хондааш мушкилӣ мекашад. Масалан, ҷумлаи "Ҷӯраҷон, ту камнамо нашав. Ба хонаи ман биё, туро як зиёфат кунам."- ро ба синтагмаҳо ҷудо мекунем.

Ҷураҷон, / Ту камнамо нашав. / Ба хонаи ман биё, / туро як зиёфат кунам.

Барои ба синтагмаҳо ҷудо кардан пешояндҳо, беист хондани ибораҳои изофӣ, аъзои чидаи ҷумла, ки бо пайвандаки –у пайваст шудаанд, донистан лозим аст.

Барои ташаккули малакаи ба синтагмаҳо ҷудо карда хондан, омӯзгорон метавонанд аз усулҳои хониши намунавии омӯзгор, гӯш кардани сабти овозии матн, хониши дастаҷамъона ва амсоли инҳо истифода баранд.

**Раванди алоқаманд кардан** – раванди алоқаманд кардани маънои матниқӣ (семантикӣ) ва синтаксисӣ (наҳвӣ) ва алоқаи байни ҷумлаҳо мебошад. Ҳангоми хондан хонандагон мазмуни ҷумлаҳоро ба ҳам алоқаманд, карда мазмунро пурра месозанд. Барои алоқаманд кардани ҷумлаҳо ҷонишинҳо, калимаҳои ҳаммаъно, таҳлили сабабу натиҷа ва пайвандакҳои инчунин, аммо, барои он ва ғайра ёрӣ мерасонанд.

Масалан дар матни зерин воситаҳои алоқа бо ҳарфҳои сиёҳ нишон дода шудаанд: Заргӯшак лаҳзае ҳайрон монд. **Баъд** ба пеши пойҳояш **нигарист**. **Дид**, ки як **арғамчини рангобаранг** хобидааст. Хам шуда, **арғамчинро** гирифтан хост. **Аммо** нохост **арғамчин** ҷунбиду **сарашро** ба тарафи заргӯшак гардонда, **даҳонашро калон** кушод. Вай **арғамчин** не, **мор** будааст! Заргӯшак **тарсиду гурехт** ва **аз ҳавлиашон боз дуртар** рафт.

Барои дарки алоқамандӣ омӯзгор метавонад ҳангоми хондани якҷояи матн ист карда, саволҳои шарҳдиҳанда пурсад.

– Харгӯшак дар пеши пояш чиро дид?
– Чаро арғамчинро гирифта натавонист?
– Арғамчин ва мор ба ҳам монананд? Чӣ монанди доранд ва чӣ фарқият?
– Чаро заргӯшак гурехта, аз хона дуртар рафт?

Инчунин омӯзгор метавонад ҳангоми хондан муҳокима ташкил намояд.

**Раванди фарогир** - ин раванд таҳлили умумии матнро фаро мегирад. Ду унсури асосии раванди мазкур: шинохти сохтори матн ва интихоби ахбори муҳим барои ба хотир гирифтан мебошанд. Хонанда ақида ва ахбори аз матн хондаашонро ба низом медароранд ва ҷамъбаст мекунанд. Барои ин хонанда донишро оид ба сохтори умумии матн (ҳикоя) истифода мебарад. Хонандагон унсурҳои сохтори матн, воситаҳои тасвири бадеӣ, ибораҳои рехта ва амсоли онро барои дарки маънои матн меомӯзанд.

Барои дарки маънии матн хонандагон бояд жанри онро донанд. Ин имкон медиҳад, ки тахаюлӣ ё ҳақиқӣ будани мазмуни матнро муайян карда, ҳамзамон дониш ва таҷрибаи худро барои дарки маънии матн дуруст истифода баранд.

**Раванди шарҳӣ-эзоҳӣ** - раванди мазкур ба хонандагон имкон медиҳад, ки аз доираи дарки ахбори матн берун рафта, ақидаи муаллифро таҳлил кунанд ва хулосаи мантиқӣ бароранд. Хонандагон таҷрибаи шахсии худро бо он чӣ, ки дар матн мехонанд алоқаманд мекунанд. Инчунин, мазмуни матнро бо матнҳои дигар муқоиса

мекунанд. Онҳо ҳангоми хондан мазмуни матнро ба дониши пешина алоқаманд мекунанд, пешгӯйӣ менамоянд, симоҳоро муайян мекунанд ва матни хондаашонро хаёлан тасаввур мекунанд. Омӯзгорон роҳу воситаи зиёдро барои дуруст ба роҳ мондани ин раванд истифода мебаранд.

**Равандҳои маърифатӣ (метакогнитивӣ)** ба низом даровардан ва тахти назорат гирифтани раванди истифодаи стратегияҳои хондан ва фикррони мебошад. Хонандагон стратегияҳои маърифатиро истифода бурда, дараҷаи фаҳмидани мазмуни матнро назорат ва арзёбӣ мекунанд. Хонандагон стратегияҳои фаъолгардонии дониши пешина ва ба худ савол додан, ки ҷузъи ҳалли масъалаҳо мебошанд истифода бурда, малакаи хондани худро қавӣ мегардонанд. Ин стратегияҳои маърифатӣ мебошанд, зеро онҳо хонандагонро ҳангоми хондан ба фикр кардан водор менамояд.

Дар таҳсилоти ибтидоӣ дониши маърифатии (метакогнитивии) хонандагон тавассути омӯхтан ва истифода бурдани стратегияҳо ташаккул меёбад. Барои аз худ кардан ва ба салоҳият мубадал гаштани стратегияҳо омӯзгор хонандагонро роҳбаладӣ мекунад. Вақте ки хонандагон дар хондан салоҳиятнок мешаванд, метавонанд мустақилона ва боэтимодона стратегияҳоро истифода мебаранд.

Омӯзгор стратегияҳоро дар раванди дарс ба хонандагон шинос мекунад. Ӯ тарзи истифодаи стратегияҳоро ба хонандагон ҳамчун намуна нишон дода, барои машқ кардани стратегияҳо ҳангоми хондан ва дигар машқҳо имкон медиҳад. Инчунин, омӯзгор тарзи таҳлилу арзёбии сатҳ ва сифати истифодаи стратегияҳоро ба хонандагон меомӯзад.

**Дастурҳо барои худомӯзии методҳои таълими хондан**

1) Тавсияҳои методиро бодиққат хонед.
2) Мазмуни тавсияҳои методиро бо ҳамкорон муҳокима кунед.
3) Салоҳиятҳо ва нишондиҳандаҳои салоҳиятнокии онҳоро хонед.
4) Муайян кунед, ки барои ташаккули ин салоҳиятҳо кадом методҳо мувофиқанд. Масалан, барои салоҳияти 4.3.3. методҳои "Диаграммаи Вен", "Пур кардани ҷадвали хониш", "Дар меҳмонии афсона", "Чӣ? Кай? Дар кучо?", "Диаграммаи барои чӣ?" ва ғайра мувофиқанд.
5) Методҳои интихобкардаатонро ба зери салоҳиятҳои мувофиқ (нигаред ба замима) нависед.
6) Тарзи истифодаи методро дар амал машқ кунед ва натиҷаҳо бадастомадаро таҳлилу арзёбӣ кунед.
7) Агар истифодаи метод натиҷаи дилхоҳ надод сабабашро муайян (шояд дар интихоби метод ё ҳангоми истифода ягон ғалат содир шуда бошад) кунед.

## 2.2. Методҳои таълими хондан

Дар поён методҳои таълими хондан дар маҷмӯъ пешниҳод мегарданд. Тавсияҳои методии зерин иборатанд аз: стратегия, методҳо, бозиҳо ва ғайра. Вобаста ба салоҳияти интихобшуда ва натиҷаҳои таълимии дарс, шумо метавонед тавсияҳои зеринро истифода баред. Дар хотир дошта бошед, ки стратегия, метод ва бозиҳои таълимӣ бе нишон додани мавзӯъ ё матни мушаххас пешниҳод карда мешаванд. Тавсияҳо шакли умумӣ доранд, шумо метавонед вобаста ба салоҳият, натиҷаи таълим ва матни интихобкардаатон яке аз усулро мутобиқ созед. Дар хотир дошта бошед, ки усулҳо на барои як маротиба истифода бурдан, балки барои истифодаи чандкарата тавсия мешаванд.

Бо истифодаи методҳои зерин омӯзгорон метавонанд дарсҳоро шавқовар ва самаранок гардонда, барои ташаккули салоҳиятҳои хонандагон заминаи мустаҳкам гузоранд.

**Зуд ва бехато**

**Шарҳ:** Бозии мазкур барои мустаҳкам намудани дониши номи ҳарф, шакли графикии он, машқи луғат истифода мешавад.

**Тартиб**:

- Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки бо падару модарашон ё бо ёрии шумо мувофиқи шумораи ҳарфҳои алифбои забони тоҷикӣ (ҳарфҳои калон ва хурд) аз коғази ғафс (картон) доирача омода намоянд. Шумо низ чунин доирачаҳо омода кунед.
- Бо омӯхтани ҳар ҳарф аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ба доирачаи омодакардаашон ҳарфи калон ва хурдро нависанд.
- Ҳар дарс бозии «Зуд ва бехато»-ро бо ҳарфҳои омӯхтаатон гузаронед.

Тарзи гузаронидани бозӣ:

- ✓ доирачаи ҳарфдорро аз қуттӣ бардошта, ба аҳли синф намоиш диҳед, аз онҳо хоҳиш намоед, ки бо овози баланд ҳарфро талаффуз кунанд ва аз байни доирачаҳои ҳарфдор мувофиқашро боло бардоранд;
- ✓ синфро назорат карда, аниқ созед, ки ҳамаи хонандагон ҳарфи дурустро бардоштаанд;
- ✓ агар хонандае ҳарфи нодурустро бардошта бошад, аз аҳли синф хоҳиш намоед, ки ба ӯ ҳарфи дурустро нишон диҳанд;
- ✓ шумо метавонед бо навбат ҳар дарс аз хонандае хоҳиш намоед, ки ба ҷойи шумо ҳарфҳоро аз қуттӣ бардошта бозии “Бинго”-ро гузаронад.

Диққат!

- Синфро мушоҳида (назорат) намуда, диққат диҳед, ки ҳама ҳарфи мувофиқро бардоштаанд.
- Инчунин ба тарзи талаффузи хонандагон аҳамият диҳед, кӯшиш намоед, ки ҳамаи хонандагон ҳарфро дуруст талаффуз кунанд. Ба онҳо ёрӣ расонед.
- Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ҳарфҳои бардоштаи якдигарро мушоҳида кунанд ва дуруст ва нодуруст будани онро аниқ сохта, ба ҳамдигар ёрӣ расонанд.
- Ҳарфҳоро ба тартиби гуногун аз қуттӣ бароварда нишон диҳед. Барои боз шавқовартар кардани бозӣ пас аз баровардани доирачаи ҳарфдор онро чаппа

гардонида, кунҷковии хонандагонро зиёд гардонда, пас аз чанд сония ҳарфро ба хонандагон нишон диҳед.

### Киштӣ

**Шарҳ:** Бозии мазкур ба хонандагон имкон медиҳад, ки ҳарфҳои алифбои забони тоҷикиро шиносанд ва дуруст талаффуз кунанд.

**Тартиб**:

- Дар тахтаи синф расми киштиро кашед.
- Ба хонандагон чунин муроҷиат намоед: «Бачаҳо, мо ҳоло талаффузи овози «з»-ро машқ карда, ҷойи онро дар калимаҳо муайян намудем. Акнун биёед, ба киштӣ савор шуда (омӯзгор расми киштиро нишон медиҳад), ба сайр мебароем. Мо бо худ танҳо чизҳоеро мегирем, ки дар номи онҳо овози «з» мавҷуд бошад. Кӣ мегӯяд, ки мо бо худ чӣ чизҳоро мегирем?»
- Хонандагон номҳои ашёе, ки ҳарфи «з» доранд мегӯянд. Масалан: зоча, кӯза, зина, мӯза, сӯзан, занҷир…
- Агар имкон дошта бошед, расми якчанд ашёи гуфтаро дар дохили расми киштӣ кашед ва номи онро нависед.
- Сипас, калимаро хонда аз хонандагон хоҳиш намоед, ки баъд аз шумо такрор кунанд.
- Ин бозиро бо ҳарфҳои дигар низ истифода бурда метавонед.

### Тақлиди овозӣ

**Шарҳ:** Усули мазкур ба хонандагон имкон медиҳад, ки овозҳои забонро аз худ кунанд ва тадриҷан овозҳоро ба шакли графикии онҳо мувофиқ гузоранд.

**Тартиб**:

- Расмро ба хонандагон нишон дода, пурсед:

Парвина гулӯи худро ба табиб нишон дода, кадом овозро талаффуз мекунад? Бачаҳо талаффуз мекунанд: А – а – а.

- Аз хонандагон пурсед, ки онҳо дар боғи ҳайвонот кадом ҳайвонҳоро дидаанд? Баъд аз руйи расми «Дар боғи ҳайвонот» саволу ҷавоб ташкил кунед:
  - ✓ Гург даҳонашро калон кушода, чӣ хел овоз (садо) мебарорад? (У –у -у).
  - ✓ Паланг чӣ? (Ғуррр - ғуррр).
  - ✓ Зоғ чӣ? (Қаррр - қаррр).
- Ҳамин тавр, хонандагон расми ашёи гуногун: ҳайвонот, парандагон, созҳои мусиқӣ ва амсоли инҳоро дида, ба овози ҳар як ашё тақлидкунон садо мебароранд. Ғайр аз ин, аз чистон, тезгӯяк ва шеър истифода кардан мумкин аст.

### Таҳлили овозӣ – ҳарфӣ

**Шарҳ:** Фаъолияти мазкур ба хонандагони синфи якум имкон медиҳад, ки матни шиносро бурро хонда тавонанд.

**Тартиб**:

- Барои таҳлили овозӣ – ҳарфӣ калимаҳоро аз нутқи мураттаб ҷудо намоед. Хуб мешуд, калимаҳоеро интихоб намоед, ки дар аввал, мобайн ё охири онҳо овози нав вуҷуд дошта бошад. Калимаҳоро дар тахтаи синф нависед.
- Овозҳои алоҳидаи калимаҳоро мад кашида талаффуз кунед. (Ҳарфҳоро не, овозҳоро талаффуз кунед.) *Масалан: ооолллууу, лллоооллллааа, шшшоооонннааа.*
- Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки баъд аз шумо якҷоя, мувофиқи қаторҳо, дунафарӣ такрор намоянд. (Яъне, аввал тамоми синф, сипас қатори якум, дуюм ва сеюм, баъдан хонандагон дунафарӣ баъд аз шумо такрор намоянд).
- Ба калимаҳои дар тахтаи синф навиштаатон диққати хонандагонро ҷалб карда, хоҳиш кунед, ки онро чунон ки шумо талаффуз кардед, аввал аҳли синф, сипас қаторҳо ва баъд дунафарӣ талаффуз кунанд.
- Ин амалро метавонед, бо калимаҳои нави дар ҳар дарс омӯхта такрор намоед.

Диққат!

- Ба тарзи талаффузи хонандагон диққат дода, нодуруст талаффуз кардани хонандагонро муайян намоед;
- Сипас, аз хонандагоне, ки нодуруст талаффуз кардаанд, хоҳиш намоед, ки дар алоҳидагӣ пас аз шумо такрор намоянд.
- Ин амалро махсусан бо калимаҳое анҷом диҳед, ки хонандагон дар нутқи шифоҳиашон кам истеъмол мекунанд. Такрор ба хонандагон имкон медиҳад, ки тарзи талаффуз ва қолаби калимаро дар хотир нигоҳ дошта, маънии калимаи навро дарк кунанд. Яъне калимаҳо аз категорияи ношинос ба категорияи калимаҳои шинос ворид гарданд.

## Пешгӯйӣ

**Шарҳ:** Стратегияи мазкур ба хонандагон имкон медиҳад, ки аз рӯйи номи матн, расмҳо ва донишу таҷрибаи хеш мазмуни матнро пешгӯйӣ кунанд. Инчунин, он ба шумо имкон медиҳад, ки шавқ ва хоҳиши хонандагонро ба хондан бедор намоед. Яъне, раванди хонданро мақсаднок гардонед. Хонандагон матнро мехонанд, то ақидаи хешро тасдиқ ва ё рад кунанд.

Тартиб:

- Номи матнро ба хонандагон хонед. Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки китобҳояшонро пӯшанд.
- Ба хонандагон чунин муроҷиат намоед: "Ба фикри шумо, дар матн сухан дар бораи чӣ меравад?"
- Хонандагон фикру ақидаашонро мегӯянд. Ақидаашон нодуруст бошад ҳам, онҳоро рад накунед.
- Кӯшиш намоед, ки аксари хонандагон ақидаашонро пешниҳод намоянд. Чунин муроҷиат карда метавонед: "Рустам, ту чӣ фикр дорӣ? Азиза чӣ?"
- Кӯшиш намоед, ки хонандагон масъулият ҳис карда, фикрашонро пешниҳод намоянд. Кӯшиш намоед, ки фикри хонандагонро то охир гӯш кунед.
- Агар дар баробари матн расм бошад, шумо аз хонандагон хоҳиш кунед, ки мазмуни матнро аз рӯйи расм гӯянд.

Диққат!

Ҳангоми гузаронидани фаъолияти мазкур ба нишондиҳандаҳои зерин аҳамият диҳед:

- Хонандагон фикру ақидаашонро озодона ва мувофиқи мавзӯи матн пешниҳод менамоянд;
- Бо вуҷуди таъхир дар баёни фикр онҳо кӯшиш менамоянд, ки чизе гӯянд.

### Азназаргузаронӣ ва таҳлил

**Шарҳ:** Стратегияи мазкур имкон медиҳад, ки хонандагон маънои калима ва ибораҳо, мазмуни матнро дарк карда, барои пурра кардани мазмун аз расму мусавваҳо истифода баранд. Азназаргузаронӣ яке аз стратегияҳои хондан аст, ки бо машқ кардани он малакаи хониши хонандагон такмил меёбад. Минбаъд ин стратегияро барои муайян кардани унсурҳои гуногуни грамматикӣ, матн, услуб ва ғайра истифода баред. Дар ҳаёти минбаъда ин стратегияро хонандагон барои аз назар гузаронидани мундариҷаи рӯзномаву маҷаллаҳо, китобҳо, дастурамалҳо, барномаҳои телевизионӣ истифода бурда, нуктаи зарурииро муайян карда, онро қисман ё пурра мутолиа намоянд. Яъне, стратегияи мазкур ба малакаи ҳаётӣ мубаддал мегардад.

**Тартиб**:

- Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки матнро аз назар гузаронанд ва калимаҳоеро, ки барояшон аз ҷиҳати шакл ва маъно наванд, муайян созанд.
- Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки калимаҳои интихобкардаашонро ба дафтар рӯйнавис кунанд.
- Сипас, бо нафари дар паҳлуяшон нишаста, он калимаҳоро хонанд ва якҷоя тарзи хондан ва маънии онро шарҳ диҳанд.
- Ҳар ҷумлаи матнро хонед, ист кунед ва аз хонандагон хоҳиш намоед, ки калимаҳои барояшон нофаҳморо аниқ созанд. Сипас, ба аҳли синф супориш диҳед, ки он калимаҳоро шарҳ диҳанд. Агар аҳли синф шарҳ дода натавонанд, ба онҳо ёрӣ расонед.
- Агар матн бо расм тақвият дода шавад, он гоҳ аз хонандагон хоҳиш намоед, ки калима ё ибораҳоро ба сужети расм мувофиқ гузоранд. Яъне гӯянд, ки ашё ё амал дар расм чӣ гуна тасвир ёфтааст.
- Пас аз хондани ҳамаи ҷумлаҳо ва таҳлили калимаҳои нав аз хонандагон хоҳиш намоед, ки матнро хомӯшона як маротиба хонанд ва ба саволҳо ҷавоб гардонанд.
- Инчунин барои боварӣ ҳосил кардан аз хонандагон хоҳиш карда мешавад, ки якчанд ҷумлаи матнро хонда, мазмуни онро бозгӯйи кунанд.

**Диққат**! Хонандагонро *мушоҳида* карда, бовар ҳосил намоед, ки онҳо матнро аз назар мегузаронанд, калима ва ибораҳои нофаҳморо муайян мекунанд. Ҳамзамон, натиҷаи мушоҳидаатонро *таҳлил* намоед. Масалан: "Рустам ба матн диққат намедиҳад. Заррина хуб кор карда, калимаҳои нофаҳморо муайян мекунад." Сипас бо хонандагони алоҳидае, ки фаъолиятро нодуруст иҷро карда истодаанд, ё беаҳамиятӣ зоҳир мекунанд, *робита* карда, ба онҳо ёрӣ расонед, ё онҳоро ба кор кардан водор созед.

### Бо овози баланд хондан

**Шарҳ:** Тавассути фаъолияти мазкур хонандагон метавонанд маънои калимаю ибораҳо ва мазмуни матнро дарк карда, барои пурра кардани мазмун аз расму мусавввараҳо истифода баранд. Тавассути хониш бо овози баланд шумо метавонед дониши хонандагонро оид ба луғат, сохтори грамматикӣ ва услуби таҳияи матн васеъ гардонед. Ҳангоми бо овози баланд хондан оҳанг ва имову ишораи мувофиқро истифода баред, ин диққати хонандагонро ба матн ва дарки маънии он равона мекунад.

**Тартиб**:

- Матнеро интихоб намоед, ки ахбори ба хонандагон шиносро фаро гирад.
- Пеш аз хондани матн бо хонандагон оид ба матн ва мазмуни он суҳбат кунед. Дар атрофи номи матн, расмҳои он, мавзӯи он бо хонандагон муҳокима доир кунед.
- Барои дарки пурраи маънии матн ба хонандагон ёрӣ расонед:
- ✓ ба расму мусавввараҳо ва ашё барои фаҳмидани хонандагон ишора намоед.
- ✓ имову ишора ва унсурҳои нақшофариро истифода намоед.
- Пеш аз хондани матн калимаву ибораҳои нофаҳморо таҳлил намоед.
- Матнро бо овози баланд хонед ва аз хонандагон хоҳиш намоед, ки хат баранд. Ин имкон медиҳад, ки онҳо нутқи шифоҳиву хаттиро алоқаманд намоянд.
- Агар сабти овозии матнро дошта бошед, онро якчанд маротиба ба хонандагон шунавонед.
- Дар хотир дошта бошед, ки матн ҳар қадар шавқовар хонда шавад, ҳамон андоза шавқу завқи хонандагонро ба хондан зиёд мекунад.

**Нақшофарӣ**

**Шарҳ:** Усули нақшофарӣ ба хонандагон имкон медиҳад, ки бо ҳамсолон ва калонсолон дар доираи мавзӯи ба синну сол ва донишашон мувофиқ муколама кунанд.

**Тартиб**:

- Матни хурди ҳикояро (ду симо дошта бошад) ба хонандагон пешниҳод намоед.
- Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки матнро хонда, нақшҳоро байни худ тақсим намоянд. Барои тақсим намудани нақшҳо ба хонандагон ёрӣ расонед.
- Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки саҳначаро машқ кунанд.
- Синфро идора кунед, аз хонандагон хоҳиш намоед, ки саҳначаро бо овози паст машқ кунанд.
- Сипас, аз якчанд гурӯҳ хоҳиш намоед, ки саҳначаро ба аҳли синф намоиш диҳанд.

**Диққат!** Ҳангоми намоиш додани саҳнача ба нишондиҳандаҳои зерин аҳамият диҳед.

- Хонандагон нақшҳоро мувофиқи матн иҷро менамоянд;
- Онҳо бо забони адабӣ суҳбат мекунанд;
- Овоз, имову ишораи мувофиқ истифода мебаранд.

Агар дар матн якчанд симо тасвир шуда бошад, он гоҳ ин фаъолиятро дар гурӯҳҳои хурд (чор-панҷнафара) иҷро намоед. Як нафарро нақлкунанда таъин карда метавонед.

### Хониши бурро ё овозӣ

**Шарҳ:** Хониши бурро ё овозӣ ба хонандагон имкон медиҳад, ки калимаҳоро дуруст талаффуз карда, задаи калима ва ибораҳои маъмулро риоя кунанд. Ин фаъолият барои хонандагоне, ки забони модариашон дигар буда, дар мактаб ба забони тоҷикӣ дарс мехонанд, хеле муфид аст. Масалан, барои хонандагони аксари ноҳияҳои Бадахшон, ки дар хона бо шеваи маҳал муошират мекунанд, инчунин барои ақаллиятҳои миллӣ, ки фарзандонашон дар мактабҳои тоҷикӣ мехонанд. Ин усул имкон медиҳад, ки хонандагон сохтори забонро машқ кунанд.

**Тартиб**:

- Матни хурдро интихоб намоед.
- Ҷумлаеро аз матн хонед. Қоидаи талаффуз ва задаи ҷумларо риоя кунед.
- Аввал аз қатори якум хоҳиш кунед, ки пас аз шумо такрор намоянд.
- Ҷумларо бори дигар хонед, аз қатори дуюм хоҳиш кунед, ки пас аз шумо такрор намоянд. Ин амалро бо қатори сеюм такрор намоед.
- Ҷумлаҳои дигарро низ ба ин усул хонед.
- Агар талаффузи калимаҳо душвор бошад, он гоҳ аз қаторҳо хоҳиш кунед, ки ҷумларо (калимаро, ибораро) думаротибагӣ такрор намоянд.

### Дар меҳмонии афсона

**Шарҳ:** Усули мазкур ба хонандагон имкон медиҳад, ки матни кӯтоҳи афсона, ҳикоя, хабар ва муколамаро бурро хонанд. Агар омӯзгор матнро тақлидан ба қироати касе ба хонандагон хонад, он гоҳ ин шавқи хонандагонро ба гӯш кардани матн зиёд гардонда, онҳоро ба сомеони фаъол табдил медиҳад. Инчунин, завқи онҳоро ба хондан ва ҳаловат бурдан меафзояд.

**Тартиб**:

- Матни афсона ё ҳикояро интихоб намоед.
- Онро ба аҳли синф хонед. Овозатонро вобаста ба симоҳои матн тағйир диҳед. Масалан, агар суханони "гург"-ро хонед, овозатонро ғафс ва дағал бароред. Баръакс, агар симои дигар, ба монанди оҳу, буз, мурғ бошад, овозатонро маҳинтар бароред. Ҳангоми хондани суханони гӯянда овозатонро мӯътадил намоед. Аз имову ишораи мувофиқ истифода баред.
- Ду-се дарс бо ин усул афсона ва ҳикояро ба хонандагон хонед.
- Ба хонандагон матни афсона ё ҳикояро вазифаи хонагӣ супоред. Аз онҳо хоҳиш намоед, ки онро ба монанди шумо хонанд. Дар хона ин тарзи хонданро машқ кунанд.
- Ҳангоми дарс аз як ё ду хонанда хоҳиш намоед, ки афсона ё ҳикояро бо усуле, ки шумо истифода бурдаед, хонанд.
- Шумо метавонед байни хонандагон озмун эълон намуда, аз аҳли синф хоҳиш кунед, ки ба афсонагӯён баҳо диҳанд.

**Диққат!** Ҳангоми иҷрои фаъолияти мазкур ба нишондиҳандаҳои зерин аҳамият диҳед:

- Хонандагон ба моҳияти суханони симоҳои матн сарфаҳм рафта, онҳоро бурро талаффуз мекунанд;
- Хонандагон калима, ибора ва ҷумлаҳоро бурро талаффуз мекунанд;
- Барои ҷалби диққати шунавандагон имову ишораи мувофиқро истифода мебаранд.

### Хониши дунафарӣ

**Шарҳ:** Хониши дунафарӣ ба хонандагон имкон медиҳад, ки матни кӯтоҳи афсона, ҳикоя, хабар ва муколамаро бурро хонанд.

**Тартиб**:

- Хонандагонро ба гурӯҳҳои дунафарӣ муттаҳид намоед.
- Матнро ба онҳо пешниҳод карда, аз онҳо хоҳиш намоед, ки бо навбат онро хонанд. Масалан, хонандаи 1 ҷумлаи аввал ва хонандаи 2 ҷумлаи дуюмро мехонанд. Ҳамин тавр, ҳар ҷумларо ба навбат ба ҳамдигар хонда, ба якдигар баҳо медиҳанд.

Диққат!

- Хонандагон тарзи хондани якдигарро гӯш карда, тарзи хондани якдигарро арзёбӣ мекунанд. Ба ҳамдигар барои дуруст хондан ёрӣ мерасонанд.
- Синфро назорат кунед. Боварӣ ҳосил намоед, ки хонандагон матнро мехонанд. Агар зарур ояд, ба хонандагон ёрӣ расонед.

### Мо мехонем, омӯзгор менависад.

**Шарҳ:** Усули мазкур ба хонандагон имкон медиҳад, ки ҳангоми хондан ғалати содиркардаашонро мустақилона ислоҳ намоянд. Одатан мо мегӯем ва хонанда менависад. Агар баръакс, хонанда гӯяд (хонад) ва мо нависем, чӣ мешавад? Иваз кардани нақшҳо ҳангоми дарс онро шавқовар ва самаранок мегардонад. Бе ҳарос аз хонандагон хоҳиш намоед, ки баъзан дар нақши шумо фаъолият кунанд. Онҳо худро масъул ҳис карда, фаъол мегарданд.

**Тартиб**:

- Аз хонандагон (ё як хонанда) хоҳиш кунед, ки ҷумлаеро аз матни ношинос хонанд.
- Шумо ҷумларо, чунон ки хонандагон талаффуз кардаанд, дар тахтаи синф нависед. Калимаҳоеро, ки хонандагон бо душворӣ мехонанд ва ист мекунанд, ишораи махсус намоед. (Барои шавқовар шудан ва бедор кардани кунҷковии хонандагон, баъзеи калимаҳоро хато навишта метавонед).
  Масалан:
  Ди . рӯз мо ба бо.ғ.и ҳҳ.айвоноот рафтем. Дар он ҷо мо баҳҳ.мутро дидем.
- Сипас, аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ҷумларо хомӯшона хонанд.
- Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ҷумларо бори дигар бо овози баланд хонанд.
- Ин дафъа ҷумларо бори дигар дуруст нависед.
  Масалан:
  Дирӯз мо ба боғи ҳайвонот рафтем. Дар он ҷо мо баҳмутро дидем.
- Бо хонандагон моҳияти дуруст талаффуз кардани калимаҳоро муҳокима намоед. Ба онҳо фаҳмонед, ки агар калимаҳо дуруст ва бурро хонда шаванд, фаҳмидани онҳо осон мегардад.

- Ин машқро якчанд маротиба такрор намоед.
- Ба хонандагон гӯед, ки агар ҳангоми хондани калимае душворӣ кашанд, онро дубора хонанд, ё онро ба рафиқашон хонда, дуруст хондани ӯро арзёбӣ кунанд.

**Диққат**! Гуфтан мумкин аст, ки сабр ва таҳаммул яке аз воситаҳои арзёбӣ мебошанд. Шояд хонандаи шумо бори аввал бо ин калима шинос мешавад, ӯ аввал ба ҳарфҳо ва шакли калима диққат дода, сипас, бо истифодаи донишу таҷрибааш онро хонданӣ мешавад. Баъзе омӯзгорон сабр накарда, калима ё ҷумларо ба ҷойи хонанда мехонанд. Ин барои такмили малакаи хондан зарар мерасонад. Сабр кунед, то хонанда калима ё ҷумларо мустақилона хонад. Шумо метавонед тавассути саволҳои водоркунанда ба хонанда ёрӣ расонед. Саволҳо дар ин асно ҳамчун дастур хизмат карда, донишу таҷрибаи пешинаи хонандаро фаъол мегардонад.

**Хониши ботаваққуф**

**Шарҳ:** Хониши ботаваққуф ба хонандагон имкон медиҳад, ки анҷоми афсона ё ҳикоя, натиҷаи рафтору амали симоҳои онро пешгӯйӣ кунанд. Пешгӯйӣ яке аз малакаҳои муҳимми хондан аст. Мо пеш аз хондан аллакай мазмуни матнро пешгӯйӣ мекунем. Номи матн ба мо ахбори зиёд пешниҳод мекунад. Мо матнро хонда, ҳодисаҳои минбаъдаи онро дар майнаи сар пешбинӣ кардан мегирем. Ин аз малакаи баланди хониш доштан далолат мекунад. Хониши ботаваққуф ин малакаро дар хонандагон такмил дода, онҳоро хонандаи муваффақ мегардонад.

**Тартиб**:
- Матнеро, ки ҳодисаҳои ивазшаванда ва ҷолиб дорад, интихоб намоед. Аслан матни афсона ва ё ҳикоя мувофиқ аст.
- Тавассути саволу масъалаҳои пеш аз хондан хонандагонро ба хондан (шунидан)-и матн омода намоед.
- Қисми аввали матнро то нуқтаи ивазшавии ҳодиса ё пайдо шудани масъалае хонед ва аз хонандагон хоҳиш намоед, ки давоми афсона ё ҳикояро пешгӯйӣ кунанд.
- Сипас, ба хонандагон чунин муроҷиат намоед: «Мехоҳед фаҳмед, ки давоми афсона чӣ мешавад? Ё худро санҷидан мехоҳед? Пас давомашро гӯш кунед».
- Давоми матнро то нуқтаи дилхоҳи дигар (то ҳал шудани масъалаи гузошташуда) хонед. Таваққуф карда, аз хонандагон хоҳиш кунед, ки ақидаи пештар гуфтаашонро бо ахбори матн муқоиса намоянд. Оё онҳо дуруст пешгӯйӣ кардаанд ё не?
- Ҳамин тавр қисмҳои дигари матнро хонед.
- Аз намунаи зерин истифода баред.

Намуна:

1. Қисми аввали матнро хонед.

Сандуқ (Афсона)

*Буд-набуд як сандуқ буд, ки кӯҳнаву назарногиру фарсуда, дар як гораки кӯҳистон. Касе намедонист, ки онро ба ин горак кӣ овардааст, кай овардааст ва чаро овардааст. Ҳамчунин, касе намедонист, ки ин сандуқ хеле сеҳрнок аст, агар хоҳад ҳар шахсро дар як зум шоҳу доро мекунад, агар нахоҳад – не!*

*Боре ба ин горак шахсе омад. Сандуқро диду хурсанд шуд, пиндошт, ки он пур-пури зар аст ва саросема сарпӯшашро бардошт.*

2. Ба хонандагон муроҷиат кунед: «Ба фикри Шумо, ин шахс дар дохили сандуқ чиро дид?»
3. Хонандагон ақидаҳои гуногун пешниҳод мекунанд. (Шумо метавонед ақидаҳои онҳоро ба тахтаи синф нависед.
4. Қисми дигари матнро хонед.
   Аммо афсӯс, сандуқ холӣ буд. Навмеду хашмгин шуда рафт он мард.
5. Қисми дигари матнро хонед ва аз хонандагон хоҳиш намоед, ки давоми онро пешгӯйӣ кунанд.

**Азназаргузаронӣ ва таҳлил**

**Шарҳ:** Стратегияи азназаргузаронӣ ва таҳлил ба хонандагон имкон медиҳад, ки ҳангоми таҳлили матн маънои калимаҳои навро муайян намоянд.

**Тартиб**:
- Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки матнро аз назар гузаронанд ва калимаҳои нав ва душворфаҳми онро муайян намоянд.
- Сипас аз хонандагон хоҳиш кунанд, ки аз матн маънои онро муайян намоянд ва калимаро дар дафтари луғат нависанд. (Нигаред ба «Луғати аввалини ман»).
- Калимаҳои навро бо ҳамсинфи дар барашон нишаста муҳокима кунанд.
- Сипас аз хонандагон хоҳиш намоед, ки он калимаҳоро ба шумо гӯянд ва шумо онҳоро дар тахтаи синф нависед.
- Ба хонандагон муроҷиат намоед: «Канӣ, бачаҳо, кӣ маънии ин калимаҳоро ба мо гуфта метавонад?»
- Агар хонандагон маънии дурусти калимаҳоро гӯянд, онро дар тахтаи синф нависед. Агар дар муайян кардани маънии калима мушкили кашанд, он гоҳ тавассути саволҳо (ё шарҳ додан) маънии калимаҳоро аниқ созед.
- Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки маънии калимаҳоро дар луғат нависанд.

**Диққат!** Дар синфҳои ибтидоӣ оид ба луғатомӯзӣ корҳои гуногун анҷом дода мешаванд:
1. Таҳлили луғавию маъноӣ (мантиқӣ);
2. Таҳлили луғавию муқоисавӣ;
3. Таҳлили луғавию маъноӣ;
4. Таҳлили луғавию имлоӣ;

1. Дар таҳлили луғавию маъноӣ (мантиқӣ) бештар ба маънои луғатҳои таҳлилшаванда сару кор дорем. Дар ин маврид тарзи ба ҳиссаҳо ҷудо кардани калимаҳо ба мо ёрӣ мерасонад: чормағз (*чор +магз*) дар як маврид калима аз ду ё се решаи маънодор таркиб ёфтааст (чор ва мағз, сад ва барг). Дар мавриди дигар реша ва пасванд (*пахта + зор, кор + гар)*
2. Таҳлили луғавию муқоисавӣ (Лола – лола, Товус – товус, Анор – анор…) Ин таҳлил аҳамияти калони имлоӣ дорад.
3. Таҳлили луғавию маъноӣ : офтоб – хуршед, шамс, меҳр; калон – бузург, азим; баланд- паст, соф – тира, сиёҳ – сафед, шаб – рӯз.

«Ҳамаи таҳлилҳои калима (луғат) ҳамон вақт дорои аҳамиятанд, ки а) дар нутқи амалӣ (шифоҳӣ ва хаттӣ) истифода шаванд; б) аз ҷиҳати имло дурусту бехато навишта шаванд; в) маъно ва мазмун паси парда намонад.» *(М. Лутфуллоев «Асосҳои таълими ибтидоии забони модарӣ»).*

**Нақли занҷирвор**

**Шарҳ:** Нақли занҷирвор ба хонандагон имкон медиҳад, ки мазмуни матнро ба тартиби муайян ва истифодаи мафҳум ва ибораҳои он нақл карда тавонанд.

**Тартиб**:

- Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки матнро дар алоҳидагӣ ва хомӯшона хонанд.
- Хонандагонро ба гурӯҳҳои хурд (чор-панҷнафарӣ) муттаҳид кунед.
- Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки саҳифаҳои китобҳояшонро пӯшанд. (Агар хонандагон матнро бори дигар хонданӣ бошанд, ба онҳо ин имконро фароҳам оваред).
- Сипас, хонандагон бо навбат матнро нақл мекунанд. Хонандаи 1 оғоз карда, хонандаи 5-ум онро ба охир мерасонад.

  Ё
- Аз хонандаи қатори якум хоҳиш намоед, ки нақли матнро оғоз карда, хонандагони дигар нақлро идома диҳанд. (Аз нақшаи зерин истифода баред).

Нақшаи "Нақли занҷирвор" дар гурӯҳҳои панҷнафарӣ.



Нақшаи "Нақли занҷирвор" дар қаторҳо




**Диққат!** Ҳарчанд ташкил намудани нақли занҷирвор дар қадамҳои аввал мушкил бошад ҳам, бо мурури замон дар натиҷаи машқи бештар хонандагон ба он сарфаҳм рафта, супоришро мувофиқи мақсад иҷро мекунанд. Ин усул чӣ натиҷа дорад? Дар давоми дарс шумо имкон доред, ки нақли як ва ё якчанд хонандаро гӯш кунед. Аммо

нақли занҷирвор имкон медиҳад, ки ҳамаи хонандагон фаъолият кунанд. Шумо танҳо раванди машғулиятро идора карда, мувофиқи зарурат ба хонандагон ёрӣ мерасонед.

### Муҳокимаи умумии сохтори матн

**Шарҳ**: Муҳокимаи сохтор ба хонандагон имкон медиҳад, ки аз рӯйи намуна бо иваз кардани қисмҳои муайян матни хурд (мактуб, табрикнома, эълон, ҳикояи хурд, маълумотномаи шахсӣ) нависанд.

**Тартиб**:

- Матнеро (мактуб, табрикнома, эълон, ҳикояи хурд, маълумотномаи шахсӣ) интихоб намоед. Онро дар тахтаи синф пешакӣ навишта, ҳангоми дарс ба аҳли синф хонед.
- Ба хонандагон чунин муроҷиат намоед: "Канӣ, бачаҳо, ин матн аз кадом қисмҳо иборат аст?"
- Хонандагон қисмҳоро номбар мекунанд, шумо он қисмҳоро ишора кунед. Агар хонандагон номбар карда натавонанд, он гоҳ ба ҳар қисми матн ишора карда, номи он қисмро гӯед ва шарҳ диҳед.

Масалан:

Модарҷони азиз! (**Муроҷиат**)

Шуморо бо Иди 8 март табрик гуфта, бароятон умри дароз ва саломатӣ орзу дорам. (**Мақсад**)

Бо таманниёти нек (**Ҷамъбаст ва муаррифӣ**)
Беҳрӯз

**Омӯзгор**: Ин матни табрикӣ аст. Он аз се қисм иборат аст. Қисми якум муроҷиат (ишора мекунад) аст. Дар ин қисм ба кӣ равона шудани табрикнома навишта мешавад. Қисми дуюм асосӣ аст, дар он мақсад баён мегардад. Яъне чӣ гуфтанӣ ҳастед? Қисми сеюм ҷамъбаст ва муаррифӣ аст. Дар ин қисм ягон таманниёт навишта, номи худро дарҷ мекунем.

- Сипас, боз як табрикии дигарро ба хонандагон пешниҳод карда, хоҳиш кунед, ки онро хонда, қисмҳои онро аниқ кунанд ва шарҳ диҳанд. Шумо метавонед аз якчанд хонанда инро талаб кунед.
- Ба ҳамин усул метавонед навъҳои дигари матнро низ муҳокима намоед.

**Диққат!** Муҳокимаи умумӣ имкон медиҳад, ки тамоми синфро ба дарс фаро гирем. Ҳангоми пурсидани ақидаи хонандагон кӯшиш намоед, ки хонандагони фаъолият нишондиҳандаро низ пурсед. Шояд онҳо донанд, вале барои даст боло кардан ҷуръат накунанд.

### Адаб аз кӣ омӯхтӣ?

**Шарҳ:** Усули мазкур имкон медиҳад, ки хонандагон дар асоси ҳодисаҳо, мавзеъ ва рафтору гуфтори симоҳои ҳикоя хулоса бароранд.

**Тартиб**:

– Ҳангоми банақшагирии дарс матни дарсро хонед ва ду-се хулоса нависед.
– Ҳангоми дарс пас аз ҳалли масъалаҳои матн, хулосаҳоро ба тахтаи синф нависед.
– Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки хулосаҳоро хонда, якеро интихоб намоянд.
– Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки хулосаи интихобкардаашонро шарҳ диҳанд. Чаро маҳз ҳамин хулосаро интихоб кардаанд. Нигаред ба намунаи поён.

**Диққат!** Ҳама гуна матн ба мақсаде навишта мешавад. Аксари матнҳои китоби дарсӣ ҷиҳати тарбиявӣ доранд. Муайян ва равона кардани диққати хонандагон ба ин мақсади матн воситаи хуби тарбия аст.

**Беҳтарин чиз**

Хӯҷаине ба хизматгораш мефармояд, ки барои меҳмонон таоми хуштаъм тайёр намояд. Хизматгор марди оқил буд. Ӯ барои тайёр намудани таом аз бозор забон меорад. Хӯҷаин мепурсад:

- Чӣ овардӣ?

- Забон, - мегӯяд он марди оқил.

Хӯҷаин ба ғазаб омада мегӯяд:

- Наход аз забон беҳтарин хӯрдание набошад?

Мард мегӯяд:

- Забон одамонро ба якдигар муттаҳид мекунад. Ба воситаи забон мо ба ҳамдигар гуфтугӯ менамоем. Забон калиди дониш аст. Забон дар даҳон посбони сар аст.

Хулосаҳо:
1) Ба воситаи забон одамон метавонанд ба ҳам муттаҳид шаванд.
2) Забон метавонад одамро аз роҳи бад гардонад.
3) Ба воситаи забон одамон дониш гирифта метавонанд.

**Хондан ба мақсади дарки маънӣ**

**Шарҳ:** Фаъолияти мазкур ба хонандагон имкон медиҳад, ки мафҳум, ибора ва ҷумлаҳоеро, ки дар онҳо мақсади асосии матн дарҷ ёфтааст, муайян карда тавонанд. Яке аз мақсадҳои асосии хондан дарки маънии он аст. Калима, ибора ва ҷумлаҳо барои пурра кардани маънии асосии матн ёрӣ мерасонанд.

**Тартиб**:
– Тавассути усули «Пешгӯйӣ» аз хонандагон хоҳиш кунед, ки аз номи матн мавзӯи асосии онро пешгӯйӣ намоянд.
– Сипас, аз хонандагон хоҳиш намоед, ки матнро аз назар гузаронида, калима ва мафҳумҳои ношиносро муайян кунанд. Он калима ва мафҳумҳоро тавассути усули маъмул таҳлил намоед.
– Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки матнро бори дигар хонанд ва маънои асосии онро муайян кунанд. Ба онҳо барои муайян кардани маънои матн ёрӣ расонед.
– Сипас, аз хонандагон хоҳиш намоед, ки матнро хонанд, ибора ва ҷумлаҳоеро, ки барои дарки маънои асосӣ ёрӣ мерасонанд, муайян карда шарҳ диҳанд.
– Инчунин, шумо аз хонандагон хоҳиш карда метавонед, ки ҷумлаҳои интихобкардашонро ба дафтар нависанд.

**Нақл бо ёрии саволҳо**

**Шарҳ:** Нақл бо ёрии саволҳо ба хонандагон имкон медиҳад, ки матнро хонда, мазмунашро нақл карда, мавзӯъ ва мазмуни онро муайян карда тавонанд.

**Тартиб**:

- Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки матнро хонанд.
- Сипас, аз хонандае хоҳиш кунед, ки ба назди тахтаи синф барояд ва ба нақл кардани матн оғоз намояд.
- Аз хонандагони дигар хоҳиш кунед, ки ба ӯ савол диҳанд. Масалан, «Баъд чӣ шуд?», «Ӯ (симо) чӣ кор кард?» ва ғайра.
- матнро нақл карда, ақидаашонро оид ба симоҳо ва ҳодисаҳо илова кунанд;
- ҳангоми нақл барои ҷалби диққати шунавандагон вобаста ба сужети нақл овозашонро тағйир диҳанд;
- барои ҷалби диққати шунавандагон аз воситаҳои ғайринутқӣ, аз ҷумла имову ишора, истифода баранд.

**Диққат!** Кӯшиш намоед, ки ба нақл аксари хонандагон шомил гарданд. Савол диҳанд. Нақлро пурра кунанд.

**Озмуни мушоира**

**Шарҳ:** Қироати шеър барои ҳаловат бурдан ва бедор намудани ҳиссиёти эстетикии баланд хеле муҳим аст. Инчунин омӯхтани қироати дурусти шеър муносибати хонандаро нисбат ба адабиёт ва аҳамияти он тағйир дода, ӯро ба дӯст доштани адабиёт водор менамояд.

**Тартиб**:

- Як ҳафта пеш аз озмун ба хонандагон эълон намоед, ки як шеърро аз ёд кунанд. Тарзи хондани шеърро якчанд маротиба бо хонандагон машқ кунед.
- Чор дастаи холҳоро (3,4,5) ба монанди намуна аз коғази картон омода намоед.



- Чор нафарро ҳамчун ҳакам интихоб кунед.
- Ҳайати ҳакамонро дар охири синф ҷой диҳед.
- Ба аҳли синф нишондиҳандаҳои арзёбиро фаҳмонед.
- Рӯйихати иштирокчиёни озмунро тартиб дода, ба ҳакамон пешниҳод намоед.
- Иштирокчиёни озмун бо навбат шеър қироат мекунанд ва ҳакамон ба онҳо дар асоси нишондиҳандаҳо баҳо мегузоранд. Баҳоро ба варақа мегузаронанд.
- Чунин озмунро дар ду ҳафта як маротиба гузаронида метавонед.

**Диққат!** Дар ҷараёни озмун ба нишондиҳандаҳои зерин диққат диҳед:

- Хонандагон шеърро ифоданок қироат мекунанд.
- Хонандагон ба оҳанги хонише, ки ба аломатҳои китобат марбутанд, риоя менамоянд.

– Хонандагон ба оҳанги хонише, ки аз мазмуни матн (хурсандӣ, ғаму андӯҳ, ҳайрат, тааҷҷуб, қаҳру ғазаб, кибру ғурур) бармеояд, риоя мекунанд.
– Хонандагон ба мувофиқати суръати хониш ва кайфияти матн риоя менамоянд.

**Ҷадвал барои хондан**

**Шарҳ:** Усули мазкур ба хонандагон имкон медиҳад, ки матни аз ҷиҳати ҳаҷм, услуб ва сохтор гуногунро ифоданок хонда, ба саволҳо ҷавоб гардонанд. Ин восита ба шумо имкон медиҳад, ки сатҳи дарки матнро муайян намуда, хонандагонро барои нақл кардан омода кунед.

**Тартиб**:

– Матнро интихоб карда, ҳамчун намуна саволу масъала омода созед. Шумо метавонед саволу масъалаҳоро дар тахтаи синф навишта, ба онҳо рақам гузоред.

Масалан:

| | |
|---|---|
| 1) Номи симоҳоро нависед: | |
| 2) Ҳодиса дар куҷо рух дод? | |
| 3) Каме дар бораи ҳодиса нависед: | |
| 4) Ҳикоя ба шумо маъқул шуд ё не? Чаро? Фикратонро нависед. | |
| 5) Хулоса: | |

– Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки дар дафтар рақами савол ё масъаларо гузошта, ҷавоби онро нависанд.

| | |
|---|---|
| Номи симоҳоро нависед: | Масалан*:*<br>Мӯрча, Кабӯтар, Шикорчӣ |
| Ҳодиса дар куҷо рух дод? | Наздикии ҳавз |
| Каме дар бораи ҳодиса нависед: | Мӯрча мехост, ки об хӯрад, пояш лағжида ба об афтид. Ӯро кабӯтар наҷот дод. Кабӯтарро шикорчӣ шикор кардан хост. Мӯрча пои ӯро сахт газид. Кабӯтар раҳоӣ ёфт. |
| Ҳикоя ба шумо маъқул шуд ё не? Чаро? Фикратонро нависед. | Ҳикоя ба ман маъқул шуд, барои он ки мӯрча ва кабӯтар ба ҳамдигар ёрӣ расонданд. |
| Хулоса: | Некӣ кунӣ, некӣ мебинӣ. |

– Ин машғулиятро шифоҳӣ низ гузарондан мумкин аст, вале кори шифоҳӣ ба ҳама имкони амиқ омӯхтани матнро фароҳам намеорад.
– Ҳангоми пурра сохтани ҷадвал фаъолияти хонандагонро мушоҳида карда, ба онҳо ёрӣ расонед.
– Агар хонандагон вазифаҳоро нафаҳманд, ба онҳо чӣ тавр кор каданро шарҳ диҳад.
– Кӯшиш кунед, ки хонандагон худашон ба савол ҷавоб ёбанд ва нависанд.

**Диққат!** Ба нишондиҳандаҳои зерин аҳамият диҳед:

- Ба саволҳои гуногундарача, ки ба таҳлил ва арзёбии мавзӯъ ва симоҳои матн равона шудаанд, ҷавоб гардонанд.
- Ҳангоми ба савол ҷавоб гардондан аз таҷриба ва дониши пешинаашон истифода баранд, мисолҳои ҳаётӣ пешниҳод кунанд.
- Ҷавобашон пурра ва мувофиқ бошад.

### Кӣ/Чӣ? Кай? Дар Куҷо? Чаро?

**Шарҳ:** Стратегияи саволгузорӣ ба хонандагон имкон медиҳад, ки матнро чун маҳсули эҷоди муаллиф шинохта, сохтор ва мӯҳтаво (қисмҳо)-и тахайюлӣ ва воқеии онро муайян кунанд. Таҳлилу таркиби матн барои дарки маънии он ёрӣ мерасонад. Барои иҷрои усули мазкур омӯзгор бояд синфро хуб идора кунад ва хонандагонро барои иҷрои он ҳавасманд гардонад.

**Тартиб**:

- Пеш аз хондани матн аз хонандагон хоҳиш намоед, ки дар дафтар ҷадвале кашанд. Дар сутуни аввал саволҳои Кӣ/Чӣ? Кай? Дар куҷо? Чӣ ҳодиса рух дод? Чаро?-ро нависанд.
  Масалан:

| | |
|---|---|
| Кӣ/Чӣ? | |
| Кай? | |
| Дар куҷо? | |
| Чӣ ҳодиса рух дод? | |
| Чаро? | |

- Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки матнро хонанд ва ҷадвалро пур намоянд. Мухтасар нависанд.
- Сипас аз хонандагон хоҳиш кунед, ки ҷадвали навиштаашонро бо шарикдарсашон муҳокима намоянд.
- Баъд ҷадвалҳоро ҷамъ карда санҷед ва ба хонандагон тавсия намоед.

### Азназаргузаронии матн

**Шарҳ:** Фаъолияти мазкур ба хонандагон имкон медиҳад, ки стратегияҳои гуногуни хонданро истифода бурда, мавзӯъ ва мақсади асосии матнро муайян карда тавонанд. Фаъолияти «Азназаргузаронӣ», яъне аз назар гузаронидани сарлавҳаи матн, сархатҳо ва расму мусаввараҳои матн ба мақсади дарки сохтор ва мӯҳтавои он. Барои азназаргузаронии матн вақти кофӣ пешниҳод намоед ва зарурати хониши минбаъдаи матн ва ҳамчун марҳалаи омодагӣ ба хондан хизмат карданро таъкид кунед.

**Тартиб**:

- Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ба сарлавҳа ва сохти матн назар карда, гӯянд, ки матн ба кадом навъи жанри адабӣ тааллуқ дорад.

- Ба хонандагон барои посух додан як дақиқа вақт диҳед.
- Сипас, аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ақидаашонро ба рафиқонашон гӯянд.
- Аз ду-се хонанда хоҳиш намоед, ки ақидашонро ба аҳли синф иброз доранд.

  Ҷавоби эҳтимолии хонандагон:

  Ин ҳикоя аст, зеро дар он ҳодисае тасвир карда мешавад.
- Сипас, саволҳои водоркунанда диҳед. Масалан: Чаро ба чунин хулоса омадед? Кадом қисми матн ба шумо барои ба чунин хулоса омадан ёрӣ расонд?

  Ҷавоби эҳтимолии хонандагон: номи матн, калимаҳои шоҳ ва ғайра.

### Хониши фосилавӣ

**Шарҳ:** Усули мазкур ба хонандагон имкон медиҳад, ки стратегияҳои гуногуни хонданро истифода бурда, мавзӯъ ва мақсади асосии матнро муайян карда тавонанд.

Тартиб:

- Аввалан, дар назди хонандагон дар доираи номи матн ё мазмуни матн масъалае гузоред.
- Дар лавҳи синф мафҳумҳои асосии матнро нависед ва ба хонандагон гӯед, ки дар муддати 5-6 дақиқа бо ин мафҳумҳо нақле нависанд ва хонанд.
- Сипас, бо навбат аз хонандагон хоҳиш намоед, ки қисми аввали матнро хонанд ва бо навиштаи худ муқоиса намоянд.
- Савол додан мумкин аст, ки минбаъд ҳодиса чӣ тавр сурат мегирад. Хонандагон фарзияҳои худро пешниҳод мекунанд ва пас аз хонда шудани қисми матн бо фарзияи худ қиёс менамоянд.

**Диққат!** Ба хонандагон саволҳое диҳед, ки хусусияти таҳлилӣ дошта бошанд. Масалан:

1. Мазмуни асосии матн дар бораи_____(Чӣ?)_______аст.
2. Ҳодиса дар__(Куҷо?)_______ ба вуқӯъ омадааст.
3. Ҳодиса __(Кай?)_______ ба вуқӯъ омадааст.
4. Симоҳои асосӣ ________.
5. _________симои мусбат аст.
6. _________симои манфӣ аст.

### Номгузорӣ ба матн

**Шарҳ:** Усули мазкур ба хонандагон имкон медиҳад, ки стратегияҳои гуногуни хонданро истифода бурда, мавзӯъ ва мақсади асосии матнро муайян карда тавонанд.

Тартиб:

- Хонандагонро ба кори гурӯҳӣ омода созед.
- Матнеро ба қисмҳо ҷудо карда, ба ҳар гурӯҳ қисми алоҳидаи матнро пешниҳод намоед.
- Аз шогирдон хоҳиш кунед, ки қисми матнро хонда, саволҳо тайёр намоянд.
- Сипас, фикри (ғояи) асосӣ ё муҳимми ин қисми матнро аниқ сохта, дар шакли сарлавҳа пешниҳод намоянд.
- Кори гурӯҳҳоро ҷамъбаст карда, бо аҳли синф барои матн як сарлавҳа интихоб намоед.

**Диққат!** Ба мақсади самаранок гаштани фаъолият аз хонандагон чунин саволҳоро пас аз иҷро пурсед:

Ҳангоми кор бо матн ба кадом мушкилот дучор шудед?

Чӣ?/Кӣ? ба Шумо хангоми мушкилӣ ёрӣ расонд?

Дар кадом самт ба Шумо ёрии бештар зарур аст?

Ҳангоми кор бо матн чӣ ба Шумо бештар маъқул афтод?

### Хӯшаи мураккаб

**Шарҳ:** Стратегияи мазкур имкон медиҳад, ки хонандагон тарзу усули гуногуни тасвири симоҳо, макон ва ҳодисаи матнро истифода баранд.

Тартиб:

- Дар тахтаи синф доирае кашед. Дар дохили доира номи матнро нависед. Дар атрофи доираи маркази се доираи дигар кашида, дар онҳо калимаҳои "симоҳо", "макон" ва "ҳодисаҳо"-ро нависед. Аз доираи марказӣ то доираҳои дигар хат кашед.

  Масалан:




- Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки матнро хонда, симоҳо, макон ва ҳодисаҳоро муайян карда, дар атрофи доираҳои мувофиқ доирачаҳои дигар кашида, номи симоҳо, макон ва ҳодисаҳоро дар дохили онҳо нависанд.




- Сипас аз хонандагон хоҳиш намоед, ки матнро бори дигар хонда, алоқаи байни симоҳо, макон ва ҳодисаро муайян кунанд ва бо рангҳои гуногун ин мувофиқатро нишон диҳанд (алоқаманд намоянд). Нигаред ба нақшаи боло (хатҳои -----)
- Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки нақшаҳояшонро ба рафиқашон шарҳ диҳанд. Ё ба аҳли синф муаррифӣ намоянд.

**Диққат!** Ба нишондиҳандаҳои зерин аҳамият диҳед:

- Хонандагон матнро бодиққат хонда симоҳо, макон ва ҳодисаҳоро дуруст муайян мекунанд;
- Алоқаи байни симоҳо, макон ва ҳодисаро нишон медиҳанд;
- Нақшаашонро шарҳ дода метавонанд.

**Хониши намунавии омӯзгор**

**Шарҳ:** Бо гӯш кардани намунаи хуби хониши равон ва буррро хонандагон тарзи гузоштани овозро, ки ба фаҳмидани матн ёрӣ мерасонад, аз худ мекунанд. Тавсия мешавад, ки омӯзгорон ҳар рӯз ба хонандагон бо овози баланд ҳамчун намуна хонанд. Ҳангоми равон, бурро ва ифоданок хондан омӯзгор ба хонандагон намунаи хуби хонданро ба хонандагон намоиш медиҳад. Пас аз хониши намунавӣ омӯзгор аз хонандагон хоҳиш мекунад, ки матнро бори дигар хонанд.

Тартиб:

- Матне, ки ба дараҷаи қобилияти хониши хонандагон мувофиқро интихоб кунед (душвории луғат, мавзӯъ, ҳаҷми матн ба эътибор гирифта мешавад).

– Онро ҳамчун намуна ба хонандагон бо овози баланд, равон, бурро ва ифоданок мехонад.
– Сипас, хонандагон дар алоҳидагӣ (ё дунафарӣ ва чорнафара) матнро бо овози баланд ба монанди омӯзгор мехонанд.

**Диққат!** Вақти барои дарс ҷудошуда ба омӯзгорон имкон намедиҳад, ки ҳамаи хонандагон матнро ба пуррагӣ се ё чор маротиба хонанд. Агар имкон бошад, омӯзгор метавонад аз омӯзгорони дигар (ё калонсолону хонандагони синфҳои болоӣ) хоҳиш мекунад, ки дар дарс иштирок карда, ба хонандагони алоҳида матро хонанда ё тарзи хондани хонандагонро гӯш кунанд.

### Хониши такрорӣ: хониши дунафарӣ, хониши дастаҷамъона, хониши якҷоя

**Шарҳ:** Такроран якчанд маротиба хондани як матн стратегияи хуби ташаккули малакаи хониши равон ва бурроии хонандагон мебошад. Аз ин лиҳоз, омӯзгорон бояд ба хонандагон имкони зиёди хондани ҳамон як матнро фароҳам оранд. Хониши такрориро тавассути усулҳои хониши дунафарӣ, хониши дастаҷамъона, хониши калонсол ба хурдсол, хониши якҷоя, хониш баробари матни сабтшуда ба роҳ мондан мумкин аст.

Тартиб:
– *хониши дунафарӣ* – яъне як хонанда ба хонандаи дигар бо навбат матнро бо овози баланд мехонад. Хуб мешавад, ки агар яке аз хонандагони ин гурӯҳи дунафарӣ малакаи хубтар дошта бошад. Ин хонанда аввал мехонад ва хонандаи дигар гӯш карда, сипас, онро дар навбати худ мехонад.
– *хониши дастаҷамъона* – хонандагон ба гурӯҳҳои чор-панҷнафара муттаҳид шуда, бонавбат ҳамон як матнро бо овози баланд, равон ва бурро мехонанд. Омӯзгор ҷараёни хонданро мушоҳида карда, ба хонандагон ҳангоми зарурат ёрӣ мерасонад ё онҳоро раҳнамои мекунад.
– *хониши калонсол ба хурдсол* – хонанда бо калонсол як ба як мехонад. Шахси калонсол волидайн, омӯзгор ё хонандагони синфҳои болоии мактаб буда метавонанд. Шахси калонсол аввал матнро ба хонанда мехонад ва тарзи дурусти равон ва бурро хонданро намоиш медиҳад. Сипас, хонанда ҳамин матнро мехонад ва шахси калонсол ба ӯ ёрӣ мерасонад, ғалатҳояшро ислоҳ мекунад ва ӯро раҳнамоӣ мекунад.
– *хониши якҷоя (хор[4])* – хонандагон якҷоя ҳамчун гурӯҳи калон бо омӯзгор мехонанд. Барои ин хонандагон бояд матни хондаистодаашонро бубинанд, ин матни китоби калонҳаҷм ё дар варақи калон навишташуда буда метавонад. Инчунин омӯзгор ва хонандагон метавонанд матнҳои китоби дарсиро якҷоя хонанд. Ҳангоми хондан хонандагон матни китоби дарсиро хат мебаранд. Матн набояд калон бошад. Аксари калимаҳои матн бояд ба хонандагон шинос бошанд.
– *хониш баробари матни сабтшуда* – хушбахтона айни замон сабти матнҳои китобҳои дарсӣ (махсусан китоби дарсии фанни "Забони модарӣ" барои синфи

[4]Якҷоя ҳамчун усули хор (Хор III. Гурӯҳи сароядагон, ки якҷоя месароянд. Фарҳанги забони тоҷикӣ. ҷилди 2. Душанбе 2008. WWW.firdavsi.com)

1) мавҷуданд. Матнҳо аз тарафи ҳунармандони касбӣ равон, бурро ва ифоданок хонда мешаванд. Дар марҳалаи аввали хондан дар баробари гӯш кардани сабти матн хонандагон хат мебаранд. Сипас, хонанда баробари сабт матнро мехонад. Хонандагон бояд се – панҷ маротиба матнро баробари сабт хонанд, ин тартибро на дар як рӯз, балки дар давоми якчанд рӯз иҷро кардан мумкин аст.

### Фаъолгардонии дониши мавҷуда

**Шарҳ**: Хонандагон оид ба маълумоте, ки аллакай медонанд ва ин донишро якҷоя бо дигар нишонаҳо маънои чизи хондаашонро дарк мекунанд ё оид ба идомаи ҳодисаҳои матн фарзия месозанд. Ин маънои онро дорад, ки хонанда хондани матро идома медиҳанд ва дурустии пешгӯии худро аниқ месозанд.

Тартиб:

- **пешгӯйии мазмуни матн дар асоси расмҳо**. Диққати хонандагонро ба расмҳое, ки бо матн оварда мешаванд (ё расмҳое, ки шумо мувофиқи мазмуни матн интихоб кардаед) равона созед. Аз онҳо доир ба мазмуни расм пурсед: Дар расм чиро мебинанд? Кадом ҳодиса дар расм тасвир шудааст? Оё ягон маротиба дар чунин вазъият будаанд? Расм кадом ҳиссиётро дар онҳо бедор кард? Фикру ақидаи хонандагонро гӯш диҳед. Баъд диққати онҳоро ба матн равона карда, аз онҳо хоҳиш намоед, ки матнро хонанд ва ақидаҳое, ки пеш аз хондан гуфта буданд, бо мазмуни ҳикоя муқоиса кунанд.
- **Пешгӯйи дар асоси номи матн** (ҳикоя, афсона, шеър ва ғайра). Номи матне, ки бо хонандагон кор карданиед дар тахтаи синф нависед. Аз онҳо хоҳиш намоед, ки дақиқае фикр карда, дар бораи чӣ будани мазмуни матнро гӯянд. Номи матн дар тафаккури онҳо кадом вазъият, мавзӯъ ва ҳодисаро бедор месозад? Агар хонандагон қобилияти навиштан дошта бошанд, метавонанд доир ба мавзӯи матн дар асоси номи он як ё ду ҷумла нависанд.
- **Пешгӯйи дар асоси калимаҳои асосӣ (калидии) матн.** Якчанд калимаҳои асосии матнро интихоб кунед ва дар тахтаи синф (ё варақаҳои алоҳида) нависед. Ба хонандагон супориш диҳед, ки ба фикри онҳо ин калимаҳо барои пешгӯйии мазмуни матн ёрӣ мерасонанд? Ба фикри онҳо дар матн кадом ҳодиса, вазъият ё мавзӯъ тасвир мешавад.
- **Ангезиши зеҳн.** Доир ба мазмуни матн пешакӣ якчанд савол таҳия намоед. Масалан, агар матни интихобкардаатон дар бораи гардиши об дар табиат бошад, он гоҳ саволҳое омода намоед, ки барои муайян кардани дониши заминавии хонандагон, таҷрибаи онҳо ё умуман дар бораи мавзӯи об дар табиат равона шуда бошанд. Масалан, *Обе ки шумо дар хона истифода мебаред аз куҷо меояд? Обро агар зиёд ҷӯшонем чӣ ҳодиса рух медиҳад? Оби дарёҳо аз куҷо пайдо мешаванд? ва ғайра.* Ангезиши зеҳн ба шумо имкон медиҳад, ки ҳам дониши заминавии хонандагонро санҷед ва ҳам онҳоро ба беҳтар дарк кардани мазмуни матн омода намоед.

### Саволгузорӣ

**Шарҳ:** Хонандагон оид ба ақидаҳои асосии матн ҳангоми хондан савол гузошта, кӯшиш мекунанд, ки ба онҳо ҷавоб гардонанд. Ҳангоми таҳияи саволҳо аз ҷонишинҳои саволии *дар куҷо* ва *барои чӣ* истифода мебаранд. Ин барои давом додани хондани матн ва бедор кардани ваҷҳиёти хонанда ёрӣ мерасонад.

Тартиб:

- Барои аз ҷониби хонандагон аз худ кардани ин стратегия, ба онҳо якчанд маротиба тарзи татбиқи стратегияро дар амал намоиш диҳед. Матнро интихоб карда, ба хонандагон фаҳмонед, ки ҳоло шумо тарзи хондан ва ҳангоми хондан савол гузоштанро намоиш медиҳед.
- Хондани матнро шуруъ кунед. Пас аз як ё ду ҷумла фикратонро/саволро бо овози баланд гӯед. Масалан, шумо мехонед: "... аз назди мӯрча донаи калони зардолу баромад." Савол медиҳед: "Оё ӯ ин донаро бардошта метавониста бошад?" хондани матнро идома медиҳед: "... мӯрча ба донаи зардолу аҳамият надода рафт. Ногаҳон аз пешаш донаи гандум баромад." Савол медиҳед: "Ба фикрам ӯ донаи гандумро мебинад ва бардошта ба хонааш мебарад". Ҳамин тавр ҳангоми хондани якчанд маротиба савол гузоред.
- Аз як ё якчанд хонанда хоҳиш намоед, ки порчаи матнро ба монанди шумо хонанд ва ҳангоми хондан савол гузорад.
- Ба хонандагон фаҳмонед, ки акнун онҳо матнро мустақилона мехонанд ва ҳангоми хондан савол мегузоранд.
- Пас аз хондани матн аз хонандагон хоҳиш намоед, ки саволҳояшонро ба аҳли синф гӯянд.

### Саволгузорӣ ба матн – пеш аз хондани матн

**Шарҳ**: Саволҳо пеш аз хондани матн ба мақсадҳои муайян кардани дониши заминавии хонандагон оид ба мавзӯи асосии матн ва омода намудани хонандагон ба хондан, пешниҳод карда мешаванд.

Тартиб:

- Вобаста ба мазмуни матн савол омода намоед. Шумо метавонед оид ба ягон калима, ибора, ҳодиса ё симои матн аз хонандагон пурсед. Масалан, *иборaи «меҳнати ҳалол»-ро чӣ гуна мефаҳмед? Сарлавҳаро хонед ва гӯед, ки ба фикри шумо дар матн сухан дар бораи чӣ меравад?*
- Усули пурсишро интихоб намоед. Шумо метавонед усули "ангезиши зеҳн", "ҳамсуҳбатон" ё "муҳокимаи умумӣ"-ро истифода баред.
- Ангезиши зеҳн. Ба хонандагон саволро гӯед ва аз онҳо хоҳиш намоед, ки дақиқае фикр карда, сипас ҷавоб гардонанд. Ҷавоби хонандагонро дар тахтаи синф навишта, дар анҷом ҷавобҳоро якҷоя муҳокима кунед ва пас аз хондани матн ба ҷавоби хонандагонро бо мазмуни аслии матн муқоиса кунед.
- Ҳамсуҳбатон. Саволро ба хонандагон гӯед, аз онҳо хоҳиш намоед, ки дақиқае фикр кунанд ва ба ҳамнишинашон ҷавобро гӯянд. Ҳар ду нафар ҷавоби якдигарро гӯш карда, як ҷавобро интихоб ва ба аҳли синф пешниҳод мекунанд. Ҷавоби хонандагонро қабул карда, онҳоро бо аҳли синф муҳокима кунед.
- Муҳокимаи умумӣ. Савол ба аҳли синф гуфта мешавад. Ба хонандагон барои фикр кардан вақт дода мешавад. Хонандагон бонавбат пурсида мешаванд ва ҷавоби онҳо бо аҳли синф муҳокима мегарданд.

### Саволгузорӣ ба матн – ҳангоми хондани матн

**Шарҳ**: Ҳангоми хондани матн саволҳо ба мақсади муайян кардани ахбори мушаххас пурсида мешаванд. Ин навъи сволгузорӣ хонандагонро ба хониши мустақилона ҳидоят мекунад.

Тартиб:

- Матнро аввал пурра хонед. Оид ба мазмуни он якчанд саволи ахборотӣ омода намоед. Масалан, Кӣ ба назди Мавлоно омад ва ӯ чӣ мақсад дошт?
- Ба хонандагон саволро супорида аз онҳо хоҳиш намоед, ки матнро пурра хонанд ва ба савол ҷавоб ҷӯянд.
- Раванди хониши мустақилонаро назорат намоед. Боварӣ ҳосил кунед, ки хонандагон матнро пурра хонанд. Кӯшиш намоед, ки ҳангоми хондан стратегияҳои хонданро истифода баранд.
- Хонандагон метавонанд ҷавобҳоро дар варақаҳои алоҳида нависанд ё бо ҳамнишин муҳокима кунанд ва ҷавобашонро пурра намоянд.

**Саволгузорӣ ба матн – пас хондани матн**

**Шарҳ**: Ин навъи саволҳо пас аз хондан пешниҳод шуда, барои дар хотир нигоҳ доштани ахбор ва дарки маънӣ ёрӣ мерасонанд. Ҳамчунин, диққати хонандаро бори дигар ба матн равона месозанд.

Тартиб:

- Пешакӣ якчанд саволе, ки пурра мазмунӣ матнро фаро мегирад, таҳия намоед. Пас аз он ки хонандагон матнро мехонанд ва ба саволҳои пеш аз матн додашуда ҷавоб мегардонанд, саволҳои омодакардаатонро ба аҳли синф (ё гурӯҳҳои дунафара, гурӯҳҳои хурд) супоред ва хоҳиш намоед, ки ба ин саволҳо ҷавоб гӯянд. Ба хонандагон барои фикр кардан вақт диҳед.
- Ҷавоби хонандагонро бодиққат гӯш кунед, онҳоро ба шарҳ додани ҷавоб водор намоед, хонандагони дигарро барои таҳлилу арзёбии ҷавоби якдигар ҷалб намоед.

Намунаҳои саволҳои пас аз хондани матн:

- Дар куҷои матн сухан оид ба меҳнати ҳалол меравад?
- Барои чӣ муаллиф матнро «Меҳнати ҳалол» номидааст?
- Мавлоно меҳнати ҳалол мекард? Аз куҷо фаҳмидед? Дар куҷои матн ин навишта шудааст?
- Ҳангоми омадани Хоҷа Аҳрор Мавлон чӣ кор мекард?
- Ба шумо матн маъқул шуд? Чаро?
- Ба фикри шумо «меҳнати ҳалол» чист?
- Муколамаи салому алейкро бори дигар хонед ва гӯед, ки ин тарзи муомила чӣ хубӣ дорад?
- Барои чӣ Ҳазрати Мавлоно ба Хоҷа Аҳрор дар шакли ҷамъ муошират кард?
- Агар мо бо ин тарз гуфтугӯ кунем, хуб аст ё не? Барои чӣ?

## 2.3. Ташаккули салоҳиятҳои навиштан

**НАВИШТАН** 1. фикре, матлаберо рӯи (ба рӯи) коғаз овардан, нигоштан. 2. таълиф кардан, эҷод кардан, ба вуҷуд овардани асари бадеӣ ё илмӣ. 3. рӯбардор кардан, рӯнавис кардан, китобат намудан.

Нутқи хаттӣ ҳамчун нутқи шифоҳӣ воситаи муоширати ва интиқоли ахбор/маълумот мебошад. Хат (навиштан) дар таълими синфҳои ибтидоӣ яке аз малакаҳои асосӣ мебошад. Малакае, ки дар асоси он малакаҳои дигар инкишоф мееёбанд. Аз ин рӯ, хонандае, ки малакаҳои навиштанро аз худ мекунад, дар омӯзиши на танҳо забон, балки дигар фанҳо низ муваффақ аст.

Худи ҷараёни навиштан аз ҷиҳати равонӣ ва физиологӣ мураккаб аст. Ҳангоми навиштан системаи асаб, узвҳои бинойӣ, шунавоӣ (бахусус, дар имло) ва бисёр мушакҳои бадан якҷоя фаъолият менамоянд. Ин маънӣ дар ашъори гузаштагони мо низ қайд шудааст:

Набиштан зи гуфтан муҳимтар шинос,
Ба гоҳи навиштан ба ҷо ор ҳуш. *(Масъуди Саъд)*

Дар ин зина таҳсилоти ибтидоӣ хонандагон се малакаи асосӣ: техникаи навиштану имло (беғалтнависӣ) ва эҷод карданро аз худ мекунанд. Техникаи навиштан мувофиқи каллиграфия навиштани ҳарфҳо: риояи унсуру андоза, васлшавии ҳарфҳо, фосилаи байни калимаҳо ва хушнависиро дарбар мегирад. Барои хушнавис шудани хонандагон машқҳои зиёди рӯйнависӣ ва хушнависӣ истифода мешаванд.

Имло (беғалатнависӣ). Маҷмӯи қоидаҳои дуруст навиштани калимаҳо, аз сатр ба сатр кӯчондани онҳо, истифодаи ҳарфҳои калону хурд, тире ва ғайра дар навиштро имло мегӯянд. Дар синфҳои ибтидоӣ тавассути машқҳои имлоӣ имлои ҳарфҳои ӣ, ӯ, ҳ, д, т, ҳ, ъ, имлои ҳарфҳои такрор, қоидаҳои аз сатр ба сатри дигар кӯчондани ҳиссаи калима, имлои исмҳои хос ва ғайра омӯхта мешавад.

Эҷод (иншо кардан, навиштан) кардан, мустақилонаи ҷумла матн (ҳикоя, эълон, мактуб, иншо, нақли хаттӣ ва дигар шаклҳои матн) офаридан, мебошад. Малакаҳои навиштан мисли хондан "равон" ва "бошуурона" ба роҳ монда мешаванд. Навиштани равон маънои онро дорад, ки хонанда ҳангоми навиштан ба суръати мувофиқ, имлои калимаҳо, аломатҳои китобат ва дигар унсурҳои навиштанро риоя мекунад. Навиштани бошуурона эҷод кардан, яъне фикри худро мантиқан дуруст ва дар сохтори муайян бо истифодаи калимаҳои мувофиқ баён кардан аст.

Аз ин лиҳоз, стандартҳои фанни "Забони модарӣ" барои синфҳои ибтидоӣ ин самтҳоро фаро мегирад. Дар синфи якум ва синфи дуюм ба техникаи навиштан диққати бештар дода шуда, эҷод кардани матн нисбатан вақт ва доираи маҳдудро фаро мегирад. Аммо дар синфҳои сеюм ва чорум барои эҷод кардани матн диққати бештар дода мешавад. Унсурҳои гуногуни матнофарӣ, аз ҷумла, риояи сохтор, пайдарпайии мантиқии ҷумлаҳо, истифодаи воситаҳои тасвир ва ғайра таълим дода мешаванд.

Зерсамти якум ба қоидҳои навиштан тааллуқ дорад

*Дар ин самт хонандагон дарс инфи якум тарзҳои истифодаи* воситаҳои хатнависӣ (дафтар, ручка, қалам), раҳҳои хурду калон, тарафҳои росту чап, болою

поён ва ҳошияи дафтар омӯхта, тартиби навишти унсурҳои ҳарфҳои хурду калон, мавзун, моил (ба рост тахти кунҷи 65°), қоидаи васлшавии ҳарфҳо, масофаи байни калимаҳо)-ро риоя мекунанд. Калимаҳоро тибқи қоидаҳои имло (исми хос, калимаҳои ӣ, ӯ, ҳ, ъ-дор) менависанд. Қоидаҳои аз сатр ба сатри дигар гузарондани ҳиссаи калимаро риоя мекунанд. Мавриди истифодаи аломатҳои китобат (нуқта, вергул, савол, хитоб) риоя мекунанд.

Зерсамти дуюми навиштан ба тарзҳои навишт тааллуқ дорад. Ба стратегияҳои навиштан малакаю маҳоратҳои зерин дохил мешаванд:

– малакаҳои беғалатнависӣ тавассути имлоҳои таълимӣ;
– малакаю маҳорати истифодаи луғати нав дар дар нутқи хаттӣ тавассути машқҳои луғавӣ;
– тартиб додани саволҳои дараҷаи гуногун; тарзҳои гуногуни босуръат навиштану тарзи муколамаи хурд тартиб додан;
– муҳокимаи сохтор, мазмун ва тарзҳои такмилу ислоҳи матнҳои гуногун аз қабили ҳикоя, эълон, табрикнома, мактуб;
– тарзҳои пур кардани маълумотнома (анкета), ҷадвалу нақшаҳо, кроссворду сканвордҳо.

Зерсамти сеюми навиштан салоҳиятҳои матнофариро дар бар мегирад. Хонандагон малакаҳои навиштани иншо, ҳикоя, афсона, корҳои лоиҳавӣ, табрикнома, эълон, мактубро инкишоф дода, дастурҳои хаттии ба синну сол мувофиқ менависанд.

**Дастурҳо барои худомӯзии методҳои таълими навиштан**

1) Тавсияҳои методиро бодиққат хонед.
2) Мазмуни тавсияҳои методиро бо ҳамкорон муҳокима кунед.
3) Салоҳиятҳо ва нишондиҳандаҳои салоҳиятнокии онҳоро хонед.
4) Муайян кунед, ки барои ташаккули ин салоҳиятҳо кадом методҳо мувофиқанд.
5) Методҳои интихобкардаатонро ба зери салоҳиятҳои мувофиқ (нигаред ба замима) нависед.
6) Тарзи истифодаи методро дар амал машқ кунед ва натиҷаҳо бадастомадаро таҳлилу арзёбӣ кунед.
7) Агар истифодаи метод мнтод натиҷаи дилхоҳ надод сабабашро муайян (шояд дар интихоби метод ё ҳангоми истифода ягон ғалат содир шуда бошад) кунед.

### 2.3.1. Методҳои таълими навиштан

**Дафтари имло**

**Шарҳ**: Ташкил намудани дафтари имло ба хонандагон имкон медиҳад, ки тарзи навиштан ва имлои калимаҳои душворро аз худ кунанд. Инчунин ҳангоми мустақилона навиштани матн ба онҳо ҳамчун луғати имло хизмат карда метавонад.

Тартиб:

– Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки *«Дафтари имло»* ташкил намоянд. Ҳар варақи дафтарро ба ҳарфе бахшанд ( ҳарфҳои имлояшон душвор и, ӣ, ӯ, й, д, т, ҳ, ё, е, ю, я, ъ, ҳарфҳои такрор). Ҳар дарс калимаҳоеро, ки имлои махсус доранд, мувофиқи ҳарф дар дафтари имло нависанд ва дар хотир нигоҳ доранд.

Масалан,

| | | | |
|---|---|---|---|
| ӣ<br>моҳӣ<br>гуфтаӣ | Ӯ<br>дирӯз<br>шӯр | Ъ<br>меъда<br>маъно | Ҳарфҳои такрор<br>иттиҳод<br>мунаққаш |

– Ҳар дафъае, ки хонандагон дар навишти калимаҳо душворӣ мекашанд, ин дафтарро барои таҳрири корашон истифода мебаранд.
– Омӯзгор низ ҳангоми таҳлили кори хонандагон аз онҳо хоҳиш карда метавонад, ки барои ислоҳи ғалатҳои имлоӣ ба *«Дафтари имло»* муроҷиат намоянд.

**Кор бо ҳусни хат**

**Шарҳ:** Кор бо ҳусни хат ба хонандагон имкон медиҳад, ки ҳарфҳои алифбои забони тоҷикиро зебо, хоно ва беғалат нависанд.

Тартиб:

– Ҳарф ё рақамеро, ки хонанда дар навиштани он душворӣ мекашад, муайян намоед. (Масалан, М, Қ, 9 ва ғайра вобаста ба мушкилоти хонанда).
– Агар якчанд хонанда ҳамон як ҳарфро дуруст навишта натавонанд, онҳоро ба як гурӯҳ муттаҳид намоед.
– Моҳияти фаҳмо навиштанро ба хонандагон фаҳмонед. Масалан, кори хонандаеро ба аҳли синф нишон диҳед (кори синфи дигар), ба ҳарфу калимаҳое, ки нофаҳмо ва нодуруст навишта шудаанд, ишора намуда, гӯед, ки фаҳмидани онҳо барои хонанда хеле мушкил аст. Сипас, калимаҳои минбаъдаро, ки дуруст навишта шудаанд, ишора карда онҳоро хонед. Вале гӯед, ки онҳо барои фаҳмидани маънии пурраи ҷумла ёрӣ намерасонанд, зеро ҳарфу калимаҳои дигар нофаҳмоанд. Қайд намоед, ки дуруст, хоно ва фаҳмо навиштан имкон медиҳад, ки кори шуморо шахси дигар хонда маънии онро дарк кунад.
– Сипас, ҳарфро навишта тарзи навиштани онро бо овози баланд гӯед. Масалан, ҳангоми навиштани ҳарфи **м** чунин гуфта метавонед: "Аз поёни хат нуқтача гузошта, каме онро ба шакли нимдавра кашида, сипас каме ба боло мебарем. Баъд аз боло ба поён хат бурда, то нуқтаи поён мерасонем. Аз нуқтаи поён боз

хат бурда, байни хатҳо каме фосила мегузорем. Аз нуқтаи боло то поён хат кашида, бо нимдавра ҳарфро ҷамъбаст мекунем.”

- Ҳар ҳарферо, ки дар тахта ё дафтари хонанда менависед, ҳатман шарҳ дода нависед. Ин ба хонандагон аз ду ҷиҳат муфид аст: онҳо ҳарфро мебинанд ва дастурро мешунаванд.
- Инчунин ҳангоми омӯхтани ҳарфҳои монанд фарқи онҳоро шарҳ диҳед. Масалан, фарқи байни ҳарфҳои **г** ва **ғ**, **х** ва **ҳ**, **к** ва **қ**, **ш** ва **м** ва амсоли он. Шумо метавонед аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ин фарқро гӯянд.
- Ба хонандагон машқи хат пешниҳод намоед. То рост шудани дасташон ба онҳо ёрӣ расонед.
- Сипас бо ҳарфҳои омӯхтаашон навиштани калимаро машқ кунед.
- Амали мазкурро бо ҳар ҳарфи нав иҷро намоед.

### Якҷоя менависем

**Шарҳ:** Усули мазкур ба хонандагон имкон медиҳад, ки калима, ибора ва ҷумлаҳои содаро аз тахтаи синф, китоби дарсӣ ва дигар маводу воситаҳои аёнӣ беғалат нависанд.

Тартиб:

- Ба хонандагон муроҷиат намоед: “Ҳоло мо ҷумла менависем: *Ман дар синфи якум мехонам*.”
- Ба хонандагон муроҷиат намуда, пурсед: “Кӣ мегӯяд, ки калимаи “ман” аз кадом ҳарфҳо иборат аст?”
- Хонандагон мегӯянд: “м, а, н”.
- Шумо дар тахтаи синф нависед: “ман”.
- Сипас, аз хонандагон пурсед, ки калимаи “дар” аз кадом ҳарфҳо иборат аст. Хонандагон ҳарфҳоро мегӯянд ва шумо калимаро дар тахтаи синф менависед.
- Ҳамаи калимаҳои ҷумларо бо чунин усул дар тахтаи синф нависед.
- Сипас, аз хонандагон пурсед, ки дар охири ҷумла кадом аломат гузоштан ҳатмӣ аст. Хонандагон “нуқта” мегӯянд. Шумо нуқта мегузоред. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ҷумларо аз тахтаи синф рӯйнавис намоянд.
- Шумо ин усулро дар навишти калимаҳои алоҳида, ибораҳо, ҷумлаҳои сода ва ё матни хурд метавонед истифода баред.

**Диққат!** Танҳо рӯйнавис кардани матн ба хонандагон барои дуруст навиштани калимаҳо ёрӣ расонида наметавонад. Аммо фаъолона муҳокима кардани ҳарфҳои калима ва иштирок дар навиштани ҷумла шавқи хонандагонро баланд гардонда, онҳоро масъул месозад.

### Майдони мӯъҷизот

**Шарҳ:** Бозии таълимии мазкур ба хонандагон имкон медиҳад, ки аз баёни омӯзгор дар доираи 18-20 калимаҳои маъмуле, ки тарзи хондану навиштани онҳоро аз худ кардаанд, имло нависанд. Ин усули навиштани имло шавқи хонандагонро ба таълим гирифтан зиёд карда, дарси шуморо самаранок мегардонад. Дарсҳои минбаъда аз ҳарфҳои омодакардаатон ҷумлаҳои дигар созед ва ин навъи имлоро истифода баред.

Тартиб:

– Ҷумлаеро (матни хурдеро) аз дарсҳои пешина интихоб намоед.
– Ҳарфҳои онро дар варақаҳои алоҳида (картон ё коғази сахттар) нависед.
– Дар тахтаи синф ришта кашида, пеш аз дарс ҳарфҳоро ба тартиби дар ҷумла омада бо сӯзанак овезед.
– Ба хонандагон муроҷиат кунед: “Ҳоло мо имло менависем, лекин имлои одӣ не балки имлои ғайриодӣ! Ман калимаҳоро мехонам, шумо дар дафтаратон менависед ва сипас, навиштаатонро месанҷед!”
– Ҷумларо хонед. Сипас, калимаҳоро хонда, аз хонандагон хоҳиш намоед, ки дар дафтарашон нависанд. Пас аз пурра навиштани ҷумлаҳо. Ҳарфҳои пӯшидаро як-як кушоед ва аз хонандагон хоҳиш намоед, ки имлои навиштаашонро санҷанд.
– Шумо метавонед ҳарфҳои калимаро баъд аз хондану навиштани ҳар калима кушоед. Бо имову ишора ва оҳанги сухан ин амалро шавқовар гардонед. Аз унсурҳои нақшофарӣ васеъ истифода баред!





**Имлои дунафарӣ барои синфи 1**

**Шарҳ:** Ин усул масъулияти хонандагонро ба омӯзиш баланд мегардонад. Яъне, на танҳо омӯзгору мактаб, падару модар, балки худи хонандагон метавонанд барои таълим гирифтан масъулият ҳис кунанд. Ин усул ба низоми таълими “хонандамеҳвар” мувофиқ аст.

Тартиб:

– Хонандагонро ба гурӯҳҳои дунафарӣ ҷудо намоед: Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ҳарфҳои А ва Б-ро талаффуз кунанд.
– Аз хонандагони ҳарфи А-ро гуфта, хоҳиш намоед, ки дарси пешинаро аз китоби дарсӣ кушода, ҷумлаеро интихоб кунанд.
– Аз хонандагони ҳарфи Б-ро гуфта хоҳиш намоед, ки китобҳояшонро пӯшанд, дафтару қаламро гирифта ҷумлае, ки шарикашон (ҳамсинфашон) мехонад, ба дафтарашон нависанд.
– Дар байни қаторҳои синф давр зада, фаъолияти хонандагонро мушоҳида намоед. Боварӣ ҳосил кунед, ки ҳамаи хонандагон кор карда истодаанд.
– Пас аз он ки ҳамаи хонандагони гурӯҳи Б ҷумлаҳоро менависанд, аз ин гурӯҳи хонандагон хоҳиш намоед, ки аз дарси пешинаи китоби дарсӣ ҷумлаеро интихоб намоянд.
– Акнун гурӯҳи хонандагони Б ҷумларо мехонанд ва хонандагони гурӯҳи А менависанд.
– Пас аз он ки хонандагони гурӯҳи А ҷумлаҳоро навиштанд, аз хонандагон хоҳиш намоед, ки дафтарҳояшонро иваз карда, кори ҳамдигарро санҷанд ва ғалатҳоро ислоҳ намуда, дафтарҳои шарикашонро баргардонанд.
– Дар қадами аввал идора кардани синф мушкил мегардад, вале шумо аз ин нороҳат нашавед. Ба хонандагон барои одат кардан вақт лозим аст.

– Ҳар ҳафта як маротиба гузаронидани чунин имло тавсия карда мешавад.

## Калимаҳои пароканда

**Шарҳ:** Тавассути усули мазкур хонандагон имкон пайдо мекунанд, ки мувофиқи тартиби наҳвии (синтаксисии) забони тоҷикӣ ҷумлаи сода нависанд. Ба муҳокимаи сохтори ҷумла даъват кардани хонандагон хеле муҳим аст, зеро ин амал имкон медиҳад, ки хонандагон сохтор ва тартиби ҷумларо арзёбӣ карда, фикрашонро шифоҳӣ ва хаттӣ дуруст баён намоянд.

Тартиб:

– Дар варақаҳои алоҳида (дар тахтаи синф ё варақи калон) ҷумлае нависед, ки якчанд калимаи дохили он пароканда навишта шуда бошанд. Яъне, тартиби калимаҳоро ғалат нависед.
  Масалан:
  Харид Зафар дору дорухона аз.
– Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки калимаҳои парокандаро мувофиқи талаби нутқ навишта, ҷумла тартиб диҳанд.
  Масалан:
  Зафар аз дорухона дору харид.
– Бо хонандагон оид ба тартиби калимаҳо ва моҳияти онҳо барои дарки маънӣ суҳбат намоед.
  Ё
– Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ҷумлаеро аз китоби дарсӣ ба тартиби нодуруст рӯйнавис кунанд.
– Дафтарашонро ба шарикашон пешниҳод карда, аз ӯ хоҳиш намоянд, ки ҷумларо дуруст нависанд.
– Ин амалро метавон ду-се маротиба пайиҳам иҷро кард.

## Пур кардани ҷойҳои холӣ

**Шарҳ:** Тавассути усули мазкур хонандагон имкон пайдо мекунанд, ки мувофиқи тартиби наҳвии (синтаксисии) забони тоҷикӣ ҷумлаи сода нависанд. Ба муҳокимаи сохтори ҷумла даъват кардани хонандагон хеле муҳим аст, зеро ин амал имкон медиҳад, ки хонандагон сохтор ва тартиби ҷумларо арзёбӣ карда, фикрашонро шифоҳӣ ва хаттӣ дуруст баён намоянд.

Тартиб:

– Дар варақаҳои алоҳида якчанд ҷумлае, ки пешояндҳои гуногун доранд, навишта, ҷойи пешояндҳои онро холӣ гузоред. Пешояндҳоро дар поёни варақ нависед.
– Масалан:
– Ман ҳар рӯз ____ хоб соати 7 мехезам. Дасту рӯямро шуста, хӯрок мехӯрам ва соати 8 ___ мактаб меравам. Баъд аз дарсҳо соати 12 ___ хона бармегардам.
  ба, аз, ба
– Хонандагонро ба гурӯҳҳои чорнафарӣ ҷудо карда, аз онҳо хоҳиш намоед, ки калимаҳои дар поёни варақ овардашударо дар матн дуруст ҷой диҳанд.
– Шумо метавонед чунин усулро бо аломат, амал ва умуман калимаҳои дигар истифода баред.

**Диққат!** Кӯшиш намоед, ки дар ҷумла калимаҳои якнавъро холӣ гузоред, масалан номи ашёро, аломат ё амали онҳоро. Ин хонандагонро водор месозад, ки диққатро ба як самт равона созанд ва ба моҳияти ин гурӯҳи калимаҳо амиқ сарфаҳм раванд.

### Муҳаррири моҳир

**Шарҳ:** Ин фаъолияти таълим ба хонандагон имкон медиҳад, ки ба моҳияти нуқта ва аломати савол сарфаҳм рафта, ҳангоми навиштани ҷумлаҳои сода аз онҳо истифода баранд ва барои таълими худ масъул гарданд. Барои таълими худ масъул будан малакаест, тавассути пешниҳоди имкони ба худ ва ба ҳамдигар баҳо додан, худ ва дигаронро таълим додан такмил меёбад. Чунин усул метавонанд хонандагонро ба таълим гирифтан масъул гардонанд. Инчунин усули мазкур хонанда ва раванди таълимгирии ӯро дар маркази диққат мегузорад.

Тартиб:

- Шаш матни хурдро аз китоби дарсӣ интихоб намоед.
- Матнҳоро дар варақаҳои алоҳида нависед, вале аломатҳои китобат (нуқта ва савол)-и онро нагузоред.
- Аҳли синфро ба шаш гурӯҳ ҷудо намоед.
- Ба ҳар гурӯҳ як варақа пешниҳод карда, аз онҳо хоҳиш намоед, ки аломати китобати мувофиқро дар матн гузоранд. Барои иҷрои ин фаъолият панҷ дақиқа ҷудо кунед.
- Пас аз иҷрои вазифа варақаҳои як гурӯҳро ба гурӯҳи дигар дода хоҳиш намоед, ки кори гурӯҳи дигарро хонда, онро арзёбӣ намоянд.
- Варақаҳоро ба гурӯҳҳо баргардонед ва аз хонандагон хоҳиш намоед, ки тавсияҳои ҳамсинфонашонро таҳлил кунанд.
- Сипас, аз гурӯҳҳо хоҳиш намоед, ки саҳифаи мувофиқро аз китоби дарсӣ ёфта, корашонро бо матни асл муқоиса намоянд

**Диққат!** Шумо метавонед хонандагонро ба гурӯҳҳо муттаҳид карда, аз онҳо хоҳиш намоед, ки матнеро аз китоби дарсӣ интихоб намуда, онро ба варақаи алоҳида рӯйнавис кунанд, вале аломатҳои китобати онро нагузоранд. Сипас, варақаро ба гурӯҳи дигар дода, аз онҳо хоҳиш намоянд, ки аломати китобатро дуруст гузоранд.

### Ҳикояи аввалини ман

**Шарҳ:** Фаъолияти таълимии мазкур имкон медиҳад, ки хонандагон аз рӯйи мазмуни расм, мусаввара ва ё нақли шунида ду-се ҷумлаи сода нависанд.

Тартиб:

- Аз китоби дарсӣ, маҷалла ё маводи дигар расмеро интихоб намоед. Дар расм бояд ҳодисае тасвир шуда бошад. Он бояд як ё ду симо дошта бошад.
- Расмро ба хонандагон нишон дода, онро муҳокима кунед. Ба хонандагон чунин савол дода метавонед:

  Дар расм чиро мебинед? Кӣ дар расм тасвир шудааст? Ӯ/онҳо чӣ кор мекуна(н)д?
- Ба хонандагон барои фаҳмидани мазмуни расм ёрӣ расонед. Луқма партоед, онро шарҳ диҳед.

- Расмро дар тахтаи синф овезед ва аз хонандагон хоҳиш кунед, ки ба он нигоҳ карда як ҷумла гӯянд. Ба хонандагон ду дақиқа вақт диҳед.
- Сипас, аз якчанд хонанда хоҳиш намоед, ки ҷумлаҳояшонро гӯянд.
- Баъд ба хонандагон супориш диҳед, ки ҷумлаи тартибдодаашонро дар дафтар нависанд. Дар синф давр зада, фаъолияти хонандагонро назорат кунед ва ба онҳо ёрӣ расонед.

**Диққат!** Ҳангоми интихоби расм ба мазмуни он аҳамият диҳед. Шумо метавонед ба китобхонаи мактаб рафта, китобҳои пешинаи хонишро варақ зада, расми мувофиқ ёбед. Ё агар имкон дошта бошед, худатон расм кашед.

**Пур кардани маълумотнома**

**Шарҳ:** Ин восита ба хонандагон имкон медиҳад, ки оид ба маълумоти шахсӣ ва мавзӯи маъмул матни хурд (дорои се-чор ҷумла) тартиб диҳанд.

Тартиб:
- Варақаи маълумоти шахсӣ таҳия намоед. Масалан:

| Ному насаб | |
|---|---|
| Соли таваллуд | |
| Ҷойи таваллуд | |
| Номи падару модар | |
| Ноҳия/шаҳр | |
| Рақами мактаб | |
| Синф | |

- Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки онро ба дафтарашон рӯйнавис кунанд.
- Ба хонандагон ёрӣ расонед.
- Сипас, хонандаеро ба назди тахтаи синф даъват карда, ба ӯ савол диҳед ва ҷавобро ба хати мувофиқ нависед.

Масалан:

| Ному насаб | Рустам Ҳалимов |
|---|---|
| Соли таваллуд | 2008 |
| Ҷойи таваллуд | деҳаи Тезгари поён |
| Номи падару модар | Сӯҳроб Ҳалимов<br>Заррина Ҳалимова |
| Ноҳия/шаҳр | Рӯдакӣ |
| Рақами мактаб | №36 |
| Синф | Якум |

- Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки монанди намуна варақаро пур кунанд.
- Барои машқ кардани варақапуркунӣ хонандагонро дунафарӣ муттаҳид карда, аз онҳо хоҳиш кунед, ки бори дигар ҷадвалро дар дафтарашон кашанд.
- Ба шарикдарсон савол дода, ҷадвалро пур кунанд. Ин амалро бо навбат иҷро намоянд.

- Пас аз пур кардани ҷадвал онро ба аҳли синф муаррифӣ намоянд.

Масалан:

Дӯсти ман ... ном дорад. Ӯ соли ... дар ... таввалуд шудааст. Падари ӯ ... ном дорад. Модараш ... ном дорад. Ӯ дар синфи ... мактаби ... таҳсил мекунад.

- Барои амиқтар машқ кардани варақапуркунӣ аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ҷадвалро ҳамчун намунаи боло дар шакли матн нависанд.

**Диққат!** Шумо метавонед ҳар ҳафта аз хонандагон хоҳиш кунанд, ки дар бораи худашон ба аҳли синф маълумот диҳанд.

### Имлои синфӣ

**Шарҳ:** Ин усул ба хонандагон имкон медиҳад, ки навиштаи худро бо маводи китоб муқоиса намуда, ғалатҳоро ёфта ислоҳ карда тавонанд. Истифодаи усули мазкур ба хонандагон имкон медиҳад, ки таҳрир кардани кори хаттии худро машқ кунанд. Минбаъд хонанда ин малакаро дар ҳаёт истифода бурда, навиштаи худро такмил дода, ба адабиёту сарчашма ва луғату фарҳангҳои мухталиф мурoҷиат хоҳад кард.

Тартиб:

- Матнеро иборат аз 18-20 калима аз китоби дарсӣ интихоб намоед. (Аввали чоряки чоруми соли хониш).
- Матнро ба хонандагон як маротиба хонед. Аз онҳо хоҳиш намоед, ки калимаеро, ки дар навиштанаш мушкилӣ мекашанд гӯянд. Шумо он калимаҳоро ба тахтаи синф нависед ва тарзи навиштаашонро ба хонандагон фаҳмонед.
- Сипас, матнро бо суръати мувофиқ хонда, аз хонандагон хоҳиш намоед, ки онро аз гуфтаи шумо ба дафтарашон нависанд.
- Ҳар ҷумларо хонед ва аз хонандагон хоҳиш намоед, ки матни навиштаашонро аз назар гузаронанд ва ғалати кардаашонро ислоҳ намоянд.
- Сипас, аз хонандагон хоҳиш намоед, ки саҳифаи мувофиқи китоби дарсиро кушоянд, матни навиштаашонро бо матни китоб муқоиса карда, ғалатҳояшонро аниқ сохта, онҳоро ислоҳ намоянд.
- Инчунин, шумо метавонед барои ба ин натиҷа ноил гаштан аз "Имлои дунафарӣ " истифода баред.

### Имлои дунафарӣ барои синфи 2-4

**Шарҳ:** Усули мазкур ба хонандагон имкон медиҳад, ки ҳангоми навиштан ба имлои ҳарфҳои **е, ё, ю, я, й, у, ӯ** ва **ъ** риоя кунанд. Имлои дунафарӣ имкон медиҳад, ки хонандагон бештар машқ кунанд, ба ҳамдигар баҳо диҳанд ва ба таҳсил масъул бошанд.

Тартиб:

1) Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки аз китоби дарсӣ яктоӣ калимаҳое, ки ҳарфҳои **е, ё, ю, я, й, у, ӯ** ва **ъ** доранд, ба дафтар рӯйнавис намоянд.
2) Хонандагонро ба гурӯҳҳои дунафарӣ муттаҳид намоед. Аз хонандаи А хоҳиш намоед, ки калимаҳоро аз рӯйихат хонад ва хонандаи Б онҳоро нависад.
3) Сипас, аз хонандаи Б хоҳиш намоед, ки калимаҳоро аз рӯйихати худаш хонад, хонандаи А нависад.

4) Баъд аз хонандагон хоҳиш намоед, ки дафтарҳояшонро иваз карда, имлои навиштаашонро санҷанд.
5) Барои боварӣ ҳосил кардан дафтари якчанд хонандаро санҷед.

**Озмуни имло**

**Шарҳ:** Усули мазкур ба хонандагон имкон медиҳад, ки ҳангоми навиштан ба имлои ҳарфҳои **е, ё, ю, я, ӣ, у, ӯ** ва **ъ** риоя кунанд. Ин гуна озмунҳо шавқи хонандагонро бедор карда, барои дар хотир гирифтани имлои калимаҳо ёрӣ мерасонад. Инчунин аз хонандагон хоҳиш кунед, ки калимаҳоро дар «Дафтари имло» нависанд.

Тартиб:

- Рӯйихати калимаҳоеро, ки ҳарфҳои **е, ё, ю, я, ӣ, у, ӯ** ва **ъ** доранд, тартиб диҳед.
- Хонандагонро ба гурӯҳҳои чор-панҷнафарӣ муттаҳид созед.
- Аз онҳо хоҳиш кунед, ки як нафарро "нависанда" интихоб намоянд. Як варақ гирифта номи аъзоён гурӯҳашонро нависанд.
- Сипас, калимаҳоро як-як хонед ва аз байни гурӯҳҳо хоҳиш кунед, ки калимаҳоро нависанд.
- Пас аз хондани ҳамаи калимаҳо варақҳои хонандагонро ҷамъ оварда, санҷед ва баҳои кори гурӯҳҳоро муайян карда, ба аҳли синф эълон намоед.

**Имлои «Кӣ зуд менависад»**

**Шарҳ:** Усули мазкур ба хонандагон имкон медиҳад, ки аз баёни омӯзгор дар доираи 25 - 40 калима имло нависанд.

Тартиб:

- Матни хурдро аз китоби дарсӣ интихоб кунанд.
- Аз хонандагоне, ки дар аввали қаторҳо нишастаанд, хоҳиш намоед, ки саҳифаи мувофиқро (матни интихоб кардаатонро) кушоянд.
- Аз хонандагони дигар хоҳиш кунед, ки саҳифаҳои китобҳояшонро пӯшанд (ё ба ҷузвдон гузоранд).
- Ба хонандагон чунин муроҷиат кунед: «Ҳоло хонандаи қатори якум як ҷумларо хонда, онро ба хонандаи дар пас нишаста мегӯяд. Хонандаи дуюм онро ба хонандаи сеюм ва сеюм ба чорум мегӯяд. Хонандаи дар қатори охир нишаста ҷумларо дар дафтараш менависад.»
- Ин фаъолиятро бо як ҷумла машқ намоед.
- Сипас, аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ба навишатни имло шурӯъ намоянд.
- Синфро идора кунед, бикӯшед, ки хонандагон ғалоғулаи зиёд накунанд.
- Пас аз ба итмом расонидани имло, дафтари хонандаи дар қатори охир нишастаро гирифта санҷед ва натиҷаи корро ба аҳли синф эълон намоед.
- Ҳангоми ба роҳ мондани имлои мазкур аз нақшаи зерин истифода баред:



**Диққат!** Ҳангоми навиштани чунин имло аз омӯзгор маҳорати баланди идора кардани синф талаб карда мешавад. Дар хотир бояд дошт, ки дар марҳалаи аввал (то сарфаҳм рафтани хонандагон) идора кардани синф мушкилтар аст, аммо бо истифодаи чандкаратаи ин усул идораи синф осон мешавад.

### Дар табақ чиҳо ҳаст?

**Шарҳ:** Усули мазкур ба хонандагон имкон медиҳад, ки номи ашёро дуруст нависанд.

Тартиб:

- Якчанд ашёро ба табақча гузоред. Шарт нест, ки ашё ба тартиби муайян гузошта шавад. Шаклу андозаи ашё гуногун бошад беҳтар аст. Намунаи ашё бӯр, дафтар, қалам, расм ва амсоли он буда метавонад.
- Аз панҷ чиз оғоз намудан беҳтар аст. Агар ин ба хонандагон осон бошад, ашёи зиёдтар истифода бурда мешавад. Агар мушкил бошад, ашёи камтарро интихоб намудан мумкин аст.
- Диққати хонандагонро ба худ ҷалб кунед. Табақчаро дар болои миз ба муддати 60 сония ё вобаста ба шумораи ашё аз ин вақт камтар гузоред. Боварӣ ҳосил намоед, ки ҳамаи хонандагон табақча ва ашёи дар он бударо дида метавонанд. Сипас, табақчаро ба ҷойи дигар пинҳон намоед.
- Хонандагон бояд номи ашёи дар табақча бударо ба ёд оранд ва нависанд.
- Ҳар хонандае, ки шумораи зиёди ашёро дуруст менависад, ғолиб дониста мешавад.
- Шумо метавонед табақчаро бори дигар барои санҷидани номи ашё ба болои миз гузоред.
- Навиштаҳои хонандагонро арзёбӣ кунед.

**Диққат!** Мақсади истифодаи табақча дар як замон намоиш додани ашёи гуногун ва ба зудӣ пинҳон кардани онҳост. Агар табақча надошта бошед, шумо метавонед ашёро болои миз гузоред, аммо онҳо бояд зуд аз болои миз гирифта шаванд. Барои гузоштани ашё ба болои миз вақти зиёд сарф накунед, зеро ин метавонад ба хонандагон имкон бештари дар хотир гирифтанро диҳад.

### Озмуни «Ҷумлаи дарозтарин»

**Шарҳ:** Усули мазкур ба хонандагон имкон медиҳад, ки калимаҳоро дуруст гурӯҳбандӣ намуда, мавриди истифодаи аломати вергулро муайян кунанд.

Тартиб:

- Нақшаи зерро тасвир кунед.
- Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ба ҷойҳои холӣ калимаҳо (исмҳо)-и мувофиқ ёфта нависанд.

Намуна:

Фарзона ва Фаридун дар синфи чорум мехонанд.
Фарзона, Фаридун ва Манижа дар синфи чорум мехонанд.
Фарзона,Фаридун, Манижа ва Бежан дар синфи чорум мехонанд.
Фарзона, Фаридун, Манижа, Бежан ва Бунафша дар синфи чорум мехонанд.
Фарзона, Фаридун, Манижа, Бежан, Бунафша ва Баҳодур дар синфи чорум мехонанд.
Фарзона, Фаридун, Манижа, Бежан, Бунафша, Баҳодур ва Нисо дар синфи чорум мехонанд.

Ин шаклро метавонед вобаста ба мақсад ва мавзӯъ тағйир диҳед.)

Ба ҷойҳои холӣ феълҳои мувофиқ гузошта нависед.

Мо дар мактаб ____ ва ____.
Мо дар мактаб ____, ____ ва ____.
Мо дар мактаб ____, ____, ____ ва ____.
Мо дар мактаб ____,____, ____, ____ ва ____.
Мо дар мактаб ____, ____, ____, ____, ____ ва ____.
Мо дар мактаб ____, ____, ____, ____, ____, ____ ва ____.
Мо дар мактаб ____, ____, ____, ____, ____, ____, ____ ва ____.

Ба ҷойҳои холӣ сифатҳои мувофиқ гузошта нависед.

Гулҳои ____ ва ____ шукуфтанд.
Гулҳои ____, ____ ва ____ шукуфтанд.
Гулҳои ____, ____, ____ ва ____ шукуфтанд.
Гулҳои ____,____, ____, ____ ва ____ шукуфтанд.
Гулҳои ____, ____, ____, ____, ____ ва ____ шукуфтанд.
Гулҳои ____, ____, ____, ____, ____, ____ ва ____ шукуфтанд.
Гулҳои ____, ____, ____, ____, ____, ____, ____ ва ____ шукуфтанд.

## Киштӣ

**Шарҳ:** Усули мазкур барои таълими масъалаҳои гуногуни забони модарӣ: омӯхтани ҳарфу овоз, калимаҳои ҳаммаъно ва муқобилмаъно, имлои ҳарфҳо, гурӯҳбандии калимаҳо мусоид буда, дар тамоми синфҳо истифода кардан мумкин аст.

Тартиб:

- Дар лавҳи дарсхона расми киштиро кашед.
- Ба хонандагон чунин муроҷиат намоед: «Бачаҳо, тасаввур кунед, ки мо ҳоло ба хонаи хешу табор меравем. Акнун биёед, ба киштӣ савор шуда (омӯзгор расми киштиро нишон медиҳад), ба сайр мебароем. Мо бо худ танҳо чизҳоеро мегирем, ки дар номи онҳо ҳарфҳои «ӯ», «й», «ӣ» мавҷуд бошад. Кӣ мегӯяд, ки мо бо худ чизҳоро мегирем?»
- Хонандагон номҳои ашёе, ки ҳарфи номбаршударо доранд, мегӯянд. Масалан: тӯтӣ, кӯза, мӯза, сӯзан, қаймоқ, …
- Агар имкон дошта бошед, расми якчанд ашёи гуфтаро дар дохили расми киштӣ кашед ва номи онро нависед.

– Сипас аз хонандагон хоҳиш намоед, ки баъд аз шумо калимаҳоро такрор кунанд ва нависанд.
– Ин бозиро дар дарсҳои дигар низ истифода бурда метавонед.

**Машқи ҷумласозӣ (кор бо ҷумлаи пароканда).**

Шарҳ: Усули мазкур ба хонандагон имкон медиҳад, ки ҷумла сохтанро ёд гиранд.

Тартиб:

– Дар варақ ё картон се калима нависед ва бо тартиби зайл овезон кунед:

| | | |
|---|---|---|
| овард. | Модар | себ |

– Ба бачаҳо гӯед, ки биёед, онҳоро мехонем: овард. Модар себ
– Гӯед, ки дар ин ҷумла калимаҳо гурехта ҷойи худро иваз кардаанд. Биёед, онҳоро ба ҷойи худ бармегардонем. Барои он ки мо калимаҳоро ба ҷойи худ баргардонем аввал, дар бораи ҷумла суҳбат мекунем. Ҷумла бо кадом ҳарф оғоз меёбад?

– Ҷумла бо ҳарфи калон сар мешавад.

– Дар ин ҷо кадом калима бо ҳарфи калон омадааст?

– Калимаи «Модар» бо ҳарфи калон омадааст.

– Пас аввали ҷумлаи мо кадом аст?

– Калимаи «Модар» ( калимаи «Модар»-ро ба аввал овезон кунед):

| | | |
|---|---|---|
| Модар | | себ |

– Дар охири ҷумла чӣ гузошта мешавад?

– Дар охири ҷумла аломати нуқта гузошта мешавад.

– Охири ҷумла бояд кадом калима бошад?

– Охири ҷумла бояд калимаи «овард» бошад.

– Барои чӣ?

– Барои он ки нуқта дар охири ҷумла гузошта мешавад.(калимаи «овард»-ро ба охир баред ва гӯед, ки ҷумларо хонанд.)

| | | |
|---|---|---|
| Модар | себ | овард. |

**Навиштани мактуби дӯстона**

**Шарҳ:** Усули мазкур имкон медиҳад, ки хонандагон сохтор ва мазмуни мактубро аз дигар навъҳои матн фарқ карда, мактуб навиштанро машқ кунанд.

Тартиб:

– Мактуберо омода намуда, ба аҳли синф хонед.

Масалан:

Салом, Зарринаи меҳрубон

*Ду ҳафта шуд, ки мо дар истироҳатгоҳи тобистонаи «Афсона» истироҳат мекунем. Мо ҳар рӯз машғулият ва бозиҳои гуногун мегузаронем. Омӯзгорон ва мураббиён ба мо хеле ғамхорона муомила мекунанд.*

*Ману Дилрабо туро хеле пазмон шудаем ва бо ин нома хостем аз аҳволат пурсон шавем. Мо ғамгинем, ки ту бо сабаби беморӣ ба истироҳатгоҳ омада натавонистӣ. Аҳволат ҳоло чӣ хел аст? Шифо ёфтӣ?*

*Мо ба дӯстони навамон дар бораи ту бисёр ҳикоя мекунем. Туро ёд мекунем.*

*Ту ба мо навис! Мо номаи туро ба дӯстони навамон мехонем.*

*Бо эҳтиром ва муҳаббат*

Рухшона ва Моҳнисо 18 июли соли 2015

- Оид ба мактуби дӯстона каме маълумот диҳед. Ҳар як қисми мактубро зикр карда фаҳмонед. Масалан:

А) Мактуби дӯстона ғайрирасмӣ аст. Одатан сархати аввали он аз муқаддима иборат аст, ки мактубгирандаро аз мақсади навиштани нома огоҳ месозад. Яъне, нома ба кадом мақсад навишта мешавад. Агар шахси мактубгиранда ба муаллифи мактуб ношинос бошад, он гоҳ дар муқаддима мактубнавис худро шинос мекунад.

Б) Қисмҳои баъдинаи мактуб ахбори мушаххастарро барои равшан намудани матлаби мактуб фаро мегирад.

В) Дар сархати охирини мактуб одатан хулосаи он навишта мешавад. Муаллиф ақидаашро ҷамъбаст карда, ба мактубгиранда изҳори сипос менамояд ва ба ӯ таманное намуда, дар поварақ номи худ ва таърихи навиштани мактубро зикр мекунад.

- Мактубро ба тахтаи синф навишта, аз хонандагон хоҳиш намоед, ки онро бо иваз кардани номҳо ё иловаҳои худ рӯйнавис кунанд.
- Сипас, аз якчанд хонанда хоҳиш намоед, ки мактубҳояшонро ба аҳли синф хонанд.

**Диққат!** Мактуби дӯстона воситаи муоширати байни ду (ё зиёда) одамони ошно аст. Мактуби дӯстона мақсад ва вазифаҳои гуногун дорад, вале аслан чунин мактуб мавзӯъҳои шахсиро фаро мегирад. Мактуби дӯстонаро ба таври чопӣ ё дастнавис метавон таҳия кард.

## Навиштани табрикнома

**Шарҳ:** Усули мазкур имкон медиҳад, ки хонандагон сохтор ва мазмуни табрикномаро аз дигар навъҳои матн фарқ карда, навиштани онро машқ кунанд.

Тартиб:

- Табрикномаеро таҳия намуда, ба аҳли синф хонед.

Масалан:

Омӯзгораи меҳрубон!

Мо, хонандагони синфи 2 «б», Шуморо бо Иди Рӯзи модар табрик намуда, ба Шумо комёбиҳо таманно дорем. Сиҳату саломат бошед.

Бо эҳтиром

хонандагони синфи 2 «б».

- Қисмҳо ва калимаву ибораҳои хоси табрикномаро шарҳ диҳед ва бо хонандагон муҳокима намоед.
- Табрикномаро ба тахтаи синф навишта, аз хонандагон хоҳиш намоед, ки онро бо иваз кардани номҳо ё иловаҳои худ рӯйнавис кунанд.
- Сипас, аз якчанд хонанда хоҳиш намоед, ки табрикномаҳояшонро ба аҳли синф хонанд.

**Диққат!** Навиштани навъҳои дигари матн, аз қабили эълон, маълумотномаи шахсӣ ва ҳикояи хурдро бо ин усул ба роҳ монда метавонед.

### Озмуни хушнависӣ

**Шарҳ:** Усули мазкур имкон медиҳад, ки хонандагон мунтазам доир ба хушнависӣ аҳамият диҳанд ва ҳамеша хонову зебо ва беғалат нависанд.

Тартиб:

- Дар аввали соли хониш озмуни хушнависиро эълон намоед.
- Якҷоя бо хонандагон нишондиҳандаҳои хушнависиро тартиб диҳед. Яъне, хушнависӣ кадом хусусиятҳоро дорад.
- Ҳар моҳ озмунро ҷамъбаст карда, хонандаеро, ки ғолиби озмун мегардад, ба унвони «Хушнависи моҳ» сазовор гардонед.
- Инчунин якҷоя бо хонандагон «Ҷоми хушнависӣ»-ро ихтироъ/интихоб намоед.
- Ба кори хонандагон мувофиқи нишондиҳандаҳо баҳо диҳед, ин раванди арзёбии озмунро шаффоф мегардонад.

**Диққат!** Ба хонандагон таъкид кардани хушнависӣ зарур аст, зеро хати хоно ва фаҳмо ба дарки маънии матн мусоидат менамояд. Аз тавсияҳои методии натиҷаи мазкур дар синфҳои якум ва дуюм истифода баред.

### Таълифи китоб

**Шарҳ:** Усули мазкур имкон медиҳад, ки хонандагон дониш, малака ва маҳорати худро доир ба расмкашӣ ва матнофарӣ тақвият дода, ба эҷодкорӣ рӯй оранд.

Тартиб:

- Хонандагонро ба гурӯҳҳои чорнафарӣ муттаҳид кунед.
- Ба онҳо варақи дафтари дусаҳифадор диҳед. Аз онҳо хоҳиш кунед, ки қаламҳои ранга гиранд.
- Мавзӯи матнро дар тахтаи синф нависед. Масалан: Баҳор
- Аз гурӯҳҳо хоҳиш намоед, ки дар бораи баҳор як ҷумла тартиб диҳанд. Масалан: Дар баҳор гулҳо мешукуфанд.

- Аз гурӯҳҳо хоҳиш кунед, ки ҷумлаҳояшонро гӯянд. Боварӣ ҳосил намоед, ки ҷумлаҳои гурӯҳҳо навишта гуногунанд.
- Сипас, аз хонандагон хоҳиш намоед, ки дар варақҳои пешниҳодкардаатон мувофиқи ҷумла расм кашанд.
- Расмро ранг кунанд ва ҷумлаи тартибдодаашонро дар поёни варақ нависанд.
- Ҳангоми кори гурӯҳҳо дар синф давр зада, ба хонандагон ёрӣ расонед.
- Ҳангоме ки ҳамаи гурӯҳҳо корро ба анҷом расонданд, варақҳоро ҷамъ оварда, пайиҳам часпонед ва онро муқова кунед.
- Номи китобчаро якҷоя бо хонандагон муҳокима кунед.
- Муаллифи китобчаро нависед. Масалан: хонандагони синфи 3 "А".
- Саҳифаҳои китобчаро ба навбат кушоед ва аз хонандагон хоҳиш кунед, ки онро хонанд.

**Кори лоиҳавӣ**

**Тартиб**:

Омодагии пешакӣ

- Рӯйихати шаш калимаеро, ки номи ашё, ҳаракат ва аломати ашёро ифода мекунанд, тартиб диҳед.
- Шаш чунин рӯйихат тартиб диҳед.
- Калимаҳоро ба тартиби гуногун нависед.
- Ҳангоми дарс
- Хонандагонро ба гурӯҳҳои панҷнафарӣ муттаҳид намоед.
- Ба ҳар гурӯҳ як рӯйихат пешниҳод кунед.
- Аз гурӯҳҳо хоҳиш кунед, ки калимаҳоро хонанд ва муҳокима намоянд.
- Сипас бо ёрии ин калимаҳо матни хурд (иборат аз се-чор ҷумла) таҳия намоянд. Агар имкон дошта бошанд, барои тақвияти матнашон расм кашанд.
- Бори дигар матнашонро хонанд ва таҳрир намоянд.
- Аз гурӯҳҳо хоҳиш намоед, ки матнро тозанавис карда, ба шумо супоранд.
- Матнҳоро ба гӯшаҳои гуногуни девори синф овезед.
- Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки дар синф ба тартиб давр зада, матнҳоро хонанд ва ба ҳошияи матне, ки ба онҳо маъқул шудааст, як хатчаи рост кашанд. (Синфро назорат кунед, то хонандагон худсарона ба як матн якчанд хатча накашанд).
- Хонандагонро ба ҷойҳои худ шинонда, матнҳоро аз назар гузаронед ва хатчаҳоро ҳисоб кунед.
- Сипас матне ё матнҳое, ки хатчаи зиёд гирифтаанд, аввал хонед ва ба аҳли гурӯҳ таҳсин гӯед. Матнҳои дигарро низ хонда, ин гурӯҳҳоро низ барои кори самаранокашон офарин гӯед.

## 2.4. Ташаккули салоҳиятҳои гуфтану гӯш кардан

Нутқи шифоҳии хонандагон малакаҳои гуфтану гӯш карданро дарбар мегирад.

> **ГУФТАН** 1. гап задан, ҳарф задан, сухан кардан; ба забон овардан; изҳор кардан, баён намудан. 2. нақл кардан, ҳикоят кардан; ривоят кардан.

Гуфтан малакаи муҳимми шахс буда, нисбат ба дигар фаъолиятҳои нутқ серистеъмол аст. Салоҳиятҳои гуфтан дар синфҳои ибтидоӣ ба мақсадҳои гуногун инкишоф дода мешаванд: риоя кардани қоидаҳои маъмули сухангӯйӣ (одоби салому хайрухуш, узру миннатдорӣ, хоҳишу дархост баён кардан); ҳангоми бо дигарон суҳбат кардан оҳанги муносиби гуфторро истифода бурдан; қоидаҳои забони адабии тоҷикиро ҳангоми гуфтор риоя намудан; калимаҳоро дар нутқ бамаврид истифода бурда, фикрро бо ҷумлаҳои услубан ва мантиқан дуруст баён намудан; ба қоидаҳои муоширát риоя карда, бонавбат, ноҳаросида сухан гуфтан, ҳамсуҳбатонро эҳтиром кардан ва ғ.

Хонанда бояд қоидаҳои маслиҳату машварат, муҳокима, мубоҳиса ва суҳбатро риоя намояд. Дар доираи мавзӯъҳои таълимӣ ва ҳаётии ба синну сол мувофиқ муколама (саволу ҷавоб) карда тавонад. Табъи гӯяндаро пай бурда, оҳанги мувофиқи гуфторро истифода барад ва барои беҳтар шудани нутқи дигарон тавсияҳои зиёди шифоҳӣ диҳад (оид ба тарзи гуфтор, нақл, ҳикоя, шеърхонӣ ва ғайра).

> **Гӯш кардан** а) шунидан, истимоъ намудан, гӯш андохтан ба гапи касе; б) гуфта ва фармудаи касеро қабул кардан, ба гапи касе даромадан, аз рӯи гуфтаи касе амал кардан; **гӯш доштан** гапи касеро шунидан, ба сухани касе тавҷҷуҳ намудан.

Шунидан ва гӯш кардан аслан як чиро ифода кунанд ҳам аз ҳамдигар фарқ доранд. Шунидан ин қобилияти табиии инсон аст, аммо гӯш кардан қобилиятест, ки бояд ташаккул дода шавад. Гӯш кардан яке аз малакаҳои муҳимми шахс мебошад. Қобилияти хуб гӯш кардан ба дарк кардани ахбори шунида ва муошират бо дигарон таъсири калон мерасонад. Ин маънӣ дар ашъори гузаштагони мо низ хуб ифода ёфтааст.

Гӯш сӯйи ҳама суханҳо дор,
Он чӣ з-ӯ беҳ даруни ҷон бингор.

**Саноӣ**

Агар хоҳӣ сухан гӯйӣ, сухан бишнав, сухан бишнав,
Забон он кас тавонад зад, ки аввал гӯш гардад ӯ.

**«Баҳори Аҷам»**

Барои ин хонанда бояд ҳамеша ба нутқи гӯянда диққат дода, онро дарк кунад. Фикру рафторашонро ба як тараф гузошта, ба ахбор/интиқоли ахбор диққат диҳанд. Барои ин хонандагон метавонанд савол диҳанд, ақида пешниҳод намоянд ва ахбори шунидаашонро таҳлил кунанд. Агар хонанда ин корҳоро анҷом надиҳад, он гоҳ фарқ байни чизи гуфта ва чизи шунида хеле калон мешавад. Хонандагони синфҳои ибтидоӣ бояд аз синфи як сар карда воситаҳои фаъолонаи гӯш карданро истифода баранд ва

машқи зиёд кунанд, то мусоҳиби хуб гардида, дар гирифтани таълим муваффақ гарданд.

Дар синфҳои ибтидоӣ хонандагон ба мақсадҳои гуногун навъҳои матни шифоҳиро гӯш мекунад. Масалан:

1) Гирифтани ахбор;
2) Дарки маънӣ;
3) Завқ бурдан (суруд, мусиқӣ, шеър ва ғайра);
4) Барои омӯхтан.

Таҳқиқоти гуногун нишон медиҳанд, ки шахс аз 25 то 50 фоизи чизи шунидаашро ба хотир мегирад[5]. Аз ин лиҳоз ташаккул додани малакаи гӯш кардан ба хонандагон имкон медиҳад, ки маълумотро пурра дарк кунанд ва дараҷаи азхудкунии маводи таълимро баланд бардоранд. Бо ташаккул додани малакаи гӯш кардан хонандагон метавонанд сатҳи самаранокии омӯзишашонро баланд бардошта, инчунин қобилияти таъсир расондан, водор намудан ва ба созиш омаданро такмил диҳанд. Зиёда аз ин, малакаи хуби гӯш кардан имкон медиҳад, ки нофаҳмӣ ва низоъ байни гӯянда ва шунаванда аз байн бурда шавад. Барои ташаккули малакаи мазкур хонандагон бояд қоидаҳои умумии гӯш карданро донанд ва риоя кунанд. Риояи ин қоидаҳо дар раванди таълими забони модарӣ омӯхта мешавад.

Стандартҳои фанни “Забони модарӣ” тамоми ҷанбаҳои малакаҳои нутқи шифоҳии хонандагони хурдсолро фаро гирифта, салоҳиятҳои мушаххасро муайян мекунанд.

[5] http://www.mindtools.com/CommSkll/ActiveListening.htm

**Дастур барои худомӯзии методҳои таълими гуфтану гӯш кардан**

1) Тавсияҳои методиро бодиққат хонед.
2) Мазмуни тавсияҳои методиро бо ҳамкорон муҳокима кунед.
3) Салоҳиятҳо ва нишондиҳандаҳои салоҳиятнокии онҳоро хонед.
4) Муайян кунед, ки барои ташаккули ин салоҳиятҳо кадом методҳо мувофиқанд.
5) Методҳои интихобкардаатонро ба зери салоҳиятҳои мувофиқ (нигаред ба замима) нависед.
6) Тарзи истифодаи методро дар амал машқ кунед ва натиҷаҳо бадастомадаро таҳлилу арзёбӣ кунед.
7) Агар истифодаи метод мнтод натиҷаи дилхоҳ надод сабабашро муайян (шояд дар интихоби метод ё ҳангоми истифода ягон ғалат содир шуда бошад) кунед.

### 2.4.1. Методҳои таълими гуфтану гӯш кардан

**Ҳамсуҳбатон**

**Шарҳ:** Усули мазкур ба хонандагон имкон медиҳад, ки бо ҳамсолон ва калонсолон дар доираи мавзӯи ба синну сол ва донишашон мувофиқ муколама кунанд. Ин фаъолиятро метавонед чун усули пеш аз хондан истифода баред. Масалан, хонандагон метавонанд номи матнро муҳокима карда, фикру ақидаашонро оид ба мазмуни матн пешниҳод намоянд.

Тартиб:

- Масъалаи таълим ё саволеро ба хонандагон пешниҳод намоед.
- Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки дар алоҳидагӣ оид ба масъала ё савол фикр кунанд.
- Сипас, аз хонандагон хоҳиш намоед, ки савол ё масъалаи пешниҳодшударо дунафарӣ муҳокима намоянд.
- Сипас, як ақида ё ҷавобро ба аҳли синф пешниҳод намоянд.

**Мусоҳиба бо шахсияти шинохта**

**Шарҳ:** Усули мазкур ба хонандагон имкон медиҳад, ки бо ҳамсолон ва калонсолон дар доираи мавзӯи ба синну сол ва донишашон мувофиқ муколама кунанд

Тартиб:

- Якчанд номи шахсияти шинохтаро ба хонандагон пешниҳод намоед. Номҳоро метавонед дар тахтаи синф нависед.
- Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки дунафарӣ машғул шуда, ба яке аз шахсиятҳо савол (ду-се савол) омода кунанд.
- Сипас, яке аз аъзои гурӯҳи дунафарӣ дар нақши шахсияти шинохта ба саволҳо ҷавоб мегӯяд.
- Аз гурӯҳҳои дунафарӣ бо навбат хоҳиш намоед, ки мусоҳибаашонро ба аҳли синф намоиш диҳанд.

Намуна:
Хонандаи 1: Устод Мирзо Турсунзода, Шумо дар куҷо таваллуд шудаед?
Хонандаи 2: Ман дар деҳаи Қаратоғи ноҳияи Ҳисор таваллуд шудаам?
Хонандаи 1: Устод, Шумо кай таваллуд шудаед?
Хонандаи 2: Ман соли 1911 таваллуд шудаам.
Хонандаи 1: ...?
Хонандаи 2: ... .

**Диққат!** Фаъолияти мазкурро ҳафтае як маротиба бо хонандагон иҷро намоед. Ин ба хонандагон имкон медиҳад, ки малакаи саволу ҷавобро ҳосил кунанд.

## Ахбори рӯз

**Шарҳ:** Усули мазкур ба хонандагон имкон медиҳад, ки мазмуни ҳодисаи дидаю шунидаро бозгӯӣ кунанд. Аз қадамҳои аввал ба хонандагон додани имкони дар назди ҷомеа баромад кардан натиҷаи хуб дорад. Хонандагони шумо дигар ҳарос намекунанд, нутқашон бурро мешавад ва махсусан масъулияташон нисбат ба таълим баланд мегардад. Бо мурури замон, ҳаҷми ахборро зиёдтар намоед. Дар чоряки сеюм аз хонандагон хоҳиш кунед, ки барои панҷ дақиқа гузориш омода намоянд. Ин фаъолиятро дар синфҳои дигар низ бо ҳамин усул ба роҳ монда метавонед. Аз хонандагони аълохон хоҳиш карда метавонед, ки гузоришашонро ба таври хаттӣ эҷод намоянд ё расм кашанд.

Тартиб:

- Ба хонандагон фаҳмонед, ки корро ҳар рӯз аз ахборе оғоз менамоем.
- Рӯйихати хонандагон ва рӯзҳои баромади онҳоро тартиб диҳед.
- Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки ҳар рӯз ахбори/гузориши хурде оид ба ягон ҳодисаи дидаю шунидаашон ба муддати 2 дақиқа омода намоянд.
- Ҳар рӯз пас аз гузаштани қисми ташкилии дарс аз хонандае (мувофиқи рӯйихат) хоҳиш намоед, ки назди ҳамсинфон баромад кунад.
- Барои тақвият додани гузориш/ҳикоя хонандагон метавонанд расму мусаввара ё ягон ашёро мувофиқи мавзӯи гузориш ба дарс оранд ва намоиш диҳанд.
- Мавзӯъҳо гуногун буда метавонанд. Ба хонандагон имкон диҳед, ки мавзӯи гузоришашонро худашон интихоб намоянд.

## Барфбозӣ

**Шарҳ:** Бозии мазкур ба хонандагон имкон медиҳад, ки барои ифодаи фикр мувофиқи тартиби наҳвии (синтаксисии) забони тоҷикӣ ҷумла гӯянд ва нависанд.

Тартиб:

- Аз коғазҳои нодаркор тӯбчае омода намоед.
- Ба хонандагон чунин муроҷиат намоед: «Ҳоло ман калимае мегӯям ва тӯбчаро ба тарафи хонандае ҳаво медиҳам. Хонанда тӯбчаро гирифта, бо он калима ҷумла мегӯяд ва калимаи дигар гуфта, тӯбро ба тарафи ҳамсинфаш ҳаво медиҳад.»

  Масалан:

  **Омӯзгор**: Тоҷикистон

  **Хонандаи 1**: Ман дар Тоҷикистон зиндагӣ мекунам. Баҳор

  **Хонандаи 2**: Ман фасли баҳорро дӯст медорам. Компютер.

  **Хонандаи 3**: Падарам ба ман компютер харид. Синф.

  Хонандаи 4: ...
- Пеш аз оғози бозӣ як-ду маротиба машқ кунед. Аз аҳли синф хоҳиш намоед, ки ҷумлаҳоро ба хотир гиранд.
- Пас аз 10-12 маротиба бозиро қать кунед. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ҷумлаеро, ки ба онҳо маъқул шудааст, гӯянд. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки он ҷумларо ба дафтар нависанд.
- Бозиро ба ҳамин тарз идома диҳед.

**Диққат!** Кӯшиш кунед, ки аксари хонандагон ба бозӣ фаро гирифта шаванд. Одатан хонандагон тӯбчаро ба рафиқонашон ҳаво медиҳанд, ба онҳо гӯед, ки тӯбчаро ба дигар хонандагон ҳаво медиҳад. Барои ба ин натиҷа ноил гаштан инчунин усули «Калимаҳои парокандаро» истифода бурда метавонед.

## Бозӣ: «Савол чӣ буд?»

**Шарҳ:** Бозии мазкур барои такшаккули малакаи саволдиҳӣ дар марҳилаи аввал гузаронда мешавад.

Тартиб:

- Дар 10 корт (варақ) пешакӣ саволҳои содаи кӯтоҳро интихоб намоед. Саволҳои шумо бояд дароз ва мураккаб набошанд. Саволҳоро аз доираи мавзӯъҳои таълим, ки ҳоло хонандагон наомӯхтаанд, нагиред. Намунаи саволҳо:

Ту чӣ кор кардӣ?

Пагоҳ ба куҷо меравӣ?

Дирӯз чӣ хӯрда будӣ?

Кадом бозии варзиширо дӯст медорӣ?

- Як нафар хонандаи нисбатан қобилиятнокро назди лавҳи дарсхона даъват кунед. Ба ӯ дастур диҳед, ки саволҳоро хомӯшона хонад, то дигарон нашунаванд. Ҷавобашро бо овози баланди гӯшрас гӯяд: – ***Ман пагоҳ ба мактаб меравам.***
- Ба хонадагони дигар муроҷиат намуда, пурсед, ки чӣ савол буд, ки чунин ҷавоб дода шуд?

- Хонандагон намунаҳои  саволи худро пешниҳод мекунанд. (Ба ҳамин тариқ, хонандаи назди лавҳи дарсхона буда ба чанд савол ҷавоб медиҳад, дигар хонандагони синф ба ҷавоби ӯ савол фикр мекунанд).

**Диққат!** Агар якум хонанда саволро дуруст ёбад ҳам, имкон диҳед, ки дигарон низ саволи худро гӯянд. Ҳеҷ  гоҳ аз хонандагони пешқадам сар накунед, зеро дигарон гуфтаҳои онҳоро тӯтивор такрор кардан мегиранд Ин машғулиятро дар чанд дарс ба роҳ монед. Аҳён-аҳён гузарондани он натиҷае нахоҳад дод.

### Ҳикояи шифоҳӣ

**Шарҳ**: Намунаи мазкур имкон медиҳад, ки хонандагон ба сохтори ҳикоя шинос шуда, шифоҳӣ тартиб додани матнро омӯзанд. Ҳикоя аз се қисм иборат аст:

1. Оғоз
2. Қисми асосӣ
3. Анҷом.

Тартиб:

- Дар қисми аввал хонандагон номи модари худро мегӯянд.
- Дар қисми дуюм доир ба хислатҳои модар ду-се ҷумла ҳикоя мекунанд (Вобаста ба сатҳи омодагии синф хонандагон метавонанд се ё зиёдтар аз он ҷумла гӯянд).
- Дар қисми сеюм бо як ҷумла муносибати худро ба модар баён мекунанд (Вобаста ба сатҳи омодагии синф хонандагон метавонанд  ду ё зиёдтар ҷумла гӯянд).
- Намунаи нақли шифоҳӣ дар бораи модар:

Оғози ҳикоя: «Модари ман Фотима ном дорад.»- 1 ҷумла.

Қисми асосӣ: «Модари ман меҳрубон аст.»; « Вай ба ман дар хондан ёрӣ мерасонад.» ; «Моро нигоҳубин мекунад.»- 3 ҷумла

Қисми сеюм: «Модари ман зебо аст.»; «Ман модари худро дӯст медорам.» , 2 ҷумла.

### Ахбори рӯз

Тартиб:

- Ба хонандагон эълон кунед, ки корро ҳар рӯз аз ахборе оғоз менамоем.
- Рӯйихати хонандагон ва рӯзҳои баромади онҳоро тартиб диҳед.
- Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки ҳар рӯз ахбори/гузориши хурде оид ба ягон ҳодисаи дидаю шунидаашон ба муддати 2 дақиқа омода намоянд.
- Ҳар рӯз пас аз гузаштани қисми ташкилии дарс аз хонандае (мувофиқи рӯйихат) хоҳиш намоед, ки назди ҳамсинфон баромад кунад.
- Барои тақвият додани гузориш/ҳикоя хонандагон метавонанд расму мусаввара ё ягон ашёро мувофиқи мавзӯи гузориш ба дарс оранд ва намоиш диҳанд.
- Мавзӯъҳо гуногун буда метавонанд. Ба хонандагон имкон диҳед, ки мавзӯи гузоришашонро худашон интихоб намоянд.

**Диққат!** Аз қадамҳои аввал дар назди ҷомеа баромад кардани хонандагон натиҷаи хуб дорад. Хонанда дигар ҳарос намекунад, нутқан бурро мешавад ва махсусан масъулияташ нисбат ба таълим баланд мегардад. Бо мурури замон, ҳаҷми ахборро зиёдтар намоед. Батадриҷ аз хонандагон хоҳиш кунед, ки барои се панҷ дақиқа

гузориш омода намоянд. Аз хонандагони аълохон хоҳиш карда метавонед, ки гузоришашонро ба таври хаттӣ эҷод намоянд ё расм кашанд.

**Кортҳои мавзӯӣ:**

Тартиб:

- Маҷмӯи 50 корти мавзӯиро (дар ҳар кадомаш як мавзӯи сода навишта шудаанд) омода намоед.
- Талабагон бояд як кортро аз қуттӣ гирифта, 30 сония омода шуда, то як дақиқа гузориш диҳанд. Гузориши онҳо бадоҳатан буда метавонад.
- Мавзӯъҳо чунин буда метавонанд: борон, бӯйи нон, хонаи хоби ман, чизе, ки хандаи маро меорад, рӯзи аввалини ман дар мактаб, дар роҳи мактаб ман .... дидам, саг дар бораи чӣ фикр мекард ва ғайра. Диққати асосӣ дар ин ҷо ба такмили маҳорати сухандонию сухангӯйӣ равона мегардад.

***Лаҳзаҳои гуворо***

Тартиб:

- Ҳар дарс "Лаҳзаи гуворо" ташкил намоед. Ин метавонад 2-3 дақиқаи дарсро гирад.Аз хонандае хоҳиш кунед, (метавонед як рӯз пеш ба хонанда гӯед, ки пагоҳ ӯ дар «Лаҳзаи гуворо» баромад мекунад) ки ҳодиса, воқеа, латифа ва ё ягон ҳикояи шавқовар ё хандаоварро ба аҳли синф бозгӯйи кунад. Ба хонанда гӯед, ки барои нақл кардан ба ӯ то 2 дақиқа вақт дода мешавад. Инчунин нишондиҳандаҳои муваффақиятро, ки якҷоя бо хонандагон барои «Лаҳзаҳои гуворо» таҳия кардаед, хотиррасон намоед.

Масалан:

- Нақл бояд шавқовар бошад;
- Барои бедор кардани завқи шунавандагон аз имову ишораи мувофиқ истифода бурда шавад;
- Нақл хандаовар бошад.

**Диққат!** Ҳар дарс як хонанда метавонад баромад кунад. Агар хонандагони дигар низ дар ин дарс ба мавзӯи нақлшуда ҳодисаи монанд дошта бошанд, ба онҳо ҳам имкони баромад карданро диҳед.

## 2.5. Методикаи таълими луғат

Дониши луғавӣ - захираи калимаҳоест, ки тавассути он шахс ба таври самаранок муошират мекунад. Захираи луғавӣ дар ду самт ташаккул меёбад: захираи луғавии *нутқи шифоҳӣ* ва *нутқи хаттӣ*. Захираи луғавии нутқи шифоҳӣ маҷмӯи калимаҳое мебошад, ки шахс ҳангоми муошират истифода мебарад ва ҳангоми гӯш кардан маънои онро дарк мекунад. Захираи луғавии нутқи хаттӣ маҷмӯи калимаҳое мебошад, ки шахс ҳангоми хондани матн маънои онҳоро дарк мекунад ё ҳангоми навиштан истифода мебарад[6].

Ба ҳамагон маълум аст, ки дониш (захира)-и луғавӣ дар ҷараёни такмили малакаи хондан нақши муҳим дорад. Хонанда ҳангоми хондани калимаҳои матн онҳоро ба

---

[6]Аз Put the Reading First. Kidergarten Through Grade 3. National Institute for Literacy//Teaching Literacy, Unified Curriculum for Teacher Training in South Sudan// иқтибос ва мутобиқ гардонида шудааст.

захираи луғавии худ алоқаманд намуда, маънои ин калимаҳоро дарк мекунад. Масалан, ҳангоми хондани калимаи ***нон*** хонанда аввал овозҳои калимаро муайян карда, онро мехонад ва бо дониши луғавии шифоҳиаш муқоиса карда, маънии онро муайян менамояд. Хонанда калимаи мазкурро хеле зиёд шунидааст ва дар нутқи шифоҳӣ истифода бурдааст. Ин тартиб бо калимаҳое, ки ба хонандагон шиносанд осон ба роҳ монда мешавад. Аммо калимаҳое, ки ба хонандагон ношиносанд (эҳтимол хонандагон ин калимаҳоро ягон маротиба дар нутқи шифоҳӣ истифода набурда бошанд ё нашунида бошанд) мураккабтар аст.

Ба омӯхтани луғат дар шароити Тоҷикистон бояд диққати махсус дода шавад, зеро:

- Танҳо 10 фоизи кӯдакон ба таҳсилоти томактабӣ фаро гирифта шудаанд ва ин боиси маҳдуд будани захираи луғавии онҳо мегардад;
- На ҳамаи волидон бо фарзандонашон оид ба мавзӯъҳои гуногун суҳбат мекунанд;
- Шумораи ками волидон ба фарзандонашон китоб мехонанд;
- Захираи луғавии хонандагон хеле маҳдуд аст. Танҳо доираи маҳдуди мавзӯъҳоро фаро мегирад.

Ақидаҳои *"дар китобҳо калимаҳои мушкил ва нофаҳмо истифода мешаванд", "хонандагон маънои матнро намефаҳманд, зеро калимаҳо мушкиланд"* ва амсоли он барои ташаккул додани захираи луғавии хонандагон монеа шуда наметавонад ва сабаби наомӯхтани луғати нав буда наметавонад.

Аз ин лиҳоз, дар стандартҳои фанни "Забони модарӣ" барои синфҳои ибтидоӣ ба ин малака диққати махсус дода мешавад ва аз омӯзгорон талаб карда мешавад, ки захираи луғавии хонандагонро мунтазам бой гардонда, ба онҳо тарзи истифодаи усулу стратегияҳои луғатомӯзиро таълим диҳанд.

Луғат барои хониши бошуурона аҳамияти муҳим дорад. Хонанда агар маънои аксари калимаҳоро надонад маънии матни хондаашро дарк карда наметавонад. Чун хонандагон ба мутолиаи матнҳои мураккабтар оғоз мекунанд онҳо бояд маънои калимаҳое, ки намедонанд, аниқ созанд.

Аз худ кардани луғат бо ду роҳ сурат мегирад: бевосита ва бавосита. Хонандагон маънои аксари калимаҳоро ***бевосита*** тавассути муошират шифоҳӣ ва хондани матнҳо аз худ мекунанд. Аз ҷумла,

- Хонандагони хурдсол маънои калимаҳоро ҳангоми муошират бо одамони дигар, махсусан калонсолон аз худ мекунанд. Ҳангоми муошират хонандагони хурдсол калимаҳои гуногунро мешунаванд ва ин калимаҳоро якчанд маротиба такрор мекунанд. Ҳамон қадар хонандагон муошират намоянд, маънии калимаҳои зиёдро аз худ мекунанд.
- Хонандагон ба маънии калимаҳо тариқи аз тарафи калонсолон хондани матн (афсона, ҳикоя ва ғайра) аз худ мекунанд. Аз тарафи калонсолон бо овози баланд хондан дар ҳолате самаранок мегардад, ки агар шахси мутолиакунанда ҳангоми пайдо шудани луғати мураккаб ист карда, маънои онро шарҳ диҳад ё бо хонандагон онро муҳокима кунад. Инчунин муҳокимаи матн пас аз хондан ба хонандагон имкон медиҳад, ки калимаҳои навро аз худ кунанд ва онро бо дониши замимнавии худ муқоиса намоянд.
- Хонанандагон маънии калимаҳоро ҳангоми хониши мустақилона бештар аз худ мекунанд. Ҳамон қадар хонанда зиёд мустақилона хонад ӯ калимаҳои бештарро меомӯзад.

- Маънои баъзе калимаҳо бояд **бо роҳҳои** гуногун аз худ карда шаванд. Усулҳои омӯзиши луғат ба хонандагон имкон медиҳанд, ки калимаҳои маънои мураккабдоштаро (ки дар нутқи шифоҳӣ қариб истифода намешаванд) дарк кунанд. Таълими бавоситаи луғати матни додашуда ба дарки маънии матн таъсири мусбат мерасонад. Роҳу воситаҳои гуногуни таълими луғат мавҷуданд, ки дар ҷараёни дарс тарзи истифодаи онҳоро ба хонандагон омӯзондан мумкин аст.

– **Таълими луғати мушаххас пеш аз хондани матн.** Таълими луғати нав пеш аз хондани матн ҳам ба дониши луғавӣ ва хониши бошууронаи хонанда таъсири мусбат мерасонад. Тавсия мешавад, ки пеш аз хондани матн омӯзгор калимаҳои душворфаҳм ва мураккаб, вале барои дарки маънӣ ва мавзӯъ аҳамиятноки матнро ба хонандагон омӯзонад. Зеро аз худ кардани калимаҳои асосии мавзӯи матн ба дарки он мусоидат мекунад.
– **Машқҳои тулонӣ ва пайдарҳами луғатҳо.** Пӯшида нест, ки машқ ва истифодаи зиёди луғат ба дарки маънӣ ва босалоҳиятона истифода бурдани калимаҳо ёрӣ мерасонад. Аз ин лиҳоз тавсия мешавад, ки омӯзгорон роҳу усулҳои гуногуни таълими луғатро бо хонандагон машқ кунанд, аз ҷумла тарзи истифодаи луғату мафҳумҳои гуногун, таҳияи луғати тафсирӣ, кроссвордҳои мавзӯӣ, гурӯҳбандии калимаҳо аз рӯйи хусусиятҳояшон (маъноӣ, сарфиву наҳвӣ ва амсоли он), бозиҳои гуногуни таълимӣ (бозии "Бинго", "Майдони муъҷизот" ва ғайра), навиштани ҷумла бо калимаҳои додашуда ва ғайра.
– **Такроран ва муназзам кор кардан бо луғат.** Луғат бояд дар вазъиятҳои гуногун: гуфтан, гӯш кардан, хондану навиштан мунтазам ва такроран истифода гардад. Ин имкон медиҳад, ки хонандагон калимаҳоро дар хотир гиранд ва бамаврид истифода баранд.

**Луғати аввалини ман**

**Шарҳ:** Тартиб додани луғат ба хонандагон имкон медиҳад, ки калимаҳоро аз рӯйи маъно (хусусият) фарқ кунанд ва истифода баранд.

Тартиб:
– Дар нимсолаи дуюми соли хониш аз хонандагон хоҳиш намоед, ки барои луғат дафтари алоҳида ташкил кунанд. Онро "Луғати аввалини ман" ном гузоранд.
– Аввал дар луғат калимаҳои маъмулро нависанд. Ба онҳо тарзи тартиб додани чунин луғатро омӯзед.

Масалан:
Анор – номи мева. Анори ширин. Анори сурх.

– Хонандагон инчунин расми ашёро кашида метавонанд.

Масалан:
Анор – номи мева. Анори ширин. Анори сурх.

– Ё хонандагон аз рӯзномаву маҷаллаҳо расми ашёро бурида бо ширеш часпонда метавонанд.

- Калимаҳое, ки амалу аломати ашёро нишон медиҳанд, чунин навишта мешаванд:

  Сурх – ранг, аломати ашё. Себи сурх.

  Хондан – амал. Ман китоб мехонам.
- Ҳар дарс аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ақаллан луғати як калимаро тартиб диҳанд.

**Диққат!** Тавсия мешавад, ки ҳар ҳафта луғати тартибдодаи хонандагонро аз назар гузаронида, ба онҳо баҳо гузоред. Инчунин моҳияти тартиб додани луғатро таъкид намоед. Яъне, дар кадом ҳолат луғат ба онҳо ёрӣ мерасонад. Чаро луғат лозим аст?

### Гурӯҳбандӣ

**Шарҳ:** Воситаи мазкур имкон медиҳад, ки хонандагон аз хусусиятҳои калимаҳоро таҳлил карда, дар нутқ онҳоро дуруст истифода баранд.

Тартиб:

- Дар давоми нимсолаи дуюми соли хониш якчанд калимаи ҳар дарсро дар варақа ё тахтаи синф нависед.
- Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ҷадвали зеринро дар дафтарашон кашанд:

| Номи ашё/одам | Амал | Аломат |
|---|---|---|
| | | |

- Пеш аз иҷрои амал ба хонандагон чӣ будани номи ашё, амал ва аломатро фаҳмонед. Мисол оред ва аз хонандагон низ хоҳиш намоед, ки мисолҳо оранд.
- Сипас аз хонандагон хоҳиш намоед, ки калимаҳоро дар сутуни мувофиқи тахтаи синф нависанд.

  Масалан:

  Хона, омадан, навиштан, сурх, китоб, дафтар, калон, гуфтан, хурд, харидан, компютер, гарм.

| Номи ашё/одам | Амал | Аломат |
|---|---|---|
| Хона<br>китоб<br>дафтар<br>компютер | омадан<br>навиштан<br>гуфтан<br>харидан | сурх<br>калон<br>хурд<br>гарм |

- Дар синф давр зада, ҷадвали тартибдодаи хонандагонро санҷед. Агар хонандагон калимаро дар сутуни нодуруст оварда бошанд, ба онҳо савол дода, кӯшиш намоед, ки худашон ғалаташонро ислоҳ намоянд.
- Ё аз хонандагон хоҳиш намоед, ки дафтарҳоро бо рафиқашон иваз карда, кори ҳамдигарро санҷанд.

### Гурӯҳбандии калимаҳо

**Шарҳ:** Усули мазкур ба хонандагон имкон медиҳад, ки калимаҳои навро аз рӯйи маъно (хусусият) фарқ кунанд ва бамаврид истифода баранд.

Тартиб:

– Рӯйихати калимаҳои аз рӯйи хусусият гуногунро тартиб диҳед. Масалан, калимаҳои ифодакунандаи номи ашё, ҳаракат ва аломати ашё.
– Тахтаи синфро ба се сутун тақсим намоед. Дар қисмҳо чунин нависед: (1) номи ашё, (2) ҳаракат, (3) аломати ашё.
– Калимаҳоро як-як (ба тартиби гуногун) хонед ва аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ба қисми мувофиқи тахтаи синф бо даст ишора кунанд.

Масалан:
**Омӯзгор**: пахта
**Хонандагон**: ба қисми якум ишора мекунанд.
**Омӯзгор**: сафед
**Хонандагон**: ба қисми сеюм ишора мекунанд.
**Омӯзгор**: шукуфт
**Хонандагон**: ба қисми дуюм ишора мекунанд.
Ё

– Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки аз коғази картон се доирача созанд.
– Ба ҳар доира рақам гузоранд (1, 2, 3)
– Калимаҳоро хонед ва аз хонандагон хоҳиш кунед, ки агар калима номи ашё бошад, доирачаи якум, ҳаракат бошад, доирачаи дуюм ва аломати ашё бошад, доирачаи сеюмро бардоранд.

Ё

– Дар тахтаи синф се доира кашед. Ба доираи якум номи ашё, доираи дуюм ҳаракат ва доираи сеюм аломати ашёро нависед.

Масалан:




– Як хонандаро ба назди тахтаи синф даъват намоед. Аз аҳли синф хоҳиш намоед, ки калима гӯянд, хонандаи дар назди тахтаи синф буда ба доирачаи мувофиқ ишора мекунад.
– Боз якчанд хонандаи дигарро ба назди тахтаи синф даъват намоед. Ин амалро такрор кунед.

**Диққат!** Баъзан, ҳангоми гурӯҳбандии калимаҳо аз хонандагон хоҳиш кунед, ки интихобашонро шарҳ диҳанд. Яъне, барои чӣ чунин фикр доранд?

## III. Методҳои таълими фанни «Математика» дар низоми таълими салоҳиятнокӣ

Мазмуни курси математикаи мактабӣ ва мавқеи он дар низоми фанҳои дигари мактаб асосҳои илми математикаро ташкил медиҳад, ки дар сохтор ва инкишофи фарҳанги умумибашарӣ мақоми хоса дошта, асоси фаъолияти инсонро барои такомули хеш ва амалияи ӯ ташкил медиҳанд. Ду тамоили умумии зарурати таҳсилоти математикиро қайд бояд кард: амалӣ, ки ба татбиқи маводи барои фаъолияти пурсамари инсон зарур ва маънавӣ, ки ба тафаккури инсон, ба донистани методи муайяни донишандузӣ ва тағйирпазирии олам (методи математикӣ) асос ёфтааст.

Моҳияти амалии математика дар он аст, ки мавзӯи омӯзиши он сохторҳои бунёдии (фундаменталии) ҳастӣ буда, шаклҳои фазоӣ ва муносибатҳои миқдориро таҳлилу таҳқиқ мекунад. Онҳо аз таҷрибаи инсон то мураккабтарин сохторҳое мебошанд, ки ба ғояҳои илмию технологӣ вобастаанд.

Бе донишҳои мушаххаси математикӣ фаҳмиши принсипҳои сохтор ва истифодаи техникаи муосир, дарки донишҳои илмӣ, фаҳмиш ва шарҳи ахбори иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсӣ душвор мегардад ва фаъолияти амалии ҳамарӯзаи инсон натиҷаи зарурӣ намедиҳад.

Математикаи мактаби ибтидоӣ ҷузъи таркибии математикаи умумӣ буда, аз маҷмӯи мафҳумҳо, қонунҳо, назарияҳои ҷудогона иборат аст.

Таълими математика бояд ба ҷараёни азхудкунии донишҳои математикӣ мусоидат кунад. Тахассусҳое ҳастанд, ки эҳтиёҷашон ба маълумоти математикӣ хеле зиёданд (физика, химия, техника, информатика, биология, психология, иқтисодиёт, тиҷорат, молия ва бисёр соҳаҳои дигар), бинобар ин доираи хонандагоне, ки барояшон дурнамои математика воситаи интихоби касб мегардад, васеъ мешавад.

Инкишофи тасаввуроти дуруст дар бораи табиати математика, моҳият ва пайдоиши абстраксияҳои математикӣ, муносибати байни воқеият ва тахайюлот, характери инъикоси ҳодиса ва равандҳо ба воситаи фанни математика ба ташаккули ҷаҳонбинии илмии хонандагон мусоидат мекунад.

Дар ҷараёни фаъолияти математикӣ (аз ҷумла, фаъолияти математикии хонандагони синфҳои ибтидоӣ) ба хазинаи усулҳо ва методҳои тафаккури инсон бо тарзи табиӣ, индуксия ва дедуксия, ҷамъбаст ва мушаххасгардонӣ, таҳлил ва таркиб (анализ ва синтез), тасниф ва низомбандӣ, муҷаррар (абстраксия), монандӣ (аналогия) дохил мегарданд. Математика дар ташаккули алгоритмонӣ мавқеи асосӣ дорад, он маҳорати мувофиқи алгоритми намунавӣ (додашуда) сохтани алгоритми навро тарбия мекунад, ки унсурҳои асосиаш дар мактаби ибтидоӣ шакл мегиранд ва инкишоф меёбанд.

Дар қатори забони табиӣ дар ҳамбастагӣ истифода бурдани забони математикӣ бо дигар забонҳо имкон медиҳад, ки дар хонандагон фаҳмиши амиқ, сарфакорӣ, нутқи иттилоотӣ инкишоф дода шуда, маҳорати бо воситаҳои забонӣ (рамзӣ, графикӣ ва ғ.) муҳокимаронии дуруст ташаккул дода шавад.

Вазифаи муҳимми курси математикаи мактаби таҳсилоти ибтидоӣ инкишоф додани тафаккури мантиқии хонандагон, дурнамо ва асоси маърифати политехникии онҳо мебошад. Шиносоӣ бо таърихи бою рангини математика, бо намояндагони машҳури бунёди ин фан, таърихи кушодани ихтирооти бузург хазинаи маънавии

илмию таърихии мактабиёнро ғанӣ мегардонад ва математикаро ҳамчун ҷузъи таркибии фарҳанги умумибашарӣ муаррифӣ мекунад.

**Мақсади таълими математика дар мактаби ибтидоӣ**

Мақсади умумии таълими ин фан дар мактаби таҳсилоти ибтидоӣ (ҳарчанд, чунин мақсадҳо хоси дигар шакли мактабҳо низ ба шумор мераванд) инҳоянд:

- ташаккули шахсияти кӯдак ба воситаи мазмуни курси математика, ташаккули фаъолияти идрок ва коммуникативӣ, инчунин тайёрӣ ба мустақилона аз бар намудани дониш, меҳнат, фарҳанг ва таърихи ҷомеа;
- инкишофи тафаккури математикӣ, сифатҳои маънавӣ ва инсонии талабагон;
- тайёрии ҳаматарафаи хонандагон барои давом додани таҳсил дар мактаби асосӣ ва истифодаи донишҳои математикӣ дар ҳаёт;
- фарогирии донишҳои мушаххаси математикӣ, ки дар фаъолияти амалӣ татбиқ меёбанд, барои омӯзиши фанҳои дигари таълим ва таҳсили давомнок зарур мешаванд;
- ташаккули маърифат ва сифатҳои беҳтарини тафаккур, ки тавассути фаъолияти математикӣ амалӣ мегарданд, барои фаъолияти комил дар ҷомеа заруранд;
- ташаккули тасаввурот оид ба методҳои математикӣ ҳамчун шакли тасвир ва методи дарки ҳастӣ;
- ташаккули тасаввурот дар бораи математика ҳамчун қисми таркибии фарҳанги умумибашарӣ, фаҳмиши моҳияти математика барои инкишофи ҷомеаи инсонӣ.

## 3.1. Методикаи таълими мафҳуми ададҳо ва рамзҳои математикӣ

Мафҳумҳои рақам, адад, нумератсияи ададҳои бутуни мусбат ва амалҳо бо онҳо яке аз мавзуъҳои асосии курси ибтидоии математика мебошад. Ҳангоми омӯзиши нумератсия дар хонандагон донишҳои муайяне ташаккул дода мешавад, ки асоси онро амалҳои арифметикӣ ташкил медиҳад.

Мавод доир ба нумератсия дар доираи чор рязряди ададҳо омӯхта мешавад: даҳӣ, садӣ, ҳазорӣ ва ададҳои бисёррақама.

**Даҳиҳо**

Дар адабиётҳои методӣ мавзӯи «Даҳӣ» чунин шарҳ дода шудааст:

Даҳ – асоси системаи ҳисоби даҳӣ буда, адад аз 1 то 10 дар раванди ҳисоб истифода шуда, ном ва ишора мегирад.

Амалҳои арифметикӣ бо амалҳои бисёраъзогӣ алоқаманд аст. Ҷамъ ва тарҳ дар доираи 10 малакаҳои кор бо маҷмӯи муайянро ташкил мекунад, яъне рақами таркиби он аз 10 намегузарад.

Ададҳои хурдро истифода бурда, бисёр мафҳумҳоро бо осонӣ нишон додан мумкин аст (масалан, мафҳуми баробарӣ, нобаробарӣ, ҷамъ, тарҳ, ададҳои натуралӣ).

Дар доираи «Даҳиҳо» мавзӯъҳое омӯхта мешаванд, ки барои омӯзиши мавзӯъҳои оянда асос шуда метавонанд. Масалан, 20 + 30 = 50 ё 2 даҳ. + 3 даҳ. = 5 даҳ.

Омӯзиш дар доираи «Даҳиҳо»- ро ба се марҳила ҷудо мекунанд: Давраи тайёрӣ, омӯзиши нумератсия, омӯзиши ҷамъ ва тарҳ.

**Давраи тайёрӣ**

Дар давраи тайёрӣ масъалаҳои зерин дида баромада мешаванд:

*Ҳисобкунии ашёҳо.* Ҳангоми ҳисобкуниҳо чунин пайдарпайӣ машқ карда мешавад: а) ашёҳои синф; б) бозичаҳои барҷаста; в) расми ашёҳо; г) чубчаҳо барои ҳисоб; е) расмҳо аз китоб. Истифодаи ҳисоби баръакс низ аз фоида холӣ нест: 10, 9, 8, 7, 6, 5, 4, 3, 2, 1. Машқи ҳисоби ашёҳоро иҷро карда, кӯдакон бояд донанд, ки ҳисоб аз тартиби ҳисобкунии мо вобаста нест; ҳангоми ҳисобкунӣ ягон ашёро ба ҳисоб нагирифтан, ё як ашёро ду маротиба ҳисоб кардан мумкин нест.

*Бисёр? Кам? Ҳамон қадар?* Ҳангоми омӯзиши ин мавзӯъ мақсади асосӣ ба он равона мешавад, ки хонандагон амалан дар кадоме аз ду гурӯҳи ашёҳо бисёр (кам) ва ё дар онҳо баробар будани ашёҳоро муайян карда тавонанд.

*Ҷойгиршавии ашёҳо нисбат ба якдигар*: "дар пеш", "дар мобайн", "дар ақиб" ва аҳамияти тартиби адад.

**Нумератсияи адади даҳии якум**

Ҳангоми омӯзиши нумератсияи адади даҳии якум хонандагон бояд дониш, малака ва маҳорати зеринро соҳиб шаванд:

- пайдарҳамии ададҳоро аз 1 то 10 аз худ карда, онро бо тартиби афзуншавӣ ва камшавӣ шуморида тавонанд;
- донад, ки ҳар як адади аз пеш ва адади пас аз он омада чӣ тавр пайдо мешавад;
- ду адади дилхоҳро муқоиса карда тавонанд, яъне муайян карда тавонанд, ки кадоме аз онҳо аз дигараш калон (хурд) аст ва дар байни онҳо аломати ">", "<", "=" навишта тавонанд;
- Ба воситаи шунидани шарти мисолу масъала ва намунаи ҳалли мисолҳои одӣ алоқамандии амалҳои ҷамъ ва тарҳро меомӯзанд; ҷузъҳои масъаларо медонад ва онро ҳал карда метавонанд;
- ҳисоб кардани рақамҳоро медонанд ва дар дафтар дуруст навишта метавонанд.

Ҳангоми омӯзиши нумератсия ташаккули фаҳмиши мафҳуми адад ба роҳ монда мешавад.

**Садиҳо**

Дар доираи «Сад» масъалаҳои зерин омӯхта мешавад: нумератсияи ададҳо, ҷамъ ва тарҳ, зарб ва тақсим.

- хонандагон бо воҳиди ченаки нав – даҳиҳо ва мафҳуми нав – мафҳуми разряд шинос мешаванд;
- хонандагон тарзҳои ҳисоби шифоҳӣ ва хаттиро дар асоси хосиятҳои амалҳои арифметикӣ, алоқаи байни қисматҳо ва натиҷаҳои онҳо мефаҳманд:
- хонандагон ҷадвали зарб ва тақсимро азхуд мекунанд ва ҳолатҳои мувофиқи амалҳои баръакс - тарҳ ва тақсимро меомӯзанд:
- таркиби масъалаҳоро ҷудо мекунанд ва корро бо масъалаҳои сода давом медиҳанд;
- ифодаҳои математикиро меомӯзанд, омӯзиши маводи геометрӣ давом дода мешавад.

Ҳангоми омӯзиши нумератсияҳо дар доираи 100 хонандагон бояд дониш, малака ва маҳорати зеринро соҳиб шаванд:

- Даҳтогӣ ҳисоб кардани ашёҳоро ёд гиранд ва ташкилшавии номи ададҳои дурақамаро азхуд кунанд;
- Тартиби пайдарпаии ададҳоро ҳангоми ҳисобкунӣ азхуд кунанд;
- Ададҳоро муқоиса карда тавонанд;

– Ададҳоро дар доираи 100 хонда ва навишта тавонанд.

Нумератсия дар доираи «Сад» дар ду марҳила омӯхта мешавад: 1) нумератсияи шифоҳӣ; 2) нумератсияи хаттӣ.

Ҳазориҳо

Нумератсия дар доираи 1000 ва амалҳои арифметикӣ масъалаҳои зеринро дар бар мегирад:

– дар ин ҷо омӯзиши нумератсияи ададҳои синфи якум, синфи воҳид (садиҳо, даҳҳиҳо, воҳидҳо), ки барои омӯзиши нумератсияи ададҳои бисёррақама замина мегузорад, ба охир мерасад;
– донишҳои гирифтаи усулҳои ҳисобкунии шифоҳӣ ва хаттӣ мустаҳкам карда мешаванд;
– усулҳои шифоҳии зарб ва тақсим дохил карда мешаванд;
– ҳалли масъалаҳо бо дохил кардани бузургиҳои нав, омӯзиши маводи геометрӣ ва алгебравӣ давом дода мешаванд.

Дар натиҷаи омӯзиши нумератсияҳо дар доираи 1000 хонандагон бояд:

– ададҳои серақамаро хонда ва навишта тавонанд;
– аз садиҳо, даҳиҳо, ваҳидҳо ташкил ёфтани ададҳои серақамаро донанд;
– номи разрядҳои воҳидиро аз худ кунанд ва ададро ба намуди суммаи ҷамъшавандаҳои разрядӣ навишта тавонанд;
– дониши дар бораи нумератсия доштаашонро ҳангоми ҳисобкуниҳои шифоҳӣ истифода бурда тавонанд.

Методикаи омӯзиши нумератсия дар доираи 1000 ба методикаи омӯзиши нумератсия дар доираи 100 монанд аст. Фарқ дар он аст, ки дар ин ҷо боз як разряд – разряди садӣ илова мешавад.

Пеш аз омӯзиши нумератсия дар доираи 1000 омӯзгор як дарс бо хонандагон ҳамаи намуди машқҳоро доир ба нумератсия дар доираи 100 такрор мекунад.

**Ададҳои бисёррақама**

Нумератсияи ададҳои бисёррақама ва амалҳо бо онҳо масъалаҳои зеринро дар бар мегирад:

– ададҳои бисёррақама дар асоси мафҳуми ҳам разряд ва ҳам синф ташкил, хонда, навишта мешаванд;
– амалҳои арифметикӣ, асосан бо истифодаи ҳисобкуниҳои хаттӣ иҷро карда мешаванд.

Дар натиҷаи омӯзиши нумератсияҳои ададҳои бисёррақама хонандагон бояд:

– ном ва пайдарпайи қатори ададҳои натуралиро дар доираи синфи миллионҳо азхуд кунанд;
– номи синфҳо (синфи воҳид, синфи ҳазор, синфи миллионҳо) ва разряди дохили ҳар як синф (воҳидҳо, даҳиҳо, садиҳо, ҳазориҳо, даҳҳазориҳо ва ғ.) –ро донанд;
– хондан ва навиштани дилхоҳ ададҳоро дар доираи синфи миллионҳо, онҳоро ба намуди суммаи ҷамъшавандаҳои разрядӣ ифода карда тавонанд;
– ҳамаи усулҳои кор бо ададҳоро, ки дар дарсҳои гузашта омӯхта шуда буданд, дар ин дарс татбиқ карда тавонанд.

Омӯхтани нумератсияи ададҳои бисёррақама аз такрори мавзӯи нумератсияи ададҳо дар доираи 1000 оғоз мешавад.

Баъд аз шинос шудан бо ададҳо 10000, 100000, хонандагон ба синфҳо шинос мешаванд: синфи 1 – синфи воҳидҳо, синфи 2 - синфи ҳазориҳо.

Асосан идомаи кор бо ҷадвали нумератсионӣ бурда мешавад.

## 3.2. Методикаи таълими амалҳои арифметикӣ ва ҳалли масъала

«Мафҳуми «масъала» ва «ҳалли масъала» дар ибтидои курси «математика»

Дар ибтидои курси математика мафҳуми «масъала» он вақт истифода бурда мешавад, ки сухан дар бораи масъалаҳои матнӣ, арифметикӣ равад.

Дар ҳалли масъалаҳои матнӣ ва арифметикӣ хонандагон ба душвориҳои зерин дучор мешаванд:

**Душворӣ дар таснифоти масъала дар синфҳои ибтидоӣ.** Гурӯҳбандии мавҷуда ба маънои он таъсир расонда наметавонад: «масъалаҳои якамала, дуамала, сода, мураккаб» ба хонандгон дар ҳалли масъалаҳо ёрӣ расонда наметавонад.

**Душворӣ дар тартиб додани шарти масъала**. Шарти мухтасари масъала сохтори алоқамандии онро нишон намедиҳад, нишон додани шарт дар алоҳидагӣ фикрронии абстрактро талаб мекунад, ки хонандагони сустхон барои дарки он азоб мекашанд. Аз ҳамин ҷо душвориҳо дар муайян кардани роҳҳои ҳалли масъалаҳо пайдо мешавад.

**Душворӣ дар муайян намудани тарзи ҳалли дурусти масъалаҳо.** Одатан тарзи ҳалли масъаларо аз назар нагузаронда, амалҳои математикиро аз назар мегузаронанд, ҳол он ки онҳо аз ҳамдигар ба куллӣ фарқ мекунанд.

**Душворӣ дар ҳалли масъалаҳо ва инкишофи тафаккури хонандагони синфҳои ибтидоӣ.** Ҳалли масъалаҳо дар таълими синфҳои ибтидоӣ мавқеи муҳим дорад. Он дар инкишофи тафаккурии мантиқии хонандагон саҳм мегузорад. Ба воситаи пайваста ҳал кардани масъала хонандагон:

- бо роҳҳои гуногуни ҳалли масъалаҳои ҳаётӣ шинос мешаванд;
- дар онҳо таҷриба пайдо мешавад;
- маҳорати мубоҳиса пайдо мекунад;

Дар синфҳои ибтидоӣ масъалаҳои гуногунро истифода менамоянд

Дар ҷараёни истифодаи масъалаҳои матнӣ марҳилаҳои зерин истифода мешаванд:

- Хондан ва дарк кардани мазмуни матни масъала.
- Ҷустуҷӯйи роҳҳои ҳалли масъала.
- Интихоби роҳи қулайи ҳалли масъала.
- Санҷиши ҳал.
- Кори эҷодӣ бо масъалаи ҳалкарда.

Фаъолияти маърифатӣ, мустақилона фикр кардан, ки аз ҳалли масъалаҳо бармеояд, барои муайян кардани мавқеи хонанда дар муҳити нав, пайдо намудани усулҳои нав дар ҳалли масаъалаҳо на танҳо хоҳиши аз худ намудани дониши нав, балки роҳҳои ба даст овардани он замина мегузорад.

Барои ин лозим аст, ки хонандагон:

- матнро бодиққат хонанд,
- мазмуни онро тасаввур карда тавонанд,
- шарти мухтасари онро ба роҳҳои гуногун навишта тавонанд (тасвири ашё, расм, нақша)
- тартиб додани нақша,
- навиштани тарзи иҷро,
- санҷиши иҷро
- тартиб додани нақшаи баръакс ва ғайра

Ҳамин тавр, ҳалли масъала ба инкишофи тафаккури мантиқии хонандагон, фаъолияти маърифатӣ ва мустақилона ҳал кардани масъалаҳо дар ҳар як марҳила мусоидат менамояд.

Ҳалли масъалаҳо инчунин дар ташаккул додани фаҳмиши мукаммали ифодаҳои математикӣ мавқеи муҳим дорад, ба воситаи онҳо дониши назариявии математикиро, ки барнома пешниҳод менамояд, азхуд мекунанд.

Роҳҳои истифода бурдани усулҳо дар инкишофи фикрронии мантиқӣ дар ҳалли масъалаҳо дар зер нишон дода мешаванд

**Марҳилаи шиносоӣ бо мазмуни матн**

Кор ба қисми мураккаби масъала аз омӯзиши мазмуни он сар мешавад. Барои хуб азхуд кардани он бояд хар як хонанда на танҳо матнро шунавад, балки онро мустақилона хонад. Агар барои фаҳмидани мазмуни он фикр кардан лозим бошад, пас барои хондани он бояд ба хонандагон вақт дода шавад (1-2 дақиқа). Дар вақти хондан хонандагон бояд ба маънои он диққат диҳанд. Ин ҳам барои фаҳмидани сохтори масъала ва ҳам барои фаҳмидани истилоҳи математикӣ, алоқамандии чизи додашуда, бузургиҳои маълум ва номаълум хеле муҳим аст.

Ҳангоми кор бо матн диққати хонандагонро пеш аз ҳама ба мазмуни ҳар як калима ва ададҳои овардашуда сарфаҳм рафтан равона карда шавад, ки он: барои тасаввури ҳақиқии муҳити дар масъала овардашуда кӯмак карда тавонад. Аз матн ҷудо карда тавонистани бузургиҳои маълум ва номаълум, муайян намудани шарт ва саволи масъала, инчунин навишта тавонистани шарти мухтасари масъаларо омӯзондан ва дар амал татбиқ карда тавонанд.

Баъди кори шифоҳӣ бо матн бояд маънои он ба услуби математикӣ гардонда шавад, то ки шарти мухтасари он қайд шавад (дар шакли нақша ва расм). Ин имкони аёнӣ муайян намудани муносибат байни бузургиҳои додашударо нишон медиҳад. Дар навишти шарти мухтасар муносибат байни ададҳои маълум ва номаълум муайян мегардад. Чӣ маълум аст ва чиро бояд ёфт? Кадом ахбори нав барои ҷавоб додан ба саволи асосӣ лозим мешавад?

**Марҳилаи дарки мазмуни масъала**

**Масъала**:

Аз шаҳри Душанбе ва ноҳияи Ҷалолиддини Балхӣ ду автобус дар як вақт ба пешвози якдигар ба роҳ баромада, пас аз 2 соат вохӯрданд. Суръати як автобус 31 км/соат, суръати автобуси дигар 33 км/ соат буд.

Масофаи байни шаҳри Душанбе ва ноҳияи Ҷалолиддини Балхиро ёбед.

Барои таҳлили мазмуни ин масъала шарти масъаларо ҷудо карда ба саволҳои он ҷавоб додан мумкин аст.

Ин масъала дар бораи чист? (Дар бораи ҳаракати ду автобус; ҳаракати онҳоро суръат, вақт ва масофа муайян мекунад.)

Дар масъала чиро бояд ёбем? (Масофаи байни Душанбе ва ноҳияи Ҷалолиддини Балхӣ)

Дар бораи ҳаракати ҳар як автобус чӣ маълум аст?

1) автобусҳо ба пешвози якдигар ҳаракат карда истодаанд;

2) баъди 2 соат бо ҳам вохӯрданд;

3) суръати ҳаракати автобуси аввал-31 км/соат;

4) суръати ҳаракати автобуси дуюм - 33 км/соат;

5) вақти ҳаракати автобусҳо як хел аст.

Дар масъала чӣ номаълум?

Масофаи байни Душанбе ва ноҳияи Ҷалолиддини Балхӣ.

Барои дарки мазмуни масъалаҳо ва тартиб додани нақшаи ҳалли он сода кардани он муҳим аст. Барои ин дуруст тақсим намудани қисмҳои мантиқии матн аҳамияти калон дорад. Чун дар масъала сухан дар бораи ҳаракат меравад, онро ин тавр гуфтан (навиштан) мумкин аст: «Суръати ҳаракати автобуси якум - 31 км/соат, суръати ҳаракати автобуси дуюм - 33 км/соат.

Баъди 2 соат автобусҳо бо ҳам вохӯрданд.

Масофаи байни Душанбе *ва* ноҳияи Ҷалолиддини Балхиро ёбед»

Бисёр вақт шарти мухтасари масъаларо дар ҷадвал навиштан мувофиқ аст. Дар мисоли масъалаи боло ҷадвал сурати зайлро мегирад:

| Суръат | | Вақт | Масофа |
|---|---|---|---|
| м. | 31 км/соат | 2 соат | ? |
| I м. | 33 км/соат | | |

Дар фаъолияти мазкур такрор ба такрор шарҳи мухтасари масъаларо навиштан шарт набуда, тасвири нақша беҳтар аст.

Ба воситаи ҷадвал дар хонандагон малакаҳои муайян намудани чизи маълум ва номаълум, такмили истилоҳи математикӣ, интихоб намудани роҳи ҳал ташаккул меёбад ва батадриҷ хонандагон мантиқан фикр карданро ёд мегиранд.

**Дар марҳилаи ҷустуҷӯйи ҳалли масъала.**

Яке аз усули маъмултарин барои ҷустуҷӯйи ҳалли масъала ҷудо кардани матн ба қисмҳо мебошад.

Таҳлили масъала дар шакли занҷири мубоҳисаҳо, ки метавонад аз шарти додашуда ё савол иборат бошад, сурат мегирад.

Дар вақти таҳлил аз матни додашуда аввал саволҳои иловагии ёрирасон муайян намуда, сипас саволи асосии масъаларо баён кардан лозим аст. Аз ин рӯ саволе, ки дар матни масъалаҳо дида мешаванд саволҳои иловагии ёрирасон қабул кардан қулай мебошад. Хонандагон дар вақти таҳлили масъала саволгузориро тавре ба роҳ монанд, ки бузургиҳои маълум ва номаълумро фарқ карда тавонанд ва барои ҳалли он ёрӣ расонад.

**Марҳилаи таҳлил**

Масъаларо бо усули таҳлил ҳал мекунем: Барои муайян намудани масофаи байни ду шаҳр:

– Суръати ҳар ду автобус маълум
– Вақт маълум
– Барои ёфтани масофа чӣ кор кардан лозим аст?.

Мақсади асосии усули мазкур матнро ба қисмҳои алоҳида ҷудо намуда, маънои онро хубтар дарк кардан аст. Ин аз хонандагон маъсулияти фикриро талаб намуда, фикррониии мантиқиро инкишоф медиҳад.

**Марҳилаи санҷиши ҳалли масъала**

Санҷиши ҳал барқарор намудани дурустӣ ё нодурустии ҳалли масъала аст. Дар вақти санҷиш дар асоси фаъолиятҳои фикрӣ ё амалӣ бояд хулоса ба тариқи мубоҳиса ташкил шавад: « Азбаски ин масъала …ҳал карда шудааст, дуруст/ нодуруст аст».

Баъзе усулҳо барои санҷиш, ки барои дуруст ё нодуруст будани масъала ёрӣ мерасонанд.

1. Тахмин кардан.

***Мақсади ин усул - пешгӯи кардани дурустии ҳалли масъала.*** Тахмин ба савол ҷавоб медиҳад: «Оё масъала дуруст ҳал шудааст?» фақат дар мавриде ки ҳалли масъала ба пешгӯйи мувофиқат накунад.

Мисол барои ин усули пешниҳодшуда

Масъала. Карим 5 - то пуфак дошт, Нигина 3 - то зиёдтар пуфак дорад. Онҳо ҳамагӣ чанд пуфак доранд?

Баъди таҳлили шарти масъала, пеш аз шурӯъ ба ҳалли он чунин, савол додан мумкин аст: «Шумо чӣ фикр доред, пуфакҳо аз 5 зиёд ё кам?»

Бисёр хуб мешуд, ба шарте ки ҷавоб чунин шавад: «Пуфакҳо аз 5 зиёданд, чунки ин пуфакҳои Карим ва боз аз Нигина ҳамин қадар, яъне онҳо аз 5 зиёданд». Баъди дарёфти ҷавоб ба мубоҳиса – пешгӯйи бармегардем ва чунин хулоса мебарорем, ки масъала дуруст аст.

**Муносибати ҳалли масъала бо шарти он.**

Мисол барои ҳалли масъала: «Барои ниҳолшинонӣ 600 бех сафедор ва 400 бех арча оварданд. Онҳоро дар ҷӯякҳо баробар шинонданд. Дар натиҷа сафедор 5 қатор нисбат ба арча зиёд баромад. Чанд қатор сафедор ва чанд қатор арча дар алоҳидагӣ шинонда шуд?» - маълум мегардад, ки 15-қатор сафедор ва 10-қатор арча шинондаанд.

Матни масъаларо хонда, саволро дар он тағйир дода: «Барои шинондан 600 сафедор ва 400 арча оварданд. Онҳоро дар ду қатор баробар шинонданд. Сафедор 5 қатор нисбат ба арча зиёд баромад. Сафедор 15 қатор, арча – 10 қатор»

Муайян менамоем, ки дар ин матн номувофиқӣ вуҷуд дорад?

Муҳокима мекунем. Дар шарт гуфта мешавад, ки сафедор 15 қатор зиёдтар нисбат ба арча. Аз ин ҷо мебарояд, ки дар 5 қатор зиёдтар (15 - 10 = 5(қ)). Давомашро месанҷем, ки дарахтон дар ҳар як қатор баробар: 600 : 15 = 40 ( шумораи сафедор дар як қатор), 400 : 10 = 40 (шумораи арча дар як қатор)

Агар фикрҳо муқобил набошанд, ҳалли масъала дуруст аст.

Тарзи дигари ҳалли масъала

Агар масъаларо бо роҳи дигар ҳал кардан мумкин бошад ва хулосаҳо якхела бароянд. Гуфтан мумкин аст, ки масъала дуруст ҳал карда шудааст.

Мисол: «Аз ду деҳа, ки масофаи байнашон 13 км аст (бори дигар як км чанд метр буданашро ба хонандагон ёдовар шавед), дар як вақт ба муқобили ҳамдигар ду мототсиклрон баромаданд ва баъди 5 дақиқа вохӯрданд. Яке аз онҳо дар як дақиқа 1км 200м ҳаракат намуд. Мототсиклрони дигар дар як дақиқа чанд метрро тай кард?

Ҳал:

1) 1200 x 5 = 6000 (м)

2) 13000 – 6000 = 7000 (м)

3) 7000 : 5 = 1400 (м/дақиқа)

Ҷавоб: 1400 м/дақиқа

Санҷиш:

1) 13000 : 5 = 2600 (м)

2) 2600 – 1200 = 1400 (м/дақиқа)

Ду усули ҳалли масъалаҳо мавҷуд аст:

Усули инфиродӣ – шиносоӣ бо алгоритм ва онро автоматӣ кунондан;

Усули умумӣ – ба дониш тааллуқ дорад, яъне худи масъала чист, зинаҳои ҳалли масъалаҳо ва маҳорати ҳал кардани ин зинаҳо

| Қисмҳои ҳалли масъалаҳо | Мақсади қисм | Усулҳои ҳалли қисм |
|---|---|---|
| 1. Таҳлили мазмуни масъала | Фаҳмад, ҷудо кунад, муносибат, алоқамандӣ, вобастагиро муайян кунад. | Ҷудокунии мантиқӣ ба қисмҳо, фаҳмондани калима, иваз кардани истилоҳ, ҷудо кардани (бартараф кардани) калимаҳое, ки муҳим нестанд<br>Таҳияи намуна. |
| 2. Ҷустуҷӯйи нақшаи ҳал | Муайян кардани вобастагӣ ва алоқмандии ҳар як додашуда (маълум) ва номаълум вобаста ба муносибати чизи маълум бо номаълум | Бо намуна |
| 3. Иҷрои нақшаи ҳалли масъала. | Иҷрои масъала. | Бо амалҳо, бо саволҳо шарҳ додан, муодилаҳо,… |
| 4. Санҷиш. | Алоқамандӣ ба шарти масъала. | Тартиб ва ҳалли масъалаҳои баръакс, ҳалли масъала бо роҳҳои дигар. |

Ниҳоят муҳим аст, ки хонандагон мазмуни масъаларо дарк кунанд ва барои масъала мустақилона намуна тартиб диҳанд.

### 3.3. Методикаи таълими маводи геометрӣ

Мақсади асосии омӯзиши маводи геометрӣ дар синфҳои ибтидоӣ пеш аз ҳама, пайдо кардани тасаввуроти аввалини геометрӣ, инкишоф додани фикррониии мантиқӣ ва тасаввуроти фазоӣ дар хонандагон, ташаккул ёфтани маҳорати шинохтани шаклҳо (фигураҳо)-и геометрӣ ва қисматҳои он, ҷамъ овардани мавод аз қисмҳои пароканда, ҷудо кардани шаклҳои геометрӣ ба қисмҳои таркибӣ, дар нақша тасвир кардани

шаклҳо (фигураҳо) мебошад. Тадқиқоти равоншиносон Виготский Л. С., Занков В.В., Давидов В.В. ва дигарон бар он далолат мекунанд, ки азхудкунии маводи геометрӣ бояд дар асоси равандҳои психикӣ (равонӣ), асосан идрок сурат гирад. Инкишофи идрок дохил кардани маводи геометриро талаб менамояд, чунки маводи геометрӣ образҳо, рамзҳо мебошанд. Образҳову рамзҳо намунаи ашёҳо, объектҳои воқеӣ мебошанд.

Омӯзиши шаклҳои геометрӣ аз рӯи нақшаи зерин иҷро карда мешавад:

Ҳосил кардани шаклҳо → Номи шаклҳо → Шинохтани шаклҳо дар муҳити атроф → Тасвири шаклҳо → Омӯзиши хосиятҳо

Нуқта ва порча

Омӯзиши маводи геометрӣ дар синфҳои ибтидоӣ аз омӯхтани нуқта ва порча сар мешавад. Инчунин, хонандагон бо мафҳумҳои хат, хати рост, хати кач, нур, хати шикаста, хати сарбаста низ шинос мешаванд. Дар ҷадвали зер ба хонандагон чӣ тавр пайдо кардани тасавурот дар бораи шаклҳои содаи геометриро меорем:

| Шаклҳои омӯхташаванда | Дарёфти намунаҳо |
|---|---|
| Нуқта | Дар тахтаи синф охири бӯро, дар дафтар – нӯги тези қаламро мегузорем ва изро пайдо мекунем – ин нуқта аст. |
| Хат | Изи бӯр дар тахтаи синф, қалам дар коғаз, ришта дар болои миз – қолаби хат аст. |
| Ҳати кач | Ду нафар аз нӯгҳои ришта медоранд ва он фурӯ мехамад. |
| Хати рост | Ду нафар риштаро аз ду нӯг рост мекашанд (охирҳои ришта бе охир меравад). |
| Нур | Риштаи рост кашидашударо мебурем, авалашро меёбам ва охираш беохир меравад. |
| Порча | Як қисми риштаи рост кашидашударо аз ду ҷояш мебурем ва порчаро ҳосил мекунем. |
| Хати шикаста | Як порча сими мулоимро гирифта, аз якчанд ҷояш қат мекунем. Хати шикаста ҳосил мекунем. |
| Хати сарбаста | Нӯгҳои ин симро пайваст карда, хати сарбаста ҳосил мекунем. |
| Хати кушода | Нӯгҳои симро аз ҳам ҷудо намоем – хати кушода ҳосил мешавад. |

Бо мафҳуми нуқта хонандагон дар дарси якум, ҳангоми ба даст гирифтани қалам шинос мешаванд.

Хонандагон ба мафҳуми порча ва дарозии он дар синфи дуюм шинос мешаванд. Баъд аз дидани намунаҳо онҳо нишон медиҳанд, ки кадом ашёҳои синф намуди хати ростро доранд (нишончӯб, теғаи миз, партаҳо ва ғайраҳо). Баъд аз ин порчаро мекашанд.

Дар синфи 2, баъди омӯхтани мафҳуми порча иҷрои машқҳои зерин аз фоида холӣ нест:

1) Дар коғаз се нуқтаро нишона кунед ва ҷуфт – ҷуфт онҳоро бо порча пайваст кунед. Чанд порча ҳосил мешавад?

2) Сохтани порчаҳо чӣ гуна шаклҳоро ташкил медиҳанд?

3) Дар порчаи АВ нуқтаи С – ро нишона кунед. Дар нақшаи кашидашуда чанд порча ҳосил мешавад? Порчаи АВ аз кадом порчаҳо иборат аст?

Бисёркунҷа, кунҷ, давра

Дар синфи сеюм тамсила (моделҳо)-и секунҷаҳо, чоркунҷаҳо ва ғайраҳо, ки онҳоро бисёркунҷаҳо меноманд, дида баромада мешавад. Баъд аз дохил кардани ишорати нуқтаҳо бо ҳарфҳо ин шаклҳо бо «номашон» хонда мешавад: масалан, порчаи АВ, секунҷаи АВС, тарафҳои секунҷа – АВ, ВС, АС ва ғайраҳо.

Баъд аз шиносоӣ бо бисёркунҷаҳо хонандагон аз ашёҳои атроф шаклҳои ба бисёркунҷаҳо монандро нишон медиҳанд.

Шинохтани чоркунҷа, квадрат, росткунҷа, секунҷа ва муқоисаи онҳо.

Хонанда ин талаботро дар ҳолате иҷро карда, ба маънояш сарфаҳм меравад, ки фаъолиятҳои зеринро иҷро кунад.

| Т/р | Фаъолияти тавсияшаванда |
|---|---|
| 1. | Шаклҳои геометрии гуногунро номбар карда тавонад:<br>Кор бо чӯбчаҳо ва шаклҳои гуногун |
| 2. | Хусусиятҳои ҳар як шаклро муайян карда тавонад:Аз рӯйи шаклҳои пешниҳодшуда муайян намудани тараф, кунҷ ва қуллаи шаклҳо |
| 3. | Монандӣ ва фарқи шаклҳоро гуфта тавонад:<br>Аз рӯйи шаклҳои додашуда фарқ ва монандиро муайян кардан. |

## 3.4. Методикаи таълими бузургиҳо

Бузургиҳо - муҳимтарин мафҳуми математика мебошад, ки тасаввуроти фазоиро инкишоф медиҳад, малакаҳои амалиро мусалаҳ мегардонад, воситаи алоқамандӣ бо ҳаёт мебошад. Дар синфҳои ибтидоӣ чунин бузургиҳо омӯзонида мешавад: дарозӣ, масоҳат, масса, ғунҷоиш, вақт ва ғайраҳо.

Ҳангоми шиносоии хонандагон бо бузургии нав тартиби зайл риоя мегардад:

- Тасавуроти хонандагон доир ба бузургиҳои додашуда фаҳмида ва аниқ карда мешавад (муроҷиат ба таҷрибаи кӯдак).
- Бузургиҳои якхела муқоиса карда мешаванд (бо чашм, бо ёрии ҳиссиёт, бо ёрии болои ҳам гузоштан, бо роҳи истифодаи ченакҳои гуногун).
- Шиносоӣ бо воҳиди ченаки бузургии додашуда ва асбоби ченкунанда.
- Ташаккул додани маҳорат ва малакаи ченкуниҳо.
- Ҷамъ ва тарҳ кардани бузургиҳои якхела, дар воҳидҳои ченаки якхела ифода кардан (дар ҳалли масъалаҳо).
- Шиносоӣ бо воҳидҳои нави бузургиҳо дар алоқаи зич бо омӯхтани нумератсия аз бузургии хурд ба калон ва баръакс гузаронидан.
- Ҷамъ ва тарҳи бузургиҳое, ки дар ду – се номгӯйи воҳидҳо ифода шудаанд.
- Зарб ва тақсими бузургиҳо ба адад.

Ҳангоми бо роҳи алгебравӣ ҳал кардани масъала бузургиҳо ва номи ашёҳо фақат дар ҷавоби он навишта мешаванд.

Масъалаҳое, ки дар синфи чорум вобаста ба вақт, суръат, масофа дода шудаанд, бо ёрии формулаҳо ҳал карда мешаванд.

Дар ҳалли ин гуна масъалаҳо хонанда бояд алоқамандии байни бузургиҳоро дарк намояд. Дар синфи сеюм ёфтани периметри бисёркунҷаҳо таълим дода мешавад. Дар синфи чорум масъалаҳое, ки барои ҳисоб кардани периметри росткунҷа ва квадрат дода шудаанд, бо ёрии формулаҳо ҳал карда мешаванд.

Дар синфҳои ибтидоӣ ба омӯзиши ченакҳо (дарозӣ, вақт, масса, ғунҷоиш, масоҳат) ва машқҳои ченкунӣ диққати ҷиддӣ дода мешавад. Хонандагон ба системаи ченакҳо ба таври аёнӣ ва амалӣ шинос карда мешаванд.

Намунаи татбиқи як талаботи барнома доир ба бузургиҳо, **ченакҳои масса: кг,**

Хонанда ин талаботро дар ҳолате иҷро карда, ба маънояш сарфаҳм меравад, ки фаъолиятҳои зеринро иҷро кунад.

| Т/р | Фаъолияти тавсияшаванда |
|---|---|
| 1. | Ченакҳои массаро номбар кунад: аз рӯйи расм ченакҳоро мушоҳида карда, вазифаи онҳоро гӯяд |
| 2. | Ченаки калонро ба ченаки хурд гардонда тавонад: ба саволҳо ҳангоми иҷрои амалҳо ҷавоб дода тавонад: як килограмм ба чанд грамм баробар аст?... |
| 3. | Амалан бо тарозу кор карданро нишон диҳад: амалҳои иҷрокардаро шарҳ диҳад: дар як тарафи тарозу санги яккилограмма ва дар тарафи дигар ду дона китоб гузоштем…. |

## 3.5. Методикаи таълими коркарди маълумот

**«Коркарди маълумот»** қисми ҷудонашавандаи ҳар як мавзӯи курси математикаи ибтидоӣ мебошад. Дар муносибат бо муҳокимаҳои мантиқии курс хонандагон дарки маълумотро меомӯзанд. Доир ба “Коркади маълумот” бо роҳи гуногун (расмҳо, матн, тарҳ (тамсила,модел)-ҳои графикӣ ва рамзӣ, нақша, ҷадвал, диаграмма) тасавурот пайдо мекунанд.

Дар раванди ҳалли масъалаҳо ва иҷрои супоришҳо хонандагон дарки мантиқии ифодаҳо, пайвандакҳои «ва», «ё», «агар», «он гоҳ», «дуруст/нодуруст, ки …». «ҳа кадом», «интиҳо», «баъзе» ва ғайраҳоро меомӯзанд.

Гирифтани саводнокии муқадимавии компютерӣ аз синфи дуюм сар мешавад. Дар синфи якум имконҳои мавҷудаи маводи маълумотӣ – таълимиро истифода бурда, фаъолияти таълимии хонандагонро дар дарс ташкил кардан мумкин аст. Аммо алакай дар синфи якум имконҳои мавҷудаи маводи ахборотӣ – таълимиро истифода бурда, фаъолияти таълимии хонандагонро дар дарс ташкил кардан мумкин аст. Барои кор бо маводи дидактикӣ–электронӣ акскунанда (проектор) ва тахтаи электронӣ, ё тахтаи маркерии сафед, ё ин ки ақалан экран доштан зарур аст.

Ба мақсади боз ҳам самаранок гаштани азхудкунии мавод дар асоси дастурҳои зерин амал бояд кард:

**Дастури 1.** Ҳангоми банақшагирии дарс маводи дар китоби дарсӣ пешниҳодшударо хонед ва аниқ созед, ки шумо тавассути он ба кадом натиҷаи таълим ноил гашта метавонед.

**Дастури 2.** Тавсияҳоро оид ба фаъолият ва методҳо, ки дар поён пешниҳод шудаанд, хонед ва мувофиқашро интихоб намоед.

**Дастури 3.** Пас аз интихоби фаъолият ё метод онро ба нақшаи дарс ворид созед.

**Дастури 4.** Пас аз гузаштани дарс фаъолият ё методи истифодабурдаатонро таҳлил кунед, то кадом андоза он самаранок буд, чиро иваз ё такмил додан мехоҳед. Пас аз таҳлил ба нақшаи дарс тағйирот ворид созед ва онро минбаъд бо чунин тағйирот истифода баред.

## 3.6. Баъзе стратегияҳо, методҳо ва бозиҳои таълимӣ аз фанни математика

### Бозии «Домино» дар гурӯҳҳо

**Шарҳ:** тавассути бозии мазкур хонандагон ҷадвали ҷамъи ададҳои якрақамаро истифода бурда метавонанд.

**Тартиб**:

- Хонандагонро ба гурӯҳҳои хурд ҷудо кунед.
- Ба ҳар як гурӯҳ ба миқдори баробар варақаи ифодаҳоро тақсим кунед.
- Супориш диҳед, ки варақаҳоро тавре паси ҳам гузоранд, ки аввали ифода давоми ифодаи пешина бошад.

Натиҷаи кори гурӯҳии хонандагон чунин буда метавонад:

Гурӯҳи 1

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| 5+3 | 8-4 | 4+9 | 13+13 | 14-3= | 11+7 |

Гурӯҳи 2

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| 4-3 | 1+13 | 14-3 | 11+5+13 | 16-3= | 13+6 |

**Диққат!** Барои мустаҳкам кардани фаъолияти зерин бо истифода аз тӯбча саволу ҷавоб гузаронед. Саволу ҷавоб бо тӯбча ин тавр сурат мегирад: хонандае тӯбчаро ба сӯйи хонандаи дигаре ҳаво дода, мисолеро пешниҳод мекунад, масалан 6+7. Хонанда тӯбчаро дошта, мисолро шифоҳӣ ҳал карда, ҷавобашро мегӯяду ба хонандаи дигаре тӯбро ҳаво дода, мисол пешниҳод мекунад.

### Кор бо расм

**Шарҳ:** Усули мазкур имкон медиҳад, ки хонандагон намудҳои хат, шаклҳои росткунҷа, квадрат ва секунҷаро шиносанд ва тасвир карда тавонанд.

**Тартиб**:

- Ба хонандагон ҳикояро хонед.

*«Бачаҳои азиз, имрӯз Хирсак рӯзи таваллуд дорад. Харгӯшак мехоҳад, ки барои ӯ тӯҳфа бихарад. Вале Харгӯшак ҳайрон аст, ки бо кадом роҳ равад, ки зудтар*

*ба мағоза бирасад. (нақшаи зеринро нишон медиҳад) Шумо ба ӯ кӯмак кардан мехоҳед?»*



- Биёед, ба Харгӯшак роҳи кӯтоҳтарро нишон диҳем.
- Бачаҳо, барои Харгӯшак то мағоза ду роҳ аст. Роҳи якум бо хати сиёҳ ва роҳи дуюм бо хати ғафстар ишора шудааст. Ба фикри шумо, кадоме аз ин роҳҳо кӯтоҳтар аст?
- Барои чӣ шумо ин тавр фикр мекунед?
- Бале, пас, ба фикри шумо, кадоме аз ин хатҳо хати рост ва кадомеро хати шикаста гуфтан мумкин аст?

**Диққат!** Пас аз ба охир расидани кор бо нақша метавонед ба воситаи чӯбчаҳо барои ҳисоб кори амалӣ гузаронад. Ба хонандагон чунин супориш диҳед:

- чор чӯбча омода кунед;
- онҳоро дар як самт паси ҳам гузоред;
- чор чӯбча омода кунед;
- онҳоро бо самтҳои гуногун бо ҳам пайваст кунед.

## Ададҳои сеҳрнок

**Шарҳ:** Бозии мазкур имкон медиҳад, ки хонандагон ҷадвали ҷамъи ададҳои якрақамаро истифода бурда тавонанд.

**Тартиб**:

- Ба хонандагон супориш диҳед, ки дар хоначаҳои холӣ ададҳои мувофикро нависанд, ки миқдори (суммаи) ду адади қатори боло бошад.

Намуна:







**Диққат!** Мавзӯъҳои «аз даҳӣ гузашта ҷамъ (тарҳ) кардан»- ро низ бо усули мазкур гузаштан мумкин аст. Барои иҷро кардани машқҳо оид ба аз даҳӣ гузашта ҷамъ (тарҳ) кардан донистани таркиби ададҳо хеле муҳим аст.

**Футболбоз**

**Шарҳ:** Тавассути бозии мазкур хонандагон ҷадвали ҷамъи ададҳои якрақамаро истифода бурда метавонанд.

**Тартиб**:

- Расми майдончаи варзишӣ бо дарвоза ва тӯбҳои футболбозӣ кашида шудааст;
- Дар рӯйи тӯбҳои футболбозӣ ифодаҳои гуногун сабт шудааст;
- Дар руйи дарвоза ягон адад (масалан 8) навишта шудааст;
- Ба хонандагон супориш диҳед, ки қимати ифодаи тӯберо, ки ба 8 баробар аст, муайян кунанд.
- Хонандае, ки тӯби бештарро ҷудо мекунад, ғолиб дониста мешавад.

**Диққат!** Чунин фаъолиятро ба тариқи кори гурӯҳӣ низ ба роҳ мондан мумкин аст. Дар ин ҳолат ба ҳар як гурӯҳ супориши алоҳида дода мешавад. Масалан:

**Гурӯҳи 1**. Ифодаҳоеро ҷудо кунед, ки ҳосилаш ба 9 баробар бошад.
**Гурӯҳи 2.** Ифодаҳоеро ҷудо кунед, ки ҳосилаш ба 7 баробар бошад.
**Гурӯҳи 3**. Ифодаҳоеро тартиб диҳед, ки ҳосилаш ба 5 баробар бошад.
**Гурӯҳи 4.** Ифодаҳоеро тартиб диҳед, ки ҳосилаш ба 6 баробар бошад.

***Лотобозӣ***

**Шарҳ:** Бозии мазкур имкон медиҳад, ки хонандагон ададҳоро дар доираи аз 1 то 20 ҷамъ ва тарҳ карда тавонанд.

**Тартиб**:

- Хонандае қуттии дар дарунаш тӯбчаҳо доштаро мегирад ва то даме ки аз сӯрохии он тӯбчае берун нашавад, онро дар дасташ давр мезанонад.
- Супоришро аз рӯйи рақамҳои дар ду тараф навишташудаи тӯбчаи берушуда иҷро мекунад. Масалан, супориш чунин гузошта шудааст: аз адади калон адади хурдро тарҳ кунед. Агар дар як тарафи тӯбча адади 7 ва дар тарафи дигари тӯбча адади 3 навишта шуда бошад, хонанда бояд аз адади 7 адади 3-ро тарҳ кунад (7-3=4)….
- Супориши дигар чунин буда метавонад: ададҳои ҳар ду тарафи тӯбчаро бо ҳам ҷамъ кунед.




Тарзи сохтани маводи таълимии «Лотобозӣ».

Барои тайёр кардани ин мавод ба мо як қуттии холишудаи торт (шаффоф бошад), якчанд тӯбчаҳои гуногун ва коғазу қаламҳои ранга лозиманд.

- болопӯши қуттии тортро аз мобайн ба шакли давра сӯрох кунед.
- ба ду тарафи тӯбча коғаз часпонед.
- ба рӯйи коғазҳои часпондашуда метавонед барои фанни математика ададҳо ва барои дарси забони модарӣ ҳарфҳо нависед.
- тӯбчаҳои тайёршударо ба даруни қуттии торт ҷой диҳед.

### Тасвир ва муқоиса кардан

**Шарҳ:** Усули мазкур имкон медиҳад, ки хонандагон порча, росткунҷа ва квадратро аз рӯйи ченаки муайян тасвир карда тавонанд.

**Масъала:** Ду порча кашед. Дарозии порчаи якум 5 см ва дарозии порчаи дуюм назар ба порчаи якум 3 см зиёдтар бошад. Дарозии порчаи дуюм ба чанд сантиметр баробар аст?

**Тартиб**:

- Аз хонандагон пурсед, ки чӣ гуна хатро порча меноманд.
- Дарозии порчаро бо кадом ченак ҳисоб мекунанд.
- Аз хаткашак нишон диҳед, ки 5 смро чӣ тавр муайян кардан мумкин аст.
- Порчаи якумро, ки 5 см аст, дар дафтар кашед.
- Агар дарозии порчаи дуюм назар ба якум 3 см зиёд бошад, пас он чанд сантиметр аст?
- Муайян кунед, ки агар адади 5 – ро 3 воҳид зиёд кунем, чанд ҳосил мешавад.
- Порчаи дуюмро тасвир кунед.

### Ҳалли масъала

**Шарҳ**: Фаъолияти мазкур имкон медиҳад, ки хонандагон масъалаҳоро бо амалҳои ҷамъ, тарҳ, зарб ва тақсим ҳал карда тавонанд.
**Тартиб**:

- Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки шарти масъаларо хонанд.
- Мазмуни матни масъаларо ба воситаи саволҳои зерин таҳлил кунед:
- Дар шарти масъала чӣ маълум аст?
- Чӣ номаълум аст?
- Агар зиёд (кам, маротиба зиёд, маротиба кам) бошад, кадом амалро истифода мебарем?
- Мо бояд чиро ёбем?
- Барои ба саволи масъала ҷавоб додан чиҳоро бояд ёбем?

### Кор бо чӯбча ва доирачаҳо

**Шарҳ:** Усули мазкур ба хонандагон барои аз ёд кардани ҷадвали зарб ва тақсим ёрӣ мерасонад.

Тартиб:

- Ба кӯдакон 6 чӯбча ё сангча диҳед.
- Ба онҳо 3 доирачаи коғазӣ ё картонӣ диҳед.

- Онҳо бояд дутогӣ чӯбча ё сангчаро дар рӯйи ҳар як доирача гузоранд.
- Аз онҳо пурсед, ки дар ҳар як доирача чӣ қадар чӯбча аст.
- Аз онҳо пурсед, ки ҳамагӣ чӣ қадар доирача мавҷуд аст.
- Аз онҳо пурсед, ки ҳамагӣ чӣ қадар чӯбча мавҷуд аст.
- Фаҳмонед, ки 3-то доираи 2-тогӣ ба 6 баробар аст.
- Ин корро бо рақамҳои гуногун такрор кунед.
- Пас аз он ки дар бораи ин амал тасаввуроти пурра пайдо карданд, тарзи навишти онро нишон диҳед.
- Ба кӯдакон тарзи навишти мисолҳои зарбро ҳамчун ҳосил кардани зарб ба воситаи ҷамъ нишон додан мумкин аст. 2+2+2=6 ё ин ки 2×3=6

## Кор бо тарозу

**Шарҳ:** Тавассути фаъолияти мазкур имкон медиҳад, ки хонандагон ченакҳои вазнро муайян карда тавонанд, ченакҳои вазнро номбар кунанд, ченакҳои хурдтарин ва калонтарини вазнро муайян кунанд, ба воситаи тарозу вазни ашёро аниқ созанд ва муқоиса кунанд.

**Тартиб**:
- Ба хонандагон супориш диҳед, ки ҳар кас ҷузвдони худро бардорад;
- Сипас, аз дохили ҷузвдон тамоми ашёро берун карда, бори дигар бардоранд;
- Пурсед, ки онҳо чиро ҳис карданд.
- Дар кадом ҳолат ҷузвдонро вазнинтар (сабуктар) гуфтан мумкин аст.
- Сипас, онҳоро бо мафҳуми килограмм ва тарзи навишти кӯтоҳи он шинос кунед.

**Диққат**! Барои мустаҳкам кардани донишҳо омӯзгор метавонад усули нақшофариро истифода намояд. Яъне хонандагон дар нақши фурӯшанда ва харидор иштирок мекунанд. Бо истифода аз тарозу «барои худ чизҳои заруриашонро мехаранд»

Савол барои дарки ченакҳои вазн:

5 кг санг вазнин аст ва ё 5 кг пахта?

Савол барои дарки ченаки вақт:

Агар 3-то тухм дар 5 дақиқа пазад, пас 6-то тухм дар чанд дақиқа мепазад?

## Имло (диктант)-и математикӣ

**Шарҳ:** Тавассути фаъолияти мазкур хонандагон ададҳои аз 21 то 100-ро хондаю навишта ва ишораи аломатҳои >; < «x» ва «:» -ро истифода карда метавонанд.

Тартиб:
- Ба хонандагон эълон кунед, ки барои навиштани имлои (диктанти) математикӣ омода шаванд.
- Пурсед, ки барои муайян кардани суммаи (фарқи, ҳосили зарби, ҳосили тақсими) ададҳо кадом амалро истифода мебарем?
- Бодиққат ба гуфтаҳои омӯзгор гӯш дода, ифодаҳоро нависанд ва ҳал кунанд.
- Масалан: суммаи ададҳои 45 ва 56-ро нависед ва онро ҳал кунед, фарқи ададҳои 689 ва 345-ро нависед ва ҳал кунед.

## Кор бо шаклҳои геометрӣ

**Шарҳ:** Фаъолияти мазкур имкон медиҳад, ки хонандагон периметри росткунҷа, квадрат ва секунҷаро ҳисоб карда тавонанд, хосияти квадратро шарҳ дода, онро тасвир кунанд, формулаи ёфтани периметри квадратро шарҳ диҳанд, бо истифода аз формула периметри квадратро ёбанд.

Тартиб:

- Дарозии як тарафи квадрат (масалан, 3 см) дода шудааст.
- Аз хонандагон пурсед, ки оё мо метавонем дарозии тарафҳои дигарро муайян кунем ва тасвир намоем.
- Агар мумкин бошад, чӣ тавр, барои чӣ?
- Пас ин квадратро тасвир кунед.
- Дарозии чор тарафи квадратро ҷамъ кунед (а+а+а+а)
- Ба фикри шумо, суммаи тарафҳои квадрат чӣ ном дорад?
- Ифодаи (а+а+а+а)-ро бо амали зарб 4а низ навиштан мумкин аст.
- Суммаи дарозии тарафҳои квадратро периметр меноманд.
- Формулаи периметри квадрат Р=4а (Р=4х3=12 см) аст.

**Диққат**! Барои шарҳ додани мафҳуми периметр чунин кори амалӣ низ гузаронидан мумкин аст:

- Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки аз чор чӯбчаи дарозиаш якхела квадрат созанд.
- Дарозии ҳар як чӯбчаро чен кунанд;
- Супориш диҳед, ки ҳар чор чӯбчаро дар як самт паси ҳам гузоранд ва дарозии умумии онҳоро чен кунанд.
- Ҳамин тавр, хонандагон бар асоси кори амалӣ мушоҳида мекунанд, ки периметр-ин суммаи дарозии тарафҳо будааст.

## Ҳалли муодила аз рӯйи расм

**Шарҳ:** Усули мазкур имкон медиҳад, ки хонандагон муодилаҳои якамаларо ҳал карда тавонанд.

**Тартиб**:

- Суҳбат аз рӯйи расм. Ба хонандагон чунин саволҳоро пешниҳод кунед:
- Дар расм чиҳо тасвир шудаанд?
- Оё нархи онҳо маълум аст?
- Нархи кадом ашё маълум нест?
- Нархи умумии ашё чанд сомонӣ аст?
- Агар нархи умумии ашё 25 сомонӣ бошад, нархи якто глобус 12 сомонӣ ва нархи тарбуз 5 сомонӣ бошад, нархи тӯб чанд сомонӣ мешавад?
- Сипас, нархи ҳар як ашё ва нархи умумии онҳоро истифода бурда, муодила тартиб диҳед.
- Тарзи ҳалли масъаларо ба воситаи муодила шарҳ диҳед.




**Диққат!** Ба мақсади ноил гардидан ба натиҷаи таълими мазкур омӯзгор метавонад, аз варақа ва «Ёддошт» истифода намояд. Дар варақаи «Ёддошт» қадамҳо ҳамчун дастур оварда мешаванд. Хонандагон онро метавонанд ба воситаи кори дунафарӣ истифода намоянд:

Намунаи «ёддошт»

| Қадамҳо |
|---|
| *Қадами 1.* Муодиларо хон. |
| *Қадами 2.* Номи ададҳои муодиларо номбар кун. |
| *Қадами 3.* Муайян бикун, ки чӣ номаълум аст (тарҳшаванда ё тарҳкунанда)? |
| *Қадами 4.* Ба ёд ор, ки барои ёфтани тарҳшаванда кадом амалро бояд иҷро намуд? |
| *Қадами 5.* Бисанҷ. (Ба ҷойи $x$ адади ҳосилшударо гузор ва амалро иҷро кун.) |

## Шукуфон шав

**Шарҳ:** Бозии мазкур имкон медиҳад, ки хонандагон ададҳои яклухтро дар доираи аз 1 то 100 000 ҷамъ, тарҳ, зарб ва тақсим карда тавонанд.

**Тартиб**:

– Хонандагон дар давра меистанд. Нафаре яке аз баргакро кушода, саволи дар он навишташударо мехонад ва ҷавоб медиҳад. Ҳамин тавр, баргакҳо як ба як кушода мешаванду гулаки мо шукуфон мешавад.







– Фаъолияти зеринро барои расидан ба дигар мақсадҳои таълим низ истифода кардан мумкин аст. Мисолҳо вобаста ба синф ва натиҷаи таълим иваз карда мешавад.

### Курсии сеҳрноки математикӣ

**Шарҳ:** Ин бозӣ имкон медиҳад, ки хонандагон периметри росткунҷа, квадрат ва секунҷаро ҳисоб карда тавонанд.

**Тартиб**:

– Барои мустаҳкам шудани донишҳои хонандагон оид ба мавзӯъҳои гуногун омӯзгор хонандагонро ба давра даъват мекунад;
– Яке аз хонандагон ихтиёран мафҳуми «росткунҷа»-ро интихоб карда, худро ба ҷойи он мегузорад ва ё дар курсии байни давра менишинад;
– Хонандаи дар байни давра нишаста пурра номи «росткунҷа»-ро ба худ мегирад ва нақши онро мебозад;
– Хонандагони дигар бо навбат ба «росткунҷа» саволҳои мувофиқ медиҳанд.

Масалан:
Хонандаи 1:
- Эй росткунҷа, ту чанд тараф дорӣ?
«Росткунҷа»:
- Ман чор тараф дорам.
Хонандаи 2:
- Эй росткунҷа, ту аз секунҷа чӣ фарқ дорӣ?
«Росткунҷа»:
- Секунҷа се тараф ва се қулла дорад, ман бошам, чор тараф ва чор қулла.
Хонандаи 3:
- Эй росткунҷа, периметри туро чӣ тавр ҳисоб карда метавонем?
«Росткунҷа»:
- Барои ёфтани периметри ман дарозии чор тарафи маро ҷамъ кардан лозим аст?
Хонандаи 4:
- Эй росткунҷа, агар дарозиат 5 см ва барат 7 см бошад, пас периметрат чанд мешавад?
«Росткунҷа»:
- Агар дарозиам 5 см ва барам 7 см бошад, пас периметри ман ба 24 см баробар мешавад…..

**Диққат!** Фаъолияти «Курсии сеҳрнок»-ро барои ноил гардидан ба дигар натиҷаҳои таълим низ истифода кардан мумкин аст.

### Периметри фигураҳои маълумро ҳисоб кардан

**Шарҳ:** Фаъолияти мазкур имкон медиҳад, ки хонандагон периметри росткунҷа, квадрат ва секунҷаро ҳисоб карда тавонанд.

*Дарозии гилеми росткунҷа 3 метр, бари он 2 метр мебошад. Периметри ин гилемро ёбед. Формуларо истифода бурда ҳисоб кунед.*

**Тартиб**:
- Дарозиро ба бар ҷамъ кунед.
- Ҳосили ҷамъро ба 2 зарб занед.
- Дарозии гилемро бо ҳарфи лотинии **а** ишора кунед.
- Бари гилемро бо ҳарфи лотинии **в** ишора кунед.
- Периметрро бо ҳарфи калони лотинии **р** ишора кунед.
- Дар формулаи р=(а+в)х2 қиматҳои а ва в –ро гузошта ҳал кунед.

## Дастури мухтасари нақл доир ба адад

**Шарҳ:** Дар синфи чорум барои ҷамъбаст, мустаҳкамкунии дониш, малака ва маҳорат (салоҳият)-и хонандагон доир ба ададҳои бисёррақамаро истифода бурдан мумкин аст.

**Тартиб**:
- Ададро хонед: 6506 (шаш ҳазору панҷсаду шаш).
- Шумораи ҳар як разряди воҳид ва синфро номбар кунед (6 воҳиди разряди якум ё 6 воҳид, 0 воҳид разряди дуюм ё 0 даҳӣ, 5 воҳиди разряди 3-юм ва ё 5 садӣ, 6 воҳиди разряди 4-ум ва ё 6 ҳазор, 506 воҳиди синфи I-ум, 6 воҳиди синфи II -юм).
- Адади умумии ҳар як разряди воҳидро номбар намоед (6506 воҳид, 650 даҳӣ, 65 садӣ, 6 ҳазорӣ).
- Ададро ба суммаи ҷамъшавандаҳои разрядӣ нависед (6506 = 6000 + 500 +6).
- Ададҳои пеш ва баъд аз адади 6506 ояндаро нависед (6505, 6507).
- Аадаҳои хурдатарин ва калонтарин, ки ҳамин қадар воҳид ва синф доранд, нависед (1000, 9999).
- Нишон диҳед, ки барои навиштани ин адад чанд рақам лозим шуд? Чанд миқдораш дигаргун аст? (4 адад, сеи он дигаргун аст).
- Ададҳои хурдтарин ва калонтарини адади 6506, ки бо ҳамин рақамҳо навишта мешавад, нависед (5066, 6650).

## Бозии «Тез гӯй, бехато гӯй»

**Шарҳ:** бозии «Тез гӯй, бехато гӯй» ба монанди тезгӯяк сурат мегирад. Дар ин бозӣ ду нафар хонанда иштирок мекунад.

**Тартиб**:
- Бо супориши омӯзгор як хонанда ададҳои ҷуфти аз 1 то 20 (миқдори ададҳоро зиёду кам гирифтан мумкин)-ро бо навбат такрор кардан мегирад.
- Хонандаи дигаре ададҳои тоқи онро бо навбат такрор мекунад.

**Диққат!** Дар ин бозӣ ҳамон хонанда ғолиб мебарояд, ки супоришро бе ягон монеа, тез, бурро бехато иҷро карда тавонад.

**Бозии «Ададҳоро ёбед»**

**Шарҳ:** Ин бозӣ барои бо тартиб ҷойгир намудани ададҳо ва хондани онҳо ёрии калон мерасонад. Махсусан, бозии мазкур дар синфи якум имкон медиҳад, ки малакаву маҳоратҳо доир ба амалҳои арифметикӣ ташаккул дода шавад.

**Тартиб**:

- Ба аҳли синф 10- то мисол, ки ададҳои аз 1 то 10- ро дар бар мегирад нишон дода мешавад.
- Пас ба назди лавҳи синф хонандагоне, ки дар дасташон ададҳои 1, 3, 5 ва 7 доранд, даъват карда мешаванд.
- Омӯзгор ба аҳли синф рӯ оварда мегӯяд, ки тартиби рақамҳои дар дасти хонандагон будаpo аз назар гузаронида, рақамҳои партофташударо ёбед.

**Бозии[7] «Кӣ тез ва бехато»**

**Шарҳ:** бозии «Кӣ тез ва бехато»-ро бештар дар рафти мустаҳкам намудани дарсҳои гузашта истифода бурдан мумкин аст. Вобаста ба дараҷаи дониши хонандагон ва мазмуни мавзӯи гузашта мисолҳоро интихоб кардан лозим аст. Шарти бозӣ аз тез, бехато, зебо навиштан ва ҳал намудани мисолҳо иборат аст.

**Тартиб**:

- омӯзгор дар тахтаи синф мисолҳоро пешакӣ менависад;
- аз ҳар як қатор як нафари хонандаро назди лавҳи синф даъват мекунад;
- хонандагон мисолҳои дар тахтаи синф навишташударо тез, бехато ва зебо навишта ҳал мекунанд.

*Мисол.* Синфи якум, ҳангоми мустаҳкам намудани ҷамъи ададҳои якрақамаро чунин гузаронидан мумкин аст: се нафар хонандаро назди тахтаи синф даъват карда, мисолҳои зеринро супориш медиҳем:

4+5= 7+3= 4+6=

3+6= 5+2= 3+5=

Хонандае, ки мисолҳоро зебо навишта, аз ҳама пеш ҳал мекунад, ғолиби бозӣ диниста мешавад.

**Бозии «Телефони математикӣ»**

**Шарҳ:** бозии «Телефони математикӣ»-ро бо мақсади мустаҳкам намудани ҷамъ ва тарҳи ададҳо дар доираи 20 гузаронидан мувофиқи мақсад аст. Пеш аз гузаронидани он аз картон модели телефонро омода намудан зарур аст. Одатан бо телефон ду нафар суҳбат мекунанд, яке савол дигаре ҷавоб медиҳад ва баръакс.

**Тартиб**:

---

[7] Бозиҳои дидактикӣ аз дастурҳои "Истифодаи бозиҳои дидактикӣ дар рафти дарсҳои математика", Каримов З., Душанбе – 2007, 34 саҳ. ва Тарабурина Т. Ю. Система дидактических игр на уроках математики в начальной школе, Санкт Петербург – 2009, 20 стр. гирифта мувофиқ гардонида шудааст.

– Омӯзгор барои суҳбат ду нафар хонандаро даъват мекунад. Онҳо суҳбати математикӣ мекунанд: яке аз онҳо доир ба ҷамъи ададҳо савол медиҳад, дигаре мисолро ҳал мекунад ва ҷавобашро мегӯяд.
– Сипас онҳо нақшашонро иваз мекунанд.

*Масалан:* Яке аз хонандагон ба рафиқаш савол медиҳад: суммаи ададҳои 13 ва 5 ба чанд баробар аст. Хонандаи дигар ин мисолро ҳал намуда ҷавоб медиҳад: суммаи ададҳои 13 ва 5 ба 18 баробар аст. Баъд аз он хонандаи дуюм метавонад чунин саволро ба рафиқаш диҳад: тарҳшаванда- 17, тарҳкунанда ба 8 баробар аст. Фарқи ин ададҳоро ёбед. Хонандаи якум ин мисолро ҳал карда ҷавоб медиҳад. Фарқи ададҳои 17 ва 8 ба 9 баробар аст. Баъдан хонандагон ба ду гурӯҳ муттаҳид шуда, байни гурӯҳҳо суҳбати математикӣ мегузаронанд. Хонандагони гурӯҳи якум савол медиҳанд, хонандагони гурӯҳи дуюм ҷавоб. Баъд онҳо нақшашонро иваз мекунанд.

Дар ин бозӣ ҳамон хонанда ё гурӯҳе ғолиб мебарояд, ки ба саволҳои рафиқи худ бехато ҷавоб диҳанд ва ба зудӣ ба ӯ саволи дигаре пешкаш кунанд.

**Самти парвози ҳавопайморо муайян намо!**

**Шарҳ:** бозии «Самти парвози ҳавопайморо муайян намо!» барои мустаҳкам намудани омӯзиши чор амали математикӣ равона карда мешавад. Онро барои синфҳои 1-4 истифода бурдан мумкин аст. Барои иҷрои он ба мо варақаҳои картонӣ, ки дар он расми ҳавопаймо ва амалҳо навишта шудаанд, лозим аст. Дар пушти варақа бо ширеш оҳанрабоbooро часпонидан мумкин аст, ки дар лавҳи синф онро овезон намоем ва ё бо коғази ширешдор низ ин амалро анҷом додан мумкин аст.

**Тартиб**:
– Омӯзгор дар лавҳи синф мисолҳоро пешакӣ омода мекунад;
– Ба назди лавҳи синф се нафар хонандагон (сарнишини ҳавопаймо)-ро аз ҳар як қатор (даста, гурӯҳ) даъват менамояд. Онҳо бояд ҳавопайморо ба тарафи самти нишондода, ки мисолҳо навишта шудаанд равона намоянд. Агар сарнишин ғалат намояд, аъзоёни гурӯҳ метавонанд ба ӯ кумак намоянд.

Расм ҳамчун намуна дар зер пешниҳод мешавад:




**Усули "Пурсиш бо рақам"**

**Шарҳ:** Барои гузаронидани ин усул пешакӣ аз коғаз 6-то доирача бурида тайёр кунед. Дар он рақамҳоро аз 1 то 6 нависед. Ин усулро дар тамоми самтҳои таълим бо назардошти иваз намудани саволу супориш гузаронидан мумкин аст.

**Тартиб**:

- Шаш саволро дар лавҳи синф ё ин ки дар флипчарт менависем.
- Доирачаҳои рақамдорро ба хонандагон тақсим мекунем.
- Аз хонандагон хоҳиш мекунем, ки вобаста ба рақами гирифта ба лавҳи синф нигариста, давоми ҷумларо пурра кунад.
- Баъд аз он муаррифӣ намояд.

Намунаи саволҳо:
1. Барои ёфтани ҷамъшавандаи номаълум.........
2. Барои ёфтани тарҳшавандаи номаълум.........
3. Барои ёфтани тарҳкунандаи номаълум..........
4. Барои ёфтани ҳамзарби номаълум...............
5. Барои ёфтани тақсимшавандаи номаълум.........
6. Барои ёфтани тақсимкунандаи номаълум..........

Ҳангоми омӯзиши ҳалли масъалаҳо дар синфҳои ибтидоӣ фаъолиятҳои таълими хонандагонро бояд бо истифодаи супоришҳои таълимӣ ба роҳ монд, ки барои иҷрои онҳо усулҳои гуногуни методии муайян зарур мешаванд. Супоришҳои таълимӣ хонандагонро барои иҷрои фаъолиятҳои гуногун ҷалб менамояд, ки он малакаҳои амалиро вобаста ба мақсадҳои гузошта ташаккул медиҳад. Вобаста ба ин, дар зер якчанд усулҳоро, ки дар самти таълими ҳалли масъалаҳо истифода бурдан мумкин аст, муфассал баён менамоем.

### Усули муқоиса

**Шарҳ:** Усули муқоиса барои таҳлили матни супоришҳои таълим, ки дар дарсҳои математика оварда шудааст, истифода бурда мешавад. Усули муқоиса бештар ба мустаҳкамкунӣ ва ба системадарории донишҳо, алоқамандии омӯзиши маводи гузашта бо маводи нав, ҷустуҷӯйи хусусиятҳои мафҳумҳо ва қонунятҳо равона шудааст. Ин усулро аз дарсҳои аввали математикаи синфҳои ибтидоӣ оғоз намуда, дар зинаҳои минбаъда истифодаи мустақилонаи он тавсия мешавад.

**Тартиб**:

- Матни масъалаҳои пешниҳодшударо пешакӣ таҳлил намоед.
- Ҷиҳатҳои муқоисашавандаро муайян намуда, супоришҳоро таҳия намоед.
- Сипас, барои иҷрои вазифа хонандагонро мустақилона (дунафарӣ, чорнафарӣ) сафарбар намоед.

Мисолҳо барои истифодаи ин усул.

Матни масъалаҳои пешниҳодшударо муқоиса намо. Онҳо ба ҳамдигар чӣ монандӣ доранд? Бо чӣ фарқ мекунанд?

| | |
|---|---|
| Фарҳод барои «Рӯзи парчам» 15 дона байрақчаи рӯйимизӣ харид, Зумрад бошад 5 байрақча кам. Зумрад чанд байрақчаи рӯйимизӣ харид? | Фарҳод барои «Рӯзи парчам» 15 дона байрақчаи рӯйимизӣ харид, Зумрад бошад 5 байрақча зиёд. Зумрад чанд байрақчаи рӯйимизӣ харид? |

**Диққат!** Мисол барои сарфаҳм рафтани тартиби истифодаи усул пешниҳод шудааст. Тавсия менамоем, ки масъалаҳои гуногунро аз китобҳои дарсӣ вобаста ба ташаккули салоҳиятҳо дар самти мазкур интихоб намуда, дар дарсҳо истифода намоед.

## Усули интихоб

**Шарҳ:** Усули интихоб барои ташаккули малакаҳои асоснок намудани ақидаҳо тавсия мегардад, ки дар он мазмуни супоришҳои математикӣ истифода мешаванд. Ин усул имкон медиҳад, ки моҳияти ташаккули мафҳумҳо, роҳҳои умумии ҳалли амалҳо ва алоқамандии байни онҳо дарк карда шаванд. Раванди иҷрои дилхоҳ масъала бояд мисли «занҷир» ба ҳам пайваст бошад ва хонандагон барои исботи дурустии он воситаҳои гуногунро истифода намоянд.

**Тартиб**:

- Матни масъаларо интихоб намоед.
- Воситаҳои баргузории интихобро таҳия намоед (Барои намуна, дар мисоли 1-ум қадами якум ҷавоби дурусти масъаларо муайян намоед (масъаларо ҳал намоед). Қадами дуюм ба ҷавоби дуруст ду ё зиёда (ду, се, чор) ҷавобҳои наздикро тахминан нависед (чунин шакли кор ба таҳияи супоришҳои тестӣ монанд аст). Қадами сеюм кори амалии хонандагон аст, ки бояд баъд аз интихоб роҳи ҳал, тартиб ва таҳлили ҷавоби дурустро пешниҳод намоянд).
- Сипас, хонандагон мустақилона (дунафарӣ, чорнафарӣ) барои иҷрои вазифа сафарбар мешаванд.

Мисолҳо барои истифодаи ин усул.

1. Интихоби ҷавоби ҳалли масъала

Масъала. 8 кг ордро дар 4 халта баробар бор карданд. Дар ҳар халта чанд қадар орд бор карданд?

Ҷавоби дурустро интихоб намо ва ба зери он хат каш.

1) 2000 г    2) 200 г    3) 20 000 г

2. Интихоби савол, ки ба шарти масъала мувофиқ аст.

Масъала. Дар як қуттӣ 10 қалам ва дар дигар қуттӣ 3 қалам зиёдтар аст.

Саволеро интихоб намо, ки ба ҳалли масъалаи мазкур мувофиқ аст:

1) Дар қутти якум чанд қалам мавҷуд аст?
2) Дар қуттии дуюм чанд қалам мавҷуд аст?
3) Дар қуттии якум нисбат ба дуюм чанд қалам зиёд аст?
4) Дар ду қуттӣ чанд қалам мавҷуд аст?

3. Интихоби ифодаҳо, ки ҳалли масъалаҳо ба шумор меравад

Масъала. Дар рафи якум 9 китоб ва дар рафии 2-юм 8 китоб мавҷуд буд, ки аз он 7 китобашро гирифтанд. Дар ду раф чанд китоб монд?

9 + 7 +8;    (9 + 8) – 7;    (9 - 7) + 8;
9 + (8 - 7);    9 – 8 + 7.

**Диққат!** Ҳамкасбони гиромӣ! Усули мазкурро ба тарзи дигар низ истифода бурдан мумкин аст. Чӣ тавре медонед, дар дастурҳои гуногуни методӣ доир ба методикаи умумии фанҳо усулҳое вомехӯранд, ки онро ба методикаи хусусӣ баргардонидан ва мувофиқ намудан мумкин аст. Дар зер намунаи яке аз онҳоро пешниҳод менамоем, ки аз мисолҳои боло истифода бурда, дар дарсҳо онро истифода бурда метавонед.

## Озодии интихоб

**Шарҳ:** Омӯзгор ба хонандагон барои ҳалли супоришҳои таълим хуқуқи озодии интихоб медиҳад. Дар мисолҳои боло мо се намунаро пешниҳод намудем, ки онро метавонед ҳамчун асос истифода баред. Мисол, омӯзгор ба хонанда вазифаи инфиродӣ ва ё ба ду нафар хонанда як вазифа медиҳад – *аз масъалаҳои пешниҳодшуда якеро интихоб намуда, иҷро намоед.*

**Диққат!** Хотиррасон менамоем, ки Шумо танҳо масъала ва шарти онро пешниҳод менамоед, зеро номгуйи мисолҳои пешниҳодшуда танҳо барои омӯзгор аст. Инчунин, вобаста ба такмили салоҳиятҳо ва самтҳои таълим ин усулро истифода бурда, супоришҳои зайл додан мумкин аст – 2 мисол ва ё 2 муодиларо интихоб ва ҳал кунед…. Дурустии ҳалро дунафарӣ ва ё чорнафарӣ санҷида бинед.

Самараи ин усул дар он аст, ки хонанда ихтиёрӣ ва ғайриихтиёрӣ матни масъалаҳоро аз назар мегузаронад, фикр мекунад, худро меозмояд, арзёбӣ мекунад ва ба интихоби худ масъул мебошанд.

### Усули «Гурӯҳҳои дохилӣ ва экспертӣ»

**Шарҳ:** Усули мазкур барои ташкили корҳои гурӯҳии хонандагон ва таҳлилу таркиб, арзёбии фаъолиятҳои иҷронамудаи худ ва ҳамсабақон манфиатбахш аст. Ин усул дар синфҳои чорум тавсия дода мешавад, дар синфҳои сеюм бошад, танҳо баъд аз шинос шудан ба ҳамаи ҷузъи муодилаҳо.

Ҳангоми иҷрои ин тарзи кор бояд меъёрҳо барои бо тартиби муайян ва пайдарпай иҷро шудани муодилаҳо таҳия карда шаванд. Пайдарпайии зерин бояд чунин риоя карда шавад:

1. Муодиларо хонед
2. Ҷузъи муодиларо муайян кунед.
3. Дар муодила чӣ номаълум аст, муайян кунед.
4. Аз рӯйи қоида тарзи ҳалли муодиларо бо тартиб иҷро кунед.
5. Ба муодила нигариста, таърифашро исбот карда гӯед.

**Тартиб**:

- Шаш муодиларо оид ба ҷузъи муодилаҳо: ёфтани ҷамъшавандаи номаълум, тарҳшаванда, тарҳкунанда, зарбшавандаҳо, тақсимшаванда, тақсимкунандаи номаълум интихоб намоед.
- Онҳоро дар шаш варақаи алоҳида нависед (нусха бардоред).
- Хонандагонро ба шаш гурӯҳи чорнафарӣ муттаҳид намоед.
- Ба хонандагон муодилаҳоро пешниҳод намоед.
- Аз як аъзои гурӯҳ хоҳиш намоед, ки муодиларо ба аҳли гурӯҳ хонанд.
- Сипас, аз гурӯҳҳо хоҳиш намоед, ки муодилаҳоро ҳал кунанд. Пас аз ду-се дақиқаи муҳокима ва ҳалли муодилаҳоро ташкил намоед.
- Аз ҳар гурӯҳ як аъзоро интихоб намуда, онҳоро бо гурӯҳҳои дигар ҳамроҳ кунед (Масалан, намояндаи гурӯҳи 1 ба гурӯҳи 2, намояндаи гурӯҳи 2 ба гурӯҳи 3,

намояндаи гурӯҳи 3 ба гурӯҳи 4, намояндаи гурӯҳи 4 ба гурӯҳи панҷ ва намояндаи гурӯҳи 5 ба гурӯҳи якум равон мегарданд).

- Ба гурӯҳҳо седақиқагӣ вақт диҳед, то тарзи ҳалли муодилаи ҳалкардаашонро ба намояндаи гурӯҳи дигар фаҳмонанд. Аз намояндаи гурӯҳҳо хоҳиш намоед, ки тарзи ҳалли муодилаҳоро пурра гӯш карда, дар хотир гиранд.
- Пас аз се дақиқа намояндаҳои гурӯҳҳоро ба гурӯҳашон баргардонед ва аз онҳо хоҳиш намоед, ки чизи аз гурӯҳи дигар шунидаашонро ба гурӯҳи худ фаҳмонанд. Аъзоёни гурӯҳ ба узви дар гурӯҳи дигар буда оид ба тарзи ҳалли муодилаҳояшон савол медиҳанд.

Дар зер намунаи муодилаҳоро барои амалан намоиш додани ин усул пешниҳод менамоем.

Гурӯҳи 1 (Барои ёфтани ҷамъшавандаи номаълум, аз ҳосили ҷамъ (сумма) ҷамъшавандаи маълум тарҳ карда мешавад). X + 12 = 12

Гурӯҳи 2 (Барои ёфтани тарҳшавандаи номаълум ба фарқ тарҳкунандаро ҷамъ кардан лозим аст). X- 43=27

Гурӯҳи 3 (Барои ёфтани тарҳкунандаи номаълум аз тарҳшаванда фарқро тарҳ мекунем). 53-x=43

Гурӯҳи 4 (Барои ёфтани ҳамзарби номаълум ҳосили зарбро ба ҳамзарби маълум тақсим мекунем). 7*x=63

Гурӯҳи 5 (Барои ёфтани тақсимшавандаи номаълум ҳосили тақсимро ба тақсимкунанда зарб кардан лозим аст).X : 3 = 10

Гурӯҳи 6 (Барои ёфтани тақсимкунандаи номаълум тақсимшавандаро ба ҳосили тақсим тақсим кардан лозим аст). 42: x= 7

### Тамсилаи аёнӣ

**Шарҳ:** Доир ба масъалаи методикаи умумӣ ва тартиби омӯзиши маводи геометрӣ маълумот дошта бошед, доир ба омӯзиши маводи геометрӣ таҳияи матни суҳбат душвор нест. То ба синфи якум омадан хонандагон дар бораи шаклҳо тасавуроти умумӣ доранд, ба мисли аз чап, аз рост, боло, поён ва ғайра. Дар синфи якум омӯзгор як маротибаи дигар тавассути расмҳо, аёниятҳо ин тасаввуротро дақиқ муайян менамояд. Инчунин, дар бораи номи шаклҳои геометрӣ низ тавассути воситаҳои аёнӣ маълумотҳоро мустаҳкам менамояд. Усули мазкур оид ба шаклҳои геометрӣ тасаввуроти одиро дар хонандагон ташаккул медиҳад.

**Тартиб**:

- Бо ҷадвали зерин шинос шавед.
- Тартиби пешниҳоди маводи геометриро тибқи ташаккули салоҳиятҳо ва натиҷаҳои таълими дарс интихоб намоед.
- Маводи заруриро омода намоед.
- Мувофиқи шарҳи пешниҳодшуда амал намоед.

| Шакли геометрӣ | Шарҳ |
|---|---|
| Нуқта | Дар лавҳи синф қисмати охири бӯрро гузоред, дар дафтар бошад, қисмати тези ручкаро. Дар ин ҳолат пай мемонад, ки нуқта ном дорад. |

| | |
|---|---|
| Хат | Пайи бӯр дар лавҳи синф, қалам дар варақ, ришта дар рӯйи миз – хат аст. |
| Хати каҷ | Ду нафар риштаро аз ду тараф медоранд ва он каме моил аст. |
| Хати рост | Ду нафар риштаро сахт медоранд - хати рост ҳосил мешавад. |
| Нур | Риштаи таранг кашидаро мебурем ва аввалашро мегирем, аммо охираш дури дурр меравад. |
| Порча | Риштаи таранг кашидашударо аз ду ҷояш мебурем, порча ҳосил мешавад. |
| Хати шикаста | Арғамчини мулоимро дар шакли порча мегирем ва аз якчанд ҷояш қат менамоем. Хати шикаста пайдо мешавад. |

**Рамзбандӣ**

**Шарҳ:** Хонандагони хурдсол аз фаъолияти бозӣ ба фаъолияти таълим ворид шуда, дониш, малака ва маҳорати худро сайқал медиҳанд. Яке аз бартариҳои ин усул дар он аст, ки диққати хонандагонро ба масъалаи муҳокимашавандаи дарс ҷалб менамояд.

Омӯзгор ахбори дарсро, ки ба баёни мавзӯи дарс вобаста аст, рамзгузорӣ мекунад: ребусҳои калимагӣ месозад, ба формулаҳо, мафҳумҳо номураттабӣ ворид мекунад… Вазифаи хонандагон – кушодани рамзҳо ва муаммоҳост.

**Тартиб**:

- Мафҳумеро, ки барои гузаштани дарси нав зарур аст, дар дафтар нависед.
- Ҳарфҳоро ба ҳар тараф пароканда карда, санҷед, ки сухани қабеҳ ё дағал таҳия нашавад.
- Онро метавонед дар варақаи калон ё дар лавҳи синф бо ҳарфҳои калон навишта, пеш аз оғози мавзӯи нав ба хонандагон муроҷиат намоед: *Кӣ зудтар меёбад, ки мо имрӯз дар бораи чӣ маълумоти нав пайдо менамоем? Аз ҳарфҳои пароканда Шумо калимаи дурустро муайян намоед:*

Мисол.

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| РУН /нур/ | ОФТААРҲ /тарафҳо/ | ЧАРПО /порча/ | АҶУНСЕК /секунҷа/ | ҚАТНУ /нуқта/ |

**Ҷадвалҳои такягоҳӣ**

**Шарҳ:** ҷадвалҳои такягоҳӣ дар мавриди фаҳмонидан таҳия карда мешавад. Вобаста ба мафҳумҳо, матни масъала, формулаҳо ва дигар маводи математикиву геометрӣ ҷадвалҳо, расмҳо, варақаҳо ба таври хулоса пешниҳод мешаванд. Чунин ҷадвалҳоро Шумо метавонед аз китоби Математика (А.А. Ҳамидова, Д.А. Назаров. Математика.

Китоби дарсӣ барои синфи 4-ум. – Душанбе: МТЛ ОРЕС , 2013. 256 саҳ.), ки дар саҳифаҳои 212-226 омадааст, истифода баред. Таҳияи «ҷадвали такягоҳӣ» бештар ба аёниятҳо монанд аст, аммо фарқияташ дар он аст, ки он такягоҳи ақида ба шумор рафта, амали ҳар як нафарро ба таври хос инъикос менамояд. Хонандагон бо истифода аз ҷадвалҳо ҷавоби худро таҳия мекунанд, бо он кор мекунанд. Ин амал имкон медиҳад, ки хонандагон аз азхудкунии механикӣ ва қориазёди қоидаҳо наҷот ёбанд. Онҳо қоидаҳоро аз рӯйи ҷадвали такягоҳӣ амалан таҳия намуда, азхуд мекунанд, супоришҳоро амалан иҷро намуда масъала, мисол ва муодилаҳоро мулоҳизакорона ҳал менамоянд.

**Диққат!** Хотиррасон менамоем, ки ин усулро дар тамоми самтҳои таълим мувофиқ намуда, истифода бурдан мумкин аст. Танҳо аз Шумо малакаву маҳорати мустақилона таҳияи супоришҳои таълим, вобаста ба самтҳову ташаккули салоҳиятҳои фаннӣ ва мутобиқ намудани усули мазкур талаб карда мешавад.

Мисолҳо:

А) Аз қоида истифода бурда, намунаи мисол оред.

| Хосият, қонун, қоида | Намунаи мисолҳо |
|---|---|
| Аз ҷойивазкунии ҷамъшавандаҳо сумма тағйир намеёбад | |

Ҳал:

| Хосият, қонун, қоида | Намунаи мисолҳо |
|---|---|
| Аз ҷойивазкунии ҷамъшавандаҳо сумма тағйир намеёбад | 16 +3 = 3 +16<br>19 = 19 |

Б) Роҳҳои санҷишро нишон диҳед.

| Амалҳо | Мисолҳо | Роҳҳои санҷиш |
|---|---|---|
| Ҷамъ | 26 + 16 = 40 | |
| Тарҳ | 74 – 50 = 24 | |

*Ҳал:*

| Амалҳо | Мисолҳо | Роҳҳои санҷиш |
|---|---|---|
| Ҷамъ | 26 + 16 = 40<br>40 -26 = 14<br>40 -14 = 26 | 1) Агар аз сумма ҷамъшавандаи якумро тарҳ кунем, ҷамъшавандаи дуюм пайдо мешавад.<br>2) Агар аз сумма ҷамъшавандаи дуюмро тарҳ кунем, ҷамъшавандаи якум пайдо мешавад |
| Тарҳ | 74 – 50 = 24<br>24 + 50 = 74<br>74 – 24 = 50 | 1) Агар ба фарқ тарҳкунандаро ҷамъ кунем, тарҳшаванда ҳосил мешавад.<br>2) Агар аз тарҳшаванда фарқро тарҳ кунем, тарҳкунанда ҳосил мешавад. |

В) Хулосаҳоро пешниҳод намоед.

| Амалҳо | Ифодаҳои ададӣ ва ҳарфӣ | Хулосаҳо |
|---|---|---|
| Ҷамъ | 18 + 0 = 18<br>0 + 18 = 18<br>А + 0 = а<br>0 + а = а | |
| Зарб | 6 × 0 = 0<br>с × 0 = 0<br>24 × 2 × 0 = 0<br>0 × 3 × 27 = 0 | |

*Ҳал:*

| Амалҳо | Ифодаҳои ададӣ ва ҳарфӣ | Хулосаҳо |
|---|---|---|
| Ҷамъ | 18 + 0 = 18<br>0 + 18 = 18<br>А + 0 = а<br>0 + а = а | Агар ба адад сифрро ҷамъ кунем дар сумма ҳамон адад ҳосил мешавад |
| Зарб | 6 × 0 = 0<br>с × 0 = 0<br>24 × 2 × 0 = 0<br>0 × 3 × 27 = 0 | Агар яке аз ҳамзарбҳо сифр бошад, ҳосили зарб ҳамеша ба сифр баробар мешавад |

Г) Аз ҷадвали синфҳо ва хонаҳо истифода бурда ададҳои зеринро дар он пур намоед.

| Синфи III- синфи миллионҳо | | | Синфи II- синфи ҳазорҳо | | | Синфи I- синфи воҳидҳо | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| сад млн. | даҳ млн. | як млн. | сад ҳазор | даҳ ҳазор | як ҳазор | садӣ | даҳӣ | воҳид |
| | | | | | | | | |
| | | | | | | | | |
| | | | | | | | | |
| | | | | | | | | |
| | | | | | | | | |

1. 245 ҳазору 132
2. 3 миллиону 178 ҳазору 405
3. ….
4. ……

*Ҳал:*

| Синфи III- синфи миллионҳо | | | Синфи II- синфи ҳазорҳо | | | Синфи I- синфи воҳидҳо | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| сад млн. | даҳ млн. | як млн. | сад ҳазор | даҳ ҳазор | як ҳазор | садӣ | даҳӣ | воҳид |

| | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | 2 | 4 | 5 | 1 | 3 | 2 |
| | | 3 | 1 | 7 | 8 | 4 | 0 | 5 |
| | | | | | | | | |
| | | | | | | | | |
| | | | | | | | | |

1. 245 ҳазору 132
2. 3 миллиону 178 ҳазору 405
3. ….
4. ……

**Самти «Бузургиҳо»**

Намунаи мисол бо истифода аз **«Ҷадвали намунавӣ»** дар самти таълими бузургиҳо:

Ба сутунҳои мувофиқ ҷой кунед: мм, гр, см, дм, кг, м, км, сентнер, тонна, сония, дақиқа, соат, моҳ, шабонарӯз, сол, аср).

| Ченакҳои вақт | Ченакҳои вазн | Ченакҳои дарозӣ |
|---|---|---|
| | | |
| | | |

Ҳал:

| Ченакҳои вақт | Ченакҳои вазн | Ченакҳои дарозӣ |
|---|---|---|
| Соат, дақиқа… | Тонна, грамм… | См, м, дм…. |
| | | |

**Пурсиш аз рӯйи варақаи назорати формулаҳо[8]**

**Шарҳ:** Варақаи назорати формулаҳоро хонандагон дар рафти омӯзиши маводи таълимӣ дар давоми сол пур мекунанд. Ин тарзи корро махсусан аз синфҳои 3-юм оғоз намуда, то ҷамъбасти синфи 4-ум идома додан мумкин аст. «Варақаи назорати формулаҳо»-ро дар дарсҳои ҷамъбастӣ истифода намудан тавсия мегардад. Дар ин ҳол шарт нест, ки мо формулаҳоро аз рӯйи пайдарпайи омӯзиш тасниф намоем.

Бартарии ин усул дар он аст, ки хонандагон масъалаҳои асосиро оид ба қонуниятҳои математикӣ азхуд намуда, дар мавриди пурсиш ба ёд меоранд. Инчунин, хонандагон дар дарс ба тарзи фаврӣ ва одӣ ҳамдигаромӯзӣ ё худ машқ (тамрин)-и тарафайнро ташкил менамоянд.

Тартиб:

Гунаи 1. Кор бо хонандагони сустхон

Омӯзгор рақами як ва ё якчанд гурӯҳи формулаҳоро номбар мекунад. Ҳангоме ки хонандагон омодагӣ мегиранд аз маҷмӯи формулаҳои номбаршуда омӯзгор як-як ба хонандагон нишон медиҳад ва хонандагон бо навбат ба онҳо ҷавоб медиҳанд:

[8] Аз Гин А.А. «Приемы педагогической техники». М. 2006 – 112 с. истифода ва мутобиқ карда шудааст.

– барои чӣ ин формула таъин шудааст?
– дар кадом мавридҳо ин формула истифода мешавад?...

Гунаи 2. Назорати тарафайни дунафариҳо

– Ба хона вазифа супорида мешавад – аз ҳар як банди формулаҳо яктогӣ интихоб намоед, ки ба он беҳтар сарфаҳм меравед. Оид ба ҳар кадоми онҳо мисолу масъалаҳо таҳия намоед.
– Дарс аз он шуруъ мешавад, ки хонандагон дар вақти ҷудошуда супоришҳои ҳамсабақони худро ҳал мекунанд. Сипас, ҷавобҳои додашударо санҷида таҳлил мекунанд.

Гунаи 3. Назорати байниҳамдигарии чорнафариҳо

Ду-се дарс пештар назорати байниҳамдигарӣ супориш дода мешавад: дунафарӣ аз рӯи ду формула масъалаҳо таҳия намоед.

– хонандагон дунафарӣ масъалаҳои худро иваз мекунанд.
– корҳои ҳамдигарро месанҷанд.

Гунаи 4. Худташхискунӣ

– хонанда ба худ баҳо медиҳанд: кадом формулаҳоро хуб медонам, кадоме аз онҳоро фаромӯш кардаам.
– минбаъд кори дунафарӣ ва гурӯҳӣ мувофиқи шавқу завқ ва талабот доир мегардад.

**Проблема, амал, натиҷа**

**Шарҳ:** Мехоҳед, тамоми синфро фаъол гардонед? Пас барои ду нафар ё гурӯҳи чорнафара як мушкилотро пешниҳод кунед? Кор ҳамон вақт самаранок мегардад, агар дар баробари ин дар лавҳи синф барои ҳар як мушкилот диаграммаҳо сохта шаванд. Ин имкон медиҳад, ки 3-4 нафар муттаҳид шуда, сари масъалае фаъолият намоянд. Кор бо диаграммаҳо ва ҷадвалҳо шавқу ҳаваси хонандагонро нисбати омӯзиш бештар менамояд. Яке аз муҳимияти ин усулҳо дар он аст, ки ҷустуҷӯй ва дарёфти роҳҳои ҳалли онро аз ҷониби муҳассилин ба миён меорад. Чуноне ки Дистервег гуфта буд: «Омӯзгори ноӯҳдабаро ҳақиқати тайёрро ба хонандагон медиҳад, омӯзгори хуб роҳҳои ҷустуҷӯйи онро ёд медиҳад».

Тартиб:

– Ҷадвали зеринро дар варақаи алоҳида ва ё лавҳи синф тасвир намоед ва дар сутуни якум мушкилот/проблемаеро нависед.

| Проблема | Амал | Натиҷа |
|---|---|---|
| Тарафи квадрат 95 см аст. Периметри ин квадратро ёбед. Натиҷаро бо метр ва сантиметр ифода кунед. | | |

- Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки дар гурӯҳҳо ва ё инфиродӣ амалҳоро бо исбот навишта дар сутуни дуюм ҷавоб нависанд.
- Таъкид намоед, ки ҳалли ин гуна мисолу масъала аксар вақт ба мушкилот монанд аст ва ҳалли он танҳо тавассути амалҳои мушаххас иҷро кардан мумкин аст.
- Сипас, амалҳоро дар сутуни дуюм навишта, натиҷаи амалро дар сутуни сеюм пур намоянд (ниграед ба ҷадвали зерин)

| **Проблема** | **Амал** | **Натиҷа** |
|---|---|---|
| Тарафи квадрат 95 см аст. Периметри ин квадратро ёбед. Натиҷаро бо метр ва сантиметр ифода кунед. | Периметри квадратро бо ду тарз ҳисоб кардан мумкин аст. Дарозии чор тарафи квадратро ҷамъ кардан мумкин аст: 95+95+95+95=380 см. Тарафҳои квадрат баробаранд аз ин рӯ як тарафи квадратро ба 4 зарб кардан қулай аст.95.4=380 см | Ҷавоб: периметри квадрат ба 3м 80 см баробар аст. |

**Рӯзномаи дубахша**

**Шарҳ:** дар асл «Рӯзномаи дубахша»-ро ҳангоми хондан аз матн иқтибос меоранд. Иқтибос метавонад далелҳои шавқовар, калима ё ибора бошад. Дар муқобили ҳар як иқтибос шарҳ навишта мешавад. Аммо, чӣ тавре мо медонем вобаста ба мақсад ва фанни мушаххас онро таввасути роҳҳои дигаргун намудан низ истифода бурдан мумкин аст. Дар мисоли зерин мо "Рӯзномаи дубахша"-ро барои шарҳи формулаҳо истифода намудем, ки он чунин истифода бурдан мумкин аст:

**Тартиб**:

- Саҳифаи дафтар ба ду бахш (қисм)-и баробар тақсим мешавад. Ба хонандагон супориш диҳед, ки дар қисмати аввал супоришҳои пешниҳодкардаи Шуморо нависанд.
- Дар сутуни рост хонандагон ба супоришҳои таҳиякардаи Шумо ҷавоб ва ё шарҳи худро пешниҳод менамоянд.

**Диққат!** Ин усулро дар тамоми самтҳои таълим мувофиқ намуда, истифода бурдан мумкин аст. Бояд қайд намуд, ки дар қисмати рост бояд муносибати хонандаро ба маводи хонда нишон диҳад, вале вобаста ба фан мақсадҳои шарҳдиҳӣ метавонанд чунин вазифаҳоро низ дар бар гирад:

- мавқеи хонандаро (тарафдор – муқобил);
- ҳиссиёт, баён кардани муносибати худро ба матни масъалаҳо;
- саволҳои ба маводи хонда алоқамандро;
- фаҳмонидани ҷараёни ҳалли мисолу масъалаҳоро;
- баҳодиҳӣ дар асоси таҷрибаро.

Мисол:

| Супоришҳо | Ҷавоб ва шарҳи супоришҳо |
|---|---|

| | |
|---|---|
| Формулаи суръатро нависед ва шарҳ диҳед. | |
| Формулаи ёфтани масофаро нависед ва шарҳ диҳед. | |
| Формулаи ёфтани вақтро нависед ва шарҳ диҳед. | |

Ҳал:

| Супоришҳо | Ҷавоб ва шарҳи супоришҳо |
|---|---|
| Формулаи суръатро нависед ва шарҳ диҳед. | V= S : t<br>Барои ёфтани суръат масофаро ба вақт тақсим кардан лозим аст. |
| Формулаи ёфтани масофаро нависед ва шарҳ диҳед. | S= V · t<br>Барои ёфтани масофа суръатро ба вақт зарб мекунем. |
| Формулаи ёфтани вақтро нависед ва шарҳ диҳед. | t= S:V<br>Барои ёфтани вақт масофаро ба суръат тақсим кардан лозим аст. |

**Кор бо диаграмма**

**Шарҳ:** Барои кор бо маълумот аз одитарин амалҳо истифода бурдан лозим аст. Яке аз роҳҳо ҳалли масъалаҳо тавассути диаграммаҳо мебошад. Дар зер барои шиносоӣ бо диаграммаҳоро масъалае пешниҳод мегардад, ки он тавассути муқоиса, таҳлил ва шиносоӣ бо диаграмма ҳал карда мешавад.

**Тартиб**:

- Масъаларо пешниҳод кунед (Духтарча аз падараш 8 маротиба хурд, аз модараш 6 маротиба хурд ва аз бародараш 2 маротиба хурд аст. Дар расми зерин, ки диаграмма ном дорад, истифода бурда, ба саволҳои зерин ҷавоб омода намо:
- Духтарак чандсола аст?
- Падараш чандсола аст?
- Модараш чандсола аст?
- Бародараш чандсола аст?)
- Муқоиса кор бо диаграмма ва таҳлил.
- Кадоме аз ин расмҳо бо матн мувофиқ аст ва чаро? Шарҳ диҳед.
- Аз диаграммаи якум истифода бурда, саволҳои дигар тартиб диҳед.
- Дар асоси диаграммаи дуюм ҳамин гуна масъала тартиб диҳед.




**Диққат:** дар стандарти фанни математика самти "Коркарди маълумот" ворид карда шудааст, ки омӯзгорон ва хонандагон бо он бори аввал шинос мешаванд. Аз ин рӯ, омӯзгорро зарур аст, ки дар мавриди аввал тарзи ҳалли масъаларо ба воситаи диаграмма шарҳ диҳад.

# IV. Методикаи таълими фанни “Табиатшиносӣ”

## 4.1. Таълими малакаҳои мушоҳида, таҷриба ва таҳлил.

Табиат ҳамеша либоси нав дар бар мекунад. Вай бо қувваи ақлу заковати мардум сол то сол дигаргун мешавад. Баробари иваз шудани фаслҳои сол табиат низ тағйир меёбад, ки ин аз назари кӯдакон пинҳон намемонад.

Мушоҳида дар таълими табиатшиносӣ нақши хеле муҳим бозида, барои рушди малакаҳои мушоҳидакорӣ, муқоисакунӣ, таҳлил ва хулосабарории хонандагон кӯмак мерасонад.

Мушоҳида ҳамон вақт аҳамияти таълимӣ пайдо мекунад, ки агар омӯзгор онро дуруст ба нақша гирад, гузаронад ва ҷамъбаст намояд. Ин ба ташаккули ҷаҳонбинии илмии хонандагон таъсири мусбат мерасонад.

Асосан хонандагони хурдсол дар мактаб бо мушоҳидаҳои зерин дучор мешаванд:

– мушоҳидаи тахта (лавҳа)-и синф (дар он чӣ навишта мешавад?);
– мушоҳидаи аёниятҳои таълимӣ (онро омӯзгор чӣ тавр намоиш медиҳад?);
– мушоҳида дар асоси супориши махсуси омӯзгор.

Мушоҳида дар дарсҳои табиатшиносӣ яке аз қисмҳои таркибии кори таълимӣ ба шумор меравад. Пеш аз ҳама, ду навъи мушоҳидаи таълимиро фарқ кардан лозим аст:

Ашё ва ҳодисаҳои омӯхташавандаро дар шакли табииашон мушоҳида кардан;

Зимни таҷриба ҳодисаҳои омӯхташавандаро ба таври сунъӣ ба вуҷуд оварда, мушоҳида намудан.

Ин ду шакли мушоҳидаро дар дарс ва ё берун аз он вобаста ба шароити мактаб ва маҳал ташкил кардан мумкин аст.

Мушоҳидаи таълимӣ чунин мушоҳидаест, ки онро худи хонандагон аз рӯи супориши муаллим иҷро мекунанд. Саволҳо бояд хонандагонро барои муайян кардани хосият ва ҷиҳатҳои муҳими чизи омӯхташаванда ба фикр кардан водор намоянд.

Дар омӯзиши табиатшиносӣ чунин мушоҳидаҳоро ба роҳ мондан мумкин аст:

– хазоншавии барги дарахтони маҳал ва қайди онҳо дар дафтари «Мушоҳидаҳо аз табиатшиносӣ»;
– ҳарорати баландтарини шабонарӯз;
– боди шадидтарини фасли сол;
– хелҳои боришот дар фаслҳои сол;
– кори занбӯри асал ва захираи зимистонаи он;
– паррандаҳои мавсимӣ ва муқимии маҳал;
– сабзиши майсаи гандум;
– фарқи байни алаф, бутта ва дарахт;
– бориши аввалини барфи сол;
– кушодашавии муғчаҳои растанӣ;
– дар кадом ҳарорат ба кор шуруъ кардани мӯрчаҳо;
– лонасозии паррандаҳо;
– пухтани меваи растанӣ;

- хӯрокдиҳии паррандаҳо ба чӯҷаҳояшон;
- вазъи экологии маҳал ва ғайра.

Объекти мушоҳида бояд мувофиқи фаслҳои сол интихоб гардад. Мушоҳидаро дар давоми як дарс, ҳафта, моҳ ва ҳатто то охири сол ба роҳ мондан мумкин аст. Вобаста ба талаботи барнома ва имконоти шароити маҳал омӯзгор бояд пешакӣ ҷой ва ашёву ҳодисаҳои мушоҳидашавандаро интихоб намуда, натиҷаи онро муайян кунад. Ҳангоми мушоҳида хонандагон на танҳо чизеро мебинанд, балки бо хусусияту сохти он шинос мешаванд.

Мушоҳидаи табиат узвҳои ҳисро инкишоф дода, ба қобилияти дарккунии хонандагон мусоидат менамояд. Аз тарафи дигар, мушоҳида имкон медиҳад, ки хонандагон таҳлил кунанд, сабабҳои бо ҳам алоқамандии ашёву ҳодисаҳоро муайян ва аз худ намоянд.

Ба хонандагон дафтари махсуси мушоҳидаҳо зарур аст. Онҳо дар рафти мушоҳида мувофиқи супориши омӯзгор ҳодисаи табиӣ ё дигар объекти мушоҳидашавандаро омӯхта, натиҷаҳоро дар дафтар қайд мекунанд. Натиҷаи мушоҳидаҳо дар «Дафтари мушоҳидаҳо аз табиатшиносӣ» ҳар рӯз, ҳар ҳафта, ҳар моҳ ва дар давоми сол қайд карда мешаванд.

***Мушоҳида, таҷриба ва таҳлил*** бо ҳам зич алоқаманд мебошанд. Бе ба роҳ мондани мушоҳида, дар таълими табиатшиносӣ гузаронидани таҷриба ва таҳлили натиҷаҳои он ғайриимкон аст. Ҳамин тариқ, мушоҳидаро метавон ҳамчун усули гузаранда байни таҷриба ва таҳлил ҳисобид. Яъне, аввал бояд мушоҳида гузаронида шавад, баъд таҷриба ва таҳлил.

Гузаронидани ҳама гуна мушоҳида бояд иҷрои пай дар пайи марҳилаҳои зеринро дар бар гирад:

- Марҳилаи омодагӣ – гузоштани вазифа, проблема ва мушаххас намудани мушоҳида; интихоби вазъият ва объекти мувофиқ.
- Ҷамъ кардани диққати хонандагон ба объекти омӯзиш.
- Тадқиқ ва таҳлили объекти мушоҳида, ки ба коркард ва такмилдиҳии роҳҳои омӯзиши объект равона шудааст. Дараҷаи муайяни кӯмаки омӯзгор барои азхудкунии маводи омӯхташаванда.
- Марҳилаи хотимавӣ – ҷамъбасти натиҷаҳо, мустаҳкамкунии тасаввуроти андӯхташуда оид ба объекти омӯзиш ва роҳҳои тадқиқи он, гирифтани таасуроти хонандагон аз кори анҷомдодашуда.

Ба роҳ мондани таҷриба (тадқиқ) аз марҳилаҳои зерин иборат аст:

Марҳилаи омодагӣ. Он аз ду қисм иборат аст:

а) барои омӯзгор – тафтиши таҷҳизот, муайян кардани миқдори зарурии он, гузаронидани пешакии таҷриба;

б) барои хонандагон – ҷалби таваҷҷӯҳи хонандагон ба аз нав ба вуҷуд овардани ҳодисаи табиии муайян, гузоштани вазъияти проблемавӣ ва бо иштироки хонандагон интихоб намудани таҷҳизоти лозимӣ, дастур додан, муайян кардани мавзӯъ, мақсад, нақшаи гузаронидан ва муаррифии натиҷаҳои таҷриба, пешниҳоди фарзияҳо.

Гузаронидани таҷриба. Ин марҳила аз тасвияти мақсад, муайян кардани вазифаҳои мушаххас, ба қайд гирифтани таҷҳизот ва ҷою шароити гузаронидани таҷриба, дастурдиҳӣ ва иҷрои қадам ба қадам, яъне мушоҳида.

Таҳлили натиҷаҳои бадастомада. Хотиррасон намудани мақсадҳо, таҷҳизот, пайдарҳамии иҷроиши амалҳои таҷриба, хулоса ва асосноккунии назариявӣ.

Ҳамин тариқ, мушоҳида, таҷриба ва таҳлил бо ҳам алоқаманд буда, гузаронидани ҳар як таҷрибаро мушоҳида ҳамроҳӣ мекунад. Барои мисол дар поён якчанд намунаи таҷрибаҳои оддиро пешниҳод мекунем, ки истифодаи онҳо дар дарсҳои "Табиатшиносӣ" (Олами атрофи мо) шавқи бачаҳоро нисбати ин фан зиёд карда, дар онҳо қобилиятҳои мушоҳидакорӣ, таҳлил ва хулосабарориро рушд медиҳад. Баъзе таҷрибаҳои овардашуда барои омӯзиши фанҳо дар синфҳои болоӣ таҳкурсиро ба вуҷуд меоранд ва баъзеи онҳо дар ҳаёти бачаҳо кор меоянд.

Намунаи таҷрибаҳо:

**Таҷриба бо танга ва пуфак.**

Лавозимот:

1 дона пуфак

тангаи металӣ

Тартиб:

1. Тангаро ба дохили пуфак андозед.
2. Пуфакро дам кунед.
3. Даҳони пуфакро бо ришта бандед.
4. Бо як дастатон аз тарафи ришта басташудаи пуфак доред ва онро якчанд маротиба давр занонед.
5. Баъд аз чанде танга дар дохили пуфак ба даврзанӣ медарояд.
6. Бо дасти дуюматон аз поёни пуфак доред ва онро дар ҳолати беҳаракат нигоҳ доред.
7. Танга боз тахминан 20-30 сонияи дигар дар дохили пуфак давр мезанад.



*Шарҳи таҷриба:*

Ҳангоми даврзании ашё қувваи махсус ҳосил мешавад, ки онро қуваи марказгурез меноманд. Албатта ягон вақт шумо ба чархофалак савор шудаед ва ҳис кардаед, ки ҳангоми даврзании он шуморо кадом қуввае ба берун тела медиҳад. Ин қувваи марказгурез аст. Вақте, ки шумо пуфакро давр мезанонед, ба танга ҳамин қувва таъсир мекунад ва онро ба девори дарунии пуфак тела медиҳад. Дар айни замон ба танга худи пуфак тасир карда, қувваи марказшитобро ба вуҷуд меорад. Дар натиҷаи таъсири ин ду қувва, танга маҷбур мешавад, ки дар дохили пуфак давр занад.

**Дастшӯяк аз зарфи оддӣ**

Лавозимот барои гузаронидани таҷриба:

- зарфи холии пласмассагии даҳонакдор (баклашкаи кола, фанта ва ғ.),
- банд (риштаи мустаҳкам),
- сӯзани ғафс ё мехи борик,
- гӯгирд.

Тартиб:



1. Мехро дар оташ гарм кунед.
2. Бо мехи тафсон аз таги зарфи пласмассагӣ, оҳиста як сӯрох кунед.
3. Бо ангушти даст сӯрохро дошта, зарфро аз об пур кунед ва даҳонашро маҳкам кунед.
4. Аз қисми гарданаи зарфи обдор бо риштаи ғафс бандед ва онро ба ягон шохи дарахт ё ашёи дигар бандед. Агар даҳони зарф маҳкам бошад, об аз сӯрох намерезад.
5. Дастшӯяки мо тайёр шуд. Агар даҳони зарфро каме тоб дода кушоем, аз сӯрохи зери зарф об ҷорӣ мешавад. Шумо метавонед дасту рӯятонро бемалол шӯед.

*Шарҳи таҷриба.*

Зарфи пластикӣ ба назари мо холӣ намояд ҳам (то аз об пур кардани он), дар асл он аз ҳаво пур аст. Вақте, ки ба он об пур мекунем, молекулаҳои ҳаво аз даҳони зарф ба берун хориҷ шуда, ҷои ҳаворо об ишғол мекунад. Мо ин ҳодисаро бо чашм дида наметавонем, чунки ҳаво беранг аст.

Гарчанде зарф аз қисми поён сӯрох карда шуда бошад ҳам об аз он намерезад. Сабаб дар он аст, ки даҳони маҳками зарф намегузорад, ки ҳаво ба он дохил шавад ва обро ба ҷорӣ шудан маҷбур кунад. Вақте, ки шумо даҳони зарфро мекушоед, ҳамон лаҳза ба зарф ҳаво дохил мешавад ва обро маҷбур мекунад, ки аз сӯрохии зери зарф ҷорӣ шавад.

**Тухми растанӣ зӯр будааст!**

Лавозимот:

- халтачаи латагӣ
- зарфи шишагин (банка)
- тухми нахӯд

Тартиб:

1. Ба дохили халтачаи латтагӣ як миқдор тухми нахӯдро андохта, даҳонашро сахт мебандем.
2. Халтачаро ба зарфи шишагини обдор меандозем.
3. Рӯзи дигар мебинем, ки халтача кафидааст.

*Шарҳи ҳодиса.*

Тухми растаниҳо дар об варам мекунад. Яъне тухмӣ обро ба худ меҷаббад. Вақте, ки мо тухмиҳои хушкро ба халтача андохтем андозаи онҳо хурд буданд. Баъди дар об тар кардани онҳо тухмиҳо варам карданд ва ба халтача фишор оварда, онро кафонданд. Пас маълум мешавад, ки қувваи варамкунии тухми растаниҳо зӯр будааст.

## Хаспоя - қатрачакон

*Лавозимот:*

- хаспоя (хаснайча аз ҷав, гандум, ё хардума)
- 2 дона стакон
- об

Тартиб:

Ду стаконро паҳлӯи ҳам мегузорем.
Ба яке аз стаконҳо об мерезем ва дигарашро холӣ мегузорем.



Хаснайчаро ба дохили стакони обдор мегузорем ва нӯги болоии онро бо ангуштамон маҳкам мекунем.



Хаснайчаро ба болои стакони холӣ оварда, ангуштро аз нӯги он мегирем – об ба стакони холӣ мерезад. Агар ин корро якчанд маротиба такрор кунем, мо метавонем обро аз як стакон ба дигараш гузаронем.



*Шарҳи таҷриба.* Дар дохили хаснайча ҳаво мавҷуд аст. Вақте ки найчаро ба дохили стакони обдор мегузорем, об ҳавои дохили найчаро ба берун тела дода, ҷои онро ишғол мекунад. Дар ҳолати бо ангушт маҳкам кардани нӯги муқобили найча, дигар аз боло ҳаво ба дохили найча намедарояд ва об аз дохили он рехта наметавонад. Баъд аз гирифтани ангушт, ҳаво ба найча дохил шуда, об аз он мерезад.

**Чаро шиша кафид?**

*Лавозимот:*

- зарфи шишагин
- сарпӯши мустаҳкам барои зарф
- об

Тартиб:

1. Обро дохили зарфи шишагин мерезем.
2. Даҳони шишаи обдорро бо сарпӯш маҳакам мекунем ва дар ҷои хунук (ҳарорат аз 0 паст бошад) мегузорем.
3. Баъд аз якчанд соат (5-6 соат) мебинем, ки зарфи шишагин кафидааст.



*Шарҳи ҳодиса.*

Яке аз хосиятҳои об ҳангоми ях кардан васеъ шудани он мебошад. Вақте, ки оби дохили зарф ях кард дар дохили зарф барои вай ҷой тангӣ кард ва ба деворҳои шиша фишор овард. Деворҳои шиша ба таъсири ин фишор тоб наовард ва кафид (шикаст).

## 4.2. Омӯзиши системавӣ дар таълими табиатшиносӣ

Малакаҳо ва афзалиятҳои фикрронии системавиро ба ҳисоб гирифта, ба стратегҳои чинӣ ва системаи фалсафии Конфутсий «амиқтар фикр кунед!»–ро ба миён овардааст, хонандагонро барои комёб шудан бояд равона намуд.

Малакаҳои фикрронии системавӣ барои ҳар касе, ки бомуваффақият барои худ ва дигарон кор кардан мехоҳад, заруранд.

Мисоли аз ҳама равшани он, ки малакаҳои фикрронии системавӣ на танҳо дар ҳаёти шахсӣ, инчунин дар фаъолияти системавӣ лозим мешаванд, идораи ҷараёни дарс ҳамчун система аст. Баъзан аз назар дур мондани ягон унсури номаълум, камаҳамият метавонад боиси дарки нодурусти хонандагон гардад. Аз ин хотир омӯзгор тамоми самтҳои таълимиро фаро гирад.

Муносибати системавиро истифода карда, омӯзгор дар хонандагон чунин малакаҳоро ташаккул диҳад:

- воқеаҳои асосиро ҳангоми тасвири зуҳурот, далелҳо, ҷудо кардан;
- қисмҳои асосиро пайдо карда, робитаи миёни онҳоро муқаррар кардан;
- бо навъҳои гуногуни маълумот кор кардан;
- тағйири зуҳурот, воқеаҳоро дар фосилаи вақт пешбинӣ карда тавонистанро меомӯзонад.

Инсон аз ибтидо табиатан ***мушоҳидакор*** аст**.** Тадқиқи якбора, ғайриихтиёр ба ҳар инсон хос аст. Аввалан, рағбат ба тадқиқот кунҷкобӣ аст. Кӯдакон мушоҳидачиёни бисёр хубанд, аммо онро дуруст шарҳ дода наметавонанд. Онҳо ҳодисаҳоро зуд ба хотир мегиранд, аммо на ҳамеша хулосаи дуруст мебароранд. Барои ислоҳ кардани ин

зиддияти табиӣ таълими системавӣ ёрӣ мерасонад. Мақсади он додани маълумот (зуҳурот, ҳодиса)-и нав аз тарафи хонандагон, на аз тарафи олимон аст. Услуби кори илмӣ-маърифатӣ ба хонанда имкон медиҳад, ки *принсипҳои* гузориши ҳадафҳои тадқиқот, методҳои мушоҳида ва тасвир (бо ёрии калима ва навиштор)-ро дар таълими табиатшиносӣ *аз худ кунад* ва робитаҳои сабабу натиҷаро дарк намояд.

Олами инсонӣ, аз системаи бузурге иборат буда, аз системаҳои зиёди мураккаб таркиб ёфтааст. Маҳз барои ҳамин зарур аст, ки ба кӯдакон ба тарзи ситемавӣ фикр карданро омӯзонем то онҳо ягонагии оламро дарк намоянд.

Барои ин лозим аст, ки принсипҳои асосии таҳлили системавиро ҳар як омӯзгор донад. Таҳлили системавӣ имконият медиҳад, ки қоидаҳои умумӣ, принсипҳо ва қонуниятҳое, ки бо он объектҳои мавриди омӯзиш инкишоф меёбанд (масалан, ҳодисаҳои табиӣ), муайян карда шавад.

Шумораи зиёди системаҳо вуҷуд дорад, ки аз ҳамдигар бо хусусият, сохт ва пайдоиши худ фарқ мекунанд. Сарфи назар аз ҳамаи фарқҳо ҳар як система як чизи кулл буда, аз қисмҳо иборат аст. Система дорои хусусиятҳои муайян аст ва вазифаҳои муайянро иҷро мекунад. Системаҳо бо мурури замон тағйир меёбанд. Тағйир ва рушди система тарафҳои мусбат (+) ва манфӣ (-) дорад.

Бинобар ин дар ҳар як система ҷиҳатҳои умумии зиёде мавҷуданд. Агар мо ин ҷиҳатҳоро муайян намоем ва онҳоро донем, дар ҳолати хеле мусоид қарор мегирем ва то саршавии тадқиқоти системаҳои муайян мо дар бораи он чизи бисёреро медонем. Ҷолиб будани муносибати системавӣ дар ҳамин аст.

Барои он ки чӣ будани фикррونии системавиро дарк намоем, якчанд мисоли муносибати ғайрисистемавӣ ё фикррونии системавиро пешниҳод мекунем.

- Хушкшавии фоҷианоки баҳри Арал якбора ба амал наомада, дар натиҷаи он рӯй дод, ки барои обёрии заминҳои пахта аз дарёҳои Аму ва Сир, харҷи обро аз бухоршавии табиӣ ва дигар талафшавиҳои зиёди об ба назар нагирифта оби зиёдеро мегирифтанд. Ба ҳисобу огоҳиҳои олимон ва мутахассисон гӯш надоданд. Ин мисоли хатои системавӣ мебошад.
- Сохтмони нерӯгоҳҳои барқии атомӣ, бе ҳалли масъалаҳои гӯронидани партовҳои ядрой-мисоли муносибати ғайрисистемавӣ аст.

Агар одамон аз кӯдакӣ фикррونии системавиро аз худ мекарданд, эҳтимол ба бисёр хатоҳо роҳ намедоданд.

Истилоҳҳои *фикррونии системавӣ, таҳлили системавӣ ва муносибати системавиро* барои осонфаҳмӣ, *калимаҳои ҳаммаъно ҳисоб мекунем,* ки муносибатҳои умумиро (методология) нишон медиҳанд.

Аз нуқтаи назари муносибатҳои системавӣ (фикрронӣ), *элементҳое,* ки ба системаи мазкур дохил мешаванд, *бояд ҳам худ ба худ ва ҳам вобаста ба дигар объектҳо ва падидаҳо* дида баромада шаванд. Ҳеҷ як мавҷудоти зинда, ҳеҷ як коллектив, ҳеҷ як мошина бе робита бо муҳити атрофи худ вуҷуд дошта наметавонад. Аммо тасвир кардан ва ба ҳисоб гирифтани ҳамаи робитаҳо амалан ғайриимкон аст. Фақат *қисмҳои аз ҳама муҳим ва робитаҳои мустаҳкамро,* ки *ба хусусиятҳо ва вазифаҳои системаҳо* таъсири зиёд мерасонанд,

ҷудо намудан басанда аст. Барои ҳамин мақсади муайян мафҳуми муносибати системавӣ истифода карда мешавад.

Таҳлили ибтидоии системаҳо ба қадри *имкон бояд сода бошад*. Вай бояд тамоми *қисмҳои махсусан муҳими* системаҳои тадқиқшаванда, *вазифаҳои махсусан муҳим* ва *робитаҳои махсусан муҳим,* ҳам дохили система ва ҳам берун аз онро дар худ дошта бошад. Аммо чунин унсурҳо, ки барои тадқиқоти муфассали оянда интихоб карда мешаванд, бояд шумораи маҳдуд дошта бошанд. Масалан, на зиёда аз 4-5 қисм, 2-3 вазифа ва 4-6 алоқа, баибораи дигар, *маҳорати ҷудо намудани чизи асосӣ* аз ҳамин иборат аст.

***Муносибати системавӣ – усули маърифат.*** Кор карда баромадани мундариҷаи омӯзишии фанҳои мактабӣ дар асоси фикррониии системавӣ *имкон фароҳам меорад, ки обекти* (падидаи, қонуни, қоидаи) *омӯзишро дар назар (аёнӣ) тасаввур кунед*. Дар натиҷаи ин на танҳо объект дида мешавад, балки ҳамзамон *зерсистемаҳо ва системаҳое, ки ба он дохил аст, мушоҳида мешаванд. Ҳамкорӣ ва робитаи мутақобила дар байн ва дар дохили системаҳо* дида ва омӯхта мешаванд. *Дар натиҷа ин ба ташаккули тасвири дунёи системавӣ оварда мерасонад.*

Истифодаи воситаҳои тасвирии гуногун (графикҳо, нақшаҳо, ҷадвалҳо, диаграммаҳо) ҳангоми ***омӯзиши система фикррониии тасаввурӣ-тахайюлро ривоҷ медиҳад.***

Истифодаи муносибати системавӣ барои ба ***кашфиёти хурд*** *мубаддал кардани* дарс *ва бедор намудани зарраи истеъдод дар ботини ҳар як кӯдак* имкон медиҳад. Ҳатто *муваффақиятҳои хурд* дар дарки дунё ва худи шахс раванди омӯзишро беҳтар мекунанд.

Боз як бартарии муҳими истифодаи таҳлили системавӣ *анҷом додани* ***корҳои тадқиқотӣ*** мебошад. Ҷамъоварии иттилоот, таҳлили системавии объектҳои омӯхташаванда, ошкор намудани қонуниятҳо дар рушди системаҳо - ҳамаи инҳо принсипҳои кори таҳқиқотӣ мебошанд. Чунин равиш имкон медиҳад, ки *ҳам ҳангоми омӯзиши фанҳои алоҳида ва ҳам дар сатҳи байнифанӣ методҳои пешбарии корҳои таҳқиқотӣ ба хонандагон* бомуваффақият омӯзонда шаванд.

## V. Методикаи таълими фанни "Санъат ва меҳнат"

Фанни «Санъат ва меҳнат» дар синфҳои ибтидоӣ таълими якҷояи фанҳои пештараи «Санъати тасвирӣ» ва «Таълими меҳнат»-ро дар бар мегирад.

Дар равиши дарси мазкур хонандагон ҳам расм мекашанд ва ҳам дар заминаи ҳамон ашё таълими меҳнатро иҷро менамоянд. Яъне, ҳар як дарс тахминан ба ду қисм тақсим мешавад: қисми аввал – расмкашӣ ва қисми дуюм меҳнат ё баръакс. Вале мазмуни дарс ва тарзи ташкили он ба мавзӯъ вобаста аст. Агар ҳаҷми кор зиёдтар бошад, муаллим метавонад як дарси пурраро ба санъати тасвирӣ ва ё ба таълими меҳнат бахшад.

Яке аз вазифаҳои асосии омӯзиши фанни «Санъат ва меҳнат» ин инкишоф додани хаёли хонандагон, ба меҳнат ва зебоиофарию зебопарастӣ ва эҷодкорӣ ҳидоят намудани онҳо мебошад. Фароҳам овардани шароити мувофиқ, муҳайё намудани асбобу маводи кор, дуруст, максаднок ва мунтазаму бошуурона ба роҳ мондани омӯзиши фанни «Санъат ва меҳнат» хонандагонро ба машғулиятҳои амалии синфҳои минбаъда тайёр намуда, аз

тадбирҳои аввалини таълими технология дар доираи мактаби маълумоти умумӣ ба ҳисоб меравад. Инчунин, дар хонандагон одитарин малакаю маҳорати меҳнатӣ ва рассомӣ ташаккул ёфта, ба корҳои амалӣ, ба ҳаёт омода мешаванд. Вобаста ба малакаҳои меҳнативу рассомӣ фанни мазкур ба чор самти зерин таксим карда шудааст:

- Корҳои тасвирӣ;
- Кор бо коғаз ва картон;
- Кор бо маводҳои табиӣ ва пластилин;
- Кор бо ришта ва матоъ.

## 5.1. Методикаи таълими корҳои тасвирӣ

Таваcссути расмкашӣ дар хонандагон хаёли эҷодӣ ва тафаккури аёнӣ-образӣ инкишоф дода мешавад. Корҳои тасвириро шартан ба панҷ гурӯҳ тақсим кардан мумкин аст:

**Тасвир аз рӯйи мушоҳида.** Ҳангоми тасвир аз рӯйи мушоҳида бештар қобилиятҳои дуруст интихоб карда тавонистани ранг, бо мутаносибии дуруст ва монанд тасвир кардани ашёҳо аҳамият диҳед. Ҳангоми таълим даз рӯйи мушоҳида кӯшиш кунед ҳар як қадами тасвирро дар тахтаи синф нишон дода, тарзи дуруст тасвир кардани онро шарҳ диҳед. Дар ин намуди дарс хонандагон бояд ҳарчи зиёдтар ба кори омӯзгор монанд тасвир карданро омӯзанд. Барои ҳамин ҳар як қадами омӯзгор бояд аз сода ба мураккаб, равшан ва фаҳмо бошанд, инчунин, қобилиятҳои синну солии хонандагон ба назар гирифта шаванд. Масалан, қадам ба қадам тасвир кардани кӯза:



**Тасвир аз рӯйи мазмуни матн.** Ҳангоми тасвир аз рӯйи мазмуни матн хонандагон он чизеро, ки аз хондани матн фаҳмидаанд тасвир менамоянд. Дар ин намуди фаъолият омӯзгор ба хонандагон роҳнамоӣ намекунад. Яъне ин намуди фаъолият бештар ба эҷодкории хонанда равона мешавад. Танҳо расм бояд ба мазмуни матн мувофиқат кунад ва хонанда расми тасвиркардаашро шарҳ дода тавонад. Матнҳоро аз китобҳои дарсӣ, бадеӣ, ё афсонаҳо интихоб кардан мумкин аст.

**Нақл эҷод кардан аз рӯйи расм**. Ин намуди фаъолият ҳам аз эҷодкории хонанда вобаста аст. Омӯзгор метавонад, аз рӯйи як расм нақл эҷод карда, ба хонандагон ҳамчун намуна фаҳмонад. Сипас хонандагонро ба гурӯҳҳо тақсим намуда, супориш диҳад, ки аз рӯйи расмҳои гуногун нақл эҷод намоянд. Дар ин намуди фаъолият хонандагон дарк кардани мазмуни расмҳоро ёд мегиранд.

**Тасвири озод аз хаёл.** Дар ин намуди фаъолият хонандагон пурра аз хаёли худ расм тасвир менамоянд. Омӯзгор метавонад танҳо мавзӯи расмро пешниҳод намояд. Масалан, мавзӯи «Тоҷикистон дар ояндаҳои дур». Хонандагон хаёлан Тоҷикистонро дар ояндаҳои дур тасаввур карда, расми онро тасвир менамоянд. Дар ин намуди фаъолият

омӯзгор бояд бештар ба хаёл ва қобилияти эҷодии хонанда диққат диҳад, на ба малакаҳои рассомии ӯ. Яъне расм зебо набошад, ҳам бояд ягон ғояи нав дошта бошад. Инчунин, хонанда расми эҷодкардаашро шарҳ дода тавонад, ҳангоми арзёбӣ аз тарафи омӯзгор ба назар гирифта шавад.

**Тасвир ҳамчун ороиш.** Дар ин намуди фаъолият тамоми намуди тасвирҳо ва рангкуниҳо бо мақсади оро додан истифода бурда мешаванд. Масалан нақшу нигорҳо, рангин кардани ягон чизи худсохт ва ғ. Омӯзгор моҳияти оро доданро фаҳмонда, чӣ тарз оро додани баъзе ашёҳо масалан, чойнику пиёларо нишон медиҳад. Хонандагон мустақилона аз хаёлоти худ нақшу нигорҳоро эҷод менамоянд.

## 5.2. Методикаи таълими кор бо коғаз ва картон

Аз лаҳзаҳои аввали таълими фанни санъат ва меҳнат моро лозим меояд, ки оид ба намудҳои гуногуни коғаз мавқеъ, сифат ва аҳамияти он маълумот диҳем. Донистани хусусиятҳои коғаз ба шахс имкон медиҳад, ки онҳо меҳнати дастии худро бо сифати баланд иҷро намоянд. Ба намудҳои коғазу картон нигоҳ карда истода, ба хонандагон сифатҳои асосии картонро фаҳмондан зарур аст. Картон ҳам мисли коғаз ғафс, тунук, ҳамвор, сахт, дурушт, қатшаванда, қатнашаванда, тезшикананда, ҷилодор ва ранга мешавад. Донистани сифатҳои коғазу картон таассуроти шахсро бой мегардонад.

Дар коғаз, пул, китоб, дафтар, албом,чипта, расм, харита ва ғайра чоп мешавад. Коғази зардеворӣ барои ороиши хонаҳо истифода бурда мешавад. Дар коғази аксчопкунӣ суратгир акс чоп мекунад. Коғази чиндор барои сохтани гулҳои гуногун истифода бурда мешавад. Умуман коғаз дар ҳамаи соҳаҳо васеъ истифода бурда мешавад ва хулоса дар дунё ягон маводи дигаре нест, ки ба монанди коғаз васеъ паҳн шуда бошад.

Сарфакорона истифода бурдани коғазу картон ва риояи қоидаҳои бехатарӣ ҳангоми кор бо коғаз ва картонро ба кӯдакон фаҳмондан зарур мебошад. Ҳангоми фаъолияти бо картон бештар ин усулҳо истифода бурда мешаванд:

**Сохтан бо роҳи буридан, ширеш кардан.** Ин намуди фаъолият бе истифода аз қайчӣ ва ширеш ба роҳ монда намешавад. Масалан, сохтани қуттичаҳо, макетҳо, хоначаҳо, мошинҳо ва ғ. Яъне дар сохтани ин ашёҳо албатта қайчӣ ва ширеш истифода бурда мешаванд. Омӯзгор сохтани онро бояд қадам ба қадам нишон дода, тарзи дуруст иҷро намудани қадамҳоро аз тарафи хонандагон назорат кунад ва ба хонандагоне, ки дар иҷрои фаъолият душворӣ мекашанд кӯмак кунад, ё ба назди хонандаи нисбатан фаъолтар шинонда, ба ӯ вобаста кунанд. Намунаи қадамҳои сохтани қуттӣ аз картон:

1.  2.  3. 

4.  5.  6. 

**Сохтан бо роҳи қаткунӣ (усули оригами).** Дар ин намуди фаъолият қайчӣ ва ширеш тамоман истифода бурда намешаванд. Яъне фаъолият танҳо бо усули қат кардани коғаз иҷро карда мешавад. Ин намуди фаъолиятро ҳам, омӯзгор бояд қадам ба қадам ба хонандагон нишон диҳад. Масалан, тарзи қадам ба қадам сохтани ҳавопаймо бо усули қаткунӣ (оригами):



Инчунин омӯзгор тарзи аз рӯйи нақшаҳо сохтанро ба хонандагон омӯзонад. Мазмуни хатчаҳо ва тирчаҳоро фаҳмонад.

**Гулмонӣ (апликатсия) аз коғаз.** Ин намуди фаъолият бо роҳи буридан ва ширеш кардан истифода бурда мешавад. Фарқи ин усул аз усули якум дар он аст, ки дар ин намуди фаъолият ашё сохта намешавад, балки тавассути он манзараҳои зебо ё гулҳо омода карда мешаванд. Яъне, аз як намуди коғаз гул, барг, ё ягон ашёи дигар бурида шуда, ба коғази дигар ширеш карда мешавад. Масалан, бо усули гулмонӣ омода намудани манзараи баҳор:

 



Омӯзгор якчанд намуди омода намудани гулҳоро қадам ба қадам ба хонандагон нишон дода, сипас ба онҳо супориш диҳад, ки худашон ягон гулро эҷод намоянд. Супориш бояд ба қобилияти эҷодии хонандагон равона карда шавад.

**- Сохтан бо усулҳои омехта.** Дар ин намуди фаъолият ҳама намуди амалиётҳо бо коғаз якбора истифода бурда мешаванд. Ин фаъолият бештар барои омода намуди табрикномаҳо, бозичаҳо ва ашёҳои ороишӣ аз коғазу картон истифода бурда мешавад. Дар ин ҷо ҳам усули буридану ширеш кардан ва ҳам усули қаткуниро якбора истифода бурдан мумкин аст. Омӯзгор намунаҳоро қадам ба қадам ба хонандагон нишон медиҳад. Масалан, сохтани табрикнома барои Иди Ғалаба:



**Усули оҳардиҳӣ.** Ин усул васл кардани коғаз бо оҳар (хамира), ё ширеш мебошад. Бо ин усул зарфҳо, шакли меваю сабзавот, суроби ҳайвонот ва паррандаҳоро низ сохтан мумкин аст. Ҳангоми омӯхтани ин усул қадам ба қадам тарзи васл намудани коғазро ба хонандагон нишон диҳед. Ин намуди фаъолиятро хонандагон мустақилона ва дар гурӯҳҳои хурд иҷро карда метавонанд.



1. Рӯзномаҳоро порча-порча карда даронед
2. Ин қоғапораҳоро ба об ё ширеш тар кунед
3. Табақро чапа гардонда, коғазпораҳои намро ба болояш гузоред
4. Қабат ба қабат коғазпораҳои намро боло ба боло васл кунед, то он даме , ки ғафсии он маълум нашавад.
5. То хушк шудани он нигоҳ доред, баъди хушк шудан қисмҳои зиёдатиашро бурида партоед.
6. Табақро бо расмҳои гуногун оро диҳед.

## 5.3. Методикаи таълими кор бо пластилин ва маводҳои табиӣ

Ба маснуоти табиӣ барги гул, чӯбчаҳои дарахтон, чалғӯза, пӯчоқи чормағз, писта, зироатҳо, сангчаҳо ва ғайраҳо дохил мешаванд. Ин намуди фаъолият барои инкишофи тафаккури эҷодӣ ва моторикаи хурд (ҳаракати панҷаҳо)-и кӯдак мусоидат менамояд.

**Аз пластилин ва маводҳои табиӣ сохтани бозичаҳо ва ашёҳо.** Ин намуди фаъолиятро бо роҳҳои гуногун истифода бурдан мумкин аст. Масалан, сохтани ашёҳо, бозичаҳо, ҳайвонҳо, сабзавоту меваҳо ва ғайраҳоро мо метавонем танҳо бо истифода аз пластилин ба роҳ монем (расми 1).

Инчунин, мо метавонем танҳо аз маводҳои табиӣ созем ва роҳи дигараш, истифода бурдани пластилин ва маводҳои табиӣ дар якҷоягӣ. Масалан, агар мо аз чалғӯза парранда сохтани бошем, чалғӯзаро ҳамчун бадани ӯ истифода бурда, бо пластилин қисмҳои дигари онро мечаспонем (расми 2).



**Расми 1. Сохтан аз пластилин**



**Расми 2. Сохтан аз пластилин ва маводҳои табиӣ**

Ин намуди фаъолият низ дар шакли қадам ба қадам омӯзондан мумкин аст. Шумо метавонед, хонандагонро ба гурӯҳҳо тақсим намуда, ба ҳар гурӯҳ супоришҳои гуногун диҳед. Масалан, як гурӯҳ суроби сабзавотҳоро созад, гурӯҳи дигар суроби меваҳоро ва монанди инҳо.

**Апликатсия бо пластилин, ғалладонаҳо ва сангчаҳо.** Ин усулро бештар дар болои картон истифода бурдан мумкин аст. Шумо метавонед, бо тамоми намуди зироатҳо, пластилин сангчаҳо ва ҳатто макарон манзараҳо ва расмҳои зеборо омода намоед. Дар ин намуди фаъолият омӯзгор баъзе намунаҳоро ба хонандагон нишон медиҳад. Сипас онҳо худашон бо ин усул манзара ва расмҳои навро эҷод менамоянд.



Расми 3. Апликатсия бо ғалладонаҳо



Расми 4. Апликатсия бо пластилин

Ин усулро бо мақсади оро додани ягон ашё ҳам истифода бурдан мумкин аст. Масалан, бо ғалладонаҳо, ё сангчаҳо кӯза, табақ ва чойникро бо усули ширешкунӣ оро додан мумкин аст.

## 5.4. Методикаи таълими кор бо ришта ва матоъ.

Маълумот дар бораи матоъҳо

Усулҳои тайёр намудани матоъ ба одамон ҳанӯз аз замонҳои хеле қадим маъмул аст. Кофтуковҳои бостоншиносон шаҳодат медиҳанд, ки аҷдодони мо дар асрҳои XV-пеш аз мелод ба бофандагӣ , яъне тайёр кардани матоъ машғул буданд.

Техникаи корҳои ресандагию бофандагӣ солиёни зиёд дастӣ буда, танҳо дар асрҳои миёна рӯ ба тараққӣ ниҳод. Аз дуку чарха то ҳалоҷӣ, аз ҳалоҷӣ то дастгоҳҳои оддӣ, аз он то дастгоҳҳои механикию автоматии пуриқтидор такмил дода шуд.

Маснуоти асосии корҳои бофандагӣ: пахта, мӯина, пилла, зағирпоя, канаб, бангдона, ҷут (гиёҳест, ки дар Ҳиндустон мерӯяд ва аз он матоъҳои дағал ва ресмону банд тайёр мекунанд) ва ғайра. Аз моддаҳои кимиёвӣ низ матоъ тайёр мешавад.

Матоъ вобаста ба маснуоти кор ба навъҳои аслӣ ва сунъӣ ҷудо мешавад. Ба гурӯҳи матоъҳои аслӣ матоъҳое дохил мешавад, ки аз наххҳои табиӣ,( яъне аз пахта, пилла, мӯина, зағирпоя, канаб, бангдона,) бофта шудаанд. Суф, чит, сатин, шоҳӣ, атлас барин матоъҳо аз наххҳои табиӣ бофта мешаванд.

Матоъ мувофиқи тартиби зайл тайёр мешавад:

а) маснуъоти бофандагиро кишт, парвариш ва тоза мекунанд;

б) калоба мекунанд;

в) аз калоба ресмон мересанд;

г) аз ресмон матоъ мабофанд.

Фарқият ва монандии коғазу матоъ.

Муаллим ба хонандагон оид ба якчанд фарқияту монандии коғазу матоъ маълумот медиҳад:

- коғазу матоъ-маводҳои тунуканд, ғафсии онҳо дар муқоиса бо бар ва дарозӣ беохир аст.
- коғазу матоъ-маводҳоеанд, ки аз наххо иборатанд, танҳо дар коғаз ин наххо омехтаанд, дар матоъ наххо ба монанди тору пуд омадаанд.
- ҳангоми иҷрои корҳо бо коғаз ва ҳам бо матоъ қайчӣ истифода бурда мешавад.
- коғазу матоъ-маводҳоеанд, ки ба воситаи дӯхтан, ширеш кардан пайваст мешаванд.
- агар лозим шавад дар болои коғаз ва матоъ расмҳои гуногун чоп мекунанд, ороиш медиҳанд ва рангубор мекунанд.

Ҳангоми кор бо матоъ ба хонандагон қоидаҳои бехатарии истифодаи сӯзан, ришта ва қайчиро фаҳмондан зарур мебошад.

**Пора кардан.** Буридани матоъ ҳам ба буридани коғаз монанд аст. Ҳангоми омӯхтани буридани матоъ тарзи дуруст қапидани қайчӣ, чен кардан бо ҷадвалро ба хонандагон омӯзонед.

**Гулдӯзӣ.** Ҳангоми омӯхтани ин усул аввал бо қалам дар рӯйи матоъ тасвир намудани нақшу нигорҳоро нишон диҳед, баъд тарзи дуруст дуруст дӯхтани онро нишон диҳед.

**Истифода бурдани латтапораҳо ва либосҳои нодаркорӣ.** Дар синфҳои ибтидоӣ омӯхтани тарзи эҷодкорона истифода бурдани латтапораҳо ва либосҳои

нодаркорӣ натиҷаҳои хуб медиҳанд. Аз як тараф ин хароҷоти зиёдатиро талаб намекунад, аз дигар тараф хонандагон бо шавқи зиёд кор мекунанд. Масалан, аз ҷӯроби нодаркорӣ ҳам бозича дӯхтан мумкин аст.





## VI. Методикаи таълими фанни “Суруд ва мусиқӣ”

### 6.1. Таълими малакаҳои сурудан

Таълим ва омӯзиши суруд ва мусиқӣ дар заминаи назарияҳои гуногуни таълим ба роҳ монда мешавад. Бо назардошти гузариш ба низоми таълими салоҳиятнокии хонанда стандарти мазкур ба салоҳиятҳои чор самти таълими фан такя менамояд, ки сурудан яке аз самтҳои асосӣ ба шумор меравад. Бояд қайд намуд, ки салоҳиятҳои ҳар яки ин самтҳо дар раванди азхудкунии фан дар ҳар соати дарсӣ дар қиёси якдигар баробар ташаккул дода мешавад. Фарогирии марҳилаҳои кор асосан гуногун буда метавонад ва аз рӯйи қобилият ва маҳорати касбии омӯзгору сатҳи тайёрии хонандагони ӯ муайян карда мешавад. Махсусан, барои ташаккули малакаҳои сурудан татбиқи янчанд марҳила тавсия мегардад, аз ҷумла, оғози азхудкунии суруд, шунидан–шиносоӣ бо суруд, муҳокимаи мазмун ва образҳо дар суруд (таҳлили қисмҳои муҳим), азхудкунии суруд, сурудан, иҷроиш ва консерт.

Ҷадвали зерин барои муайян намудани самти асосӣ дар интихоби методу усулҳои мушаххас ҳангоми азхуднамоии суруд кӯмак мерасонад ва омӯзгорон метавонанд гунаи муносибро барои худ ва шогирдонашон истифода намоянд.

| Вазифаҳо | Талаботи пешниҳодшуда | Методҳо ва усулҳои кор |
|---|---|---|
| **I. Оғози азхудкунӣ** | | |
| - шиносоӣ бо муаллифон ва замони эҷоди суруд;<br>- тайёрӣ ба дарки мазмун ва мундариҷаи суруд; | - мухтасарӣ<br>- пурмазмунӣ<br>- муассирӣ | - шарҳу эзоҳ<br>- суҳбат<br>- мисол (азҷумла оид ба мусиқӣ) |

| | | |
|---|---|---|
| - ба вуҷуд овардани ҳолати муассирӣ, ки ба хусусияти образи мусиқӣ ҳамоҳанг аст. | | - вазифаи проблемавӣ<br>- намоиш (расм, сурат, асарҳои санъати тасвирӣ, корҳои эҷодии кӯдакон, бозичаҳо ва ғ.) |
| **II. Шунидан-шиносоӣ** | | |
| - намоиш ва шарҳ додани суруд;<br>- мафтун намудан, ҷалб намудани кӯдакон бо суруд;<br>- дар кӯдакон бедор намудани шавқ, таасурот, муассирӣ ба суруд. | - пуртаъсирӣ<br>- дилбохтагӣ<br>- иҷрои озод<br>- мувофиқатии сифати овози сарояндагӣ, ибораҳо ба жанр ва услуби асар. | - иҷроиш аз тарафи омӯзгор<br>- иҷроиш аз тарафи хонандаи беҳтарин<br>- иҷроиш дар аудио ва ё видеосабтҳо<br>- муқоиса дар шарҳи асарҳои гуногун |
| **III. Муҳокима** | | |
| - ба таасуроти бадастомадаи хонандагон такя карда, муносибати онҳоро ба суруд муайян намудан;<br>- сатҳи фаҳмиши кӯдаконро оид ба хусусият, мазмун ва маънои образи мусиқӣ муайян намудан;<br>- таҳлили қисматҳои нисбатан муҳим дар матни асар ва воситаҳои муассир;<br>- ҳавасманд намудан барои фаъолгардонии тафаккури хонандагон;<br>- ташаккули қобилиятҳо, ҳамкории коллективонаи хонандагон бо омӯзгор ва баръакс. | - муассирӣ<br>- мухтасарӣ<br>- фаъолнокӣ<br>- фаврӣ<br>- эҳтиром нисбати тамоми ҷавобҳои хонандагон<br>- ташкил намудани муоширате, ки ташабускорӣ ва мустақилиятро таъмин менамояд | - суҳбат<br>- шарҳу эзоҳ<br>- мисол<br>- таҳлили вазъият<br>- вазифаҳои проблемавӣ<br>- кори коллективӣ<br>- мубоҳиса<br>- методи саволҳои эвристикӣ. |
| **IV. Азхуднамоӣ** | | |
| - сарфаҳм рафтан ба маънои образи бадеии суруд;<br>- сарфаҳм рафтан ба раванди азхудкунии суруд ҳамчун эҷоди образи мусиқӣ ва пурмазмунии он;<br>- маънидор будан ва муассирии тамоми кори технологӣ доир ба азхудномоии суруд;<br>- муоинаи ҳар як суруд ҳамчун як марҳилаи системаноки ташаккули маҳорат ва малакаҳои сурудан;<br>- азхуднамоии оҳанг ва матни суруд;<br>- кор бо оҳанг, буро талаффуз | - муассирӣ<br>- мухтасарӣ<br>- банақшагириии ҳар як марҳилаи кор<br>- гузориши дақиқи вазифаҳои таълимӣ ва баҳодиҳии ҳатмӣ ба сифати кори иҷрошуда<br>- коркарди алоҳидаи ҷойи муракаби суруд<br>- истифодаи методҳои гуногуни кор | - методи муқоиса;<br>- методи фонетикӣ<br>- методи аёнию намоишӣ<br>- методи репродуктивӣ<br>- методи таҳлили вазъият<br>- бозӣ<br>- методи азхуднамоӣ бо воситаи сомеа (слух)<br>- методи дирижёрии озод<br>- методи театрикунонӣ<br>- методи кор бо партитура<br>- методи солфеджиохонӣ<br>- сурудан дар асоси сабти |

| | | |
|---|---|---|
| намудани ҳар як фосила ва дарки он;<br>- ташаккули қобилиятҳо барои тоза сурудан, вобаста ба жанр ва услуби асар;<br>- гуногунӣ ва иваз намудани вазифаҳо ҳангоми азхуднамоии суруд;<br>- мувофиқатии шакли корҳои фронталӣ, гурӯҳӣ ва фардӣ;<br>- дар раванди кор фаъолнокӣ, фароҳам овардани шароит барои муайян намудани шахсиятҳои эҷодӣ;<br>- таҳия намудани раванди азхуднамоӣ, ки дар асоси натиҷаи баҳодиҳӣ ба фаъолияти сурудани кӯдакон ба роҳ монда шудааст;<br>- ташкил намудани робитаи мутақобила дар раванди фаъолияти сарояндагӣ;<br>- риоя намудани принсипи муваффақият дар таълим, фароҳам овардани фазои шавқовари амали якҷоя. | - муносибати бошууронаи кӯдакон ба кор. | нотавӣ<br>- сурудани суруд ё қисмати он бо тарзи вокализҳо<br>- тоза сурудани овози аввали суруд<br>- қарсак задании зарби оҳанг аз рӯйи сомеа (слух), аз рӯйи нота ва ё оҳанги суруди иҷрошудаистода<br>- талаффузи фаъолонаи матни суруд бо ним овоз<br>- артикулятсия (талафузи дурусти садобарорӣ)-и фаъол ҳангоми сурудани матн. |
| **V. Сурудан** | | |
| - азхуднамоии шакл ҳангоми иҷроиши пурраи асар;<br>- бартарии вазифаҳои иҷрокунандагӣ;<br>- ба даст овардани сифати зарурии садодиҳии суруд;<br>- ҳавасманд намудани кӯдакон нисбати муносибати эҷодӣ ҳангоми фаъолияти сарояндагӣ;<br>- муҳокимаи фаъол нисбати натиҷаҳои фаъолияти сарояндагӣ. | - руҳбаландӣ<br>- ворид намудан ба мусиқинавозӣ<br>- муносибати эҷодии омӯзгор ва хонандагон<br>- эҳсоси офариниши мусиқии асил<br>- мубоҳисаи омӯзгор ва хонандагон бо муаллифони асар (шоир ва оҳангсоз)<br>- боварии комили ҳамсароён ва дирижёр. | - иҷроиши пурра<br>- муқоисаи сарояндагони гуногун<br>- муқоисаи сарояндагони коллектив ё яккасаро<br>- сабти иҷроиш ва муҳокимаи минбаъдаи он<br>- иҷроиш барои экспертони ҳамсароӣ ва муҳокимаи баъд аз он<br>- иҷроиш дар толори консертӣ. |
| **VI. Иҷроиш – консерт** | | |
| - ташкили шароит барои таҷассуми хубтари образи мусиқӣ; | - руҳбаландӣ<br>- омодагӣ | - методи ташкили ҳолати муассирӣ |

| | | |
|---|---|---|
| - ҳавасмандгардонӣ барои ташакули қобилияти эҷодкорӣ;<br>- ташкили ҳолати зарури муассирӣ;<br>- ташкили ҳамкории хор ва дирижёр дар раванди иҷроиш. | - таваҷҷуҳ<br>- маҳорати нишон додани муассирӣ дар раванди иҷроиш<br>- навозиши фаъолона, эҷодкорона<br>- эҷодкорӣ дар ҳамкории омӯзгор бо хонанда. | - методи театрикунонӣ<br>- усулҳои ҳамкории хор ва дирижёр. |

## 6.2. Таълими малакаҳои шунидани мусиқӣ ва таълими малакаҳои маърифати мусиқӣ

Яке аз мақсадҳои муҳими самти шунидани мусиқӣ ташаккули дарки мусиқӣ, тарбияи маданияти мусиқишунавӣ, ки барои шунидани асарҳо дар жанрҳои гуногуни мусиқӣ аз оғози омӯзиши фан сарчашма мегирад, ба ҳисоб меравад.

Аз мақсадҳои таълими суруд ва мусиқӣ се вазифаи муҳим дар самти шунидани мусиқӣ ба вуҷуд меояд, ки омӯзгор бояд ба он диққати ҷиддӣ диҳад:

Дар асоси шунидани мусиқӣ *ташаккули дарки асарҳо ва ё муассирии он*. Барои хонандагон дарки асарҳо, ки ғояи баланд доранд, маҳз дар шунидани мусиқӣ ташаккул дода мешавад. Инчунин, ҳис намудани образҳои мусиқӣ, баёни ҳамдардӣ ва меҳрубонӣ, ба вуҷуд овардани хоҳиши шунидан ва бедор намудани завқи хонандагон тавассути шунидани асарҳои гуногуни мусиқӣ ташаккул дода мешавад. Барои дарки мусиқӣ дар раванди он воситаҳои муқоиса бо муҳити атроф низ имкони бештар фароҳам меорад.

*Ташаккули муносибати огоҳона ҳангоми интихоб ва шунидани мусиқӣ*. Барои хонандагон муҳим аст, ки аз синни хурдӣ таҷрибаи огоҳона барои интихоб ва шунидани мусиқӣ дошта бошанд. Доир ба таҷрибаи огоҳона интихоб ва шунидани мусиқӣ малакаҳои истифодаи донишҳои мусиқӣ, на танҳо ҳис намудан, балки дарки мусиқӣ, хусусияти образҳои мусиқӣ, мантиқи ташаккули он, баёни ақидаи асосии эҷоди асар ва мазмуни он ба шумор меравад.

*Ташаккули муносибат/фаъолияти амалӣ ба мусиқӣ*, на танҳо дар раванди он, инчунин дар раванди иҷроиши унсурҳои хурди асарҳои мусиқӣ ва ё осори классикӣ.

Самарабахшии  ташаккули дарки мусиқиро дар самти шунидани мусиқӣ то андозае аз рӯйи истифодаи роҳу воситаҳои гуногун аз ҷониби омӯзгорон муайян карда мешавад. Якчанд методҳои самти шунидани мусиқиро, ки барои ташаккули дарки санъати мусиқӣ равона шудааст, дар зер барои намуна пешниҳод менамоем.

**Методҳои шифоҳӣ** (нақл, тафсир, сӯҳбат, баҳс) дар самти шунидани мусиқӣ мавқеи хос дорад. Инчунин, баёни омӯзгор дар ин самти таълим нақши муҳим дорад. Агар сухани омӯзгор дар мавқеи худ истифода шуда, ҷанбаҳои баланди ҳиссиётро нишон дода тавонад, пас барои хонандагон фаъолияти амалӣ ва арзиши баланди шунидани санъати мусиқиро тарғибу ташвиқ менамояд.

Ҳангоми ташкили раванди шунидани асари мусиқӣ шартан марҳилаҳои зеринро ҷудо менамоянд:

- сухани муқадимавии омӯзгор;
- шунидани асари мусиқӣ;
- сӯҳбат оид ба асари шунида;
- таҳлили асар;
- шунидани такрорӣ.

Дар аксари ҳолатҳо омӯзгор пеш аз оне ки бо асари нав шинос шавад доир ба оҳангсоз, воқеа ё лаҳзаи аҷиби рӯзгори ӯ ва ё шароите, ки ягон асари нави ӯ ба вуҷуд омадааст, каме маълумот медиҳад (матни хурд бошад ва он аз як ду дақиқа зиёд вақтро бояд нагирад!)

**Усули “Нақл доир ба мусиқӣ”**

**Шарҳ**: Махсусияти ин усул дар он аст, ки пеш аз шунидани мусиқӣ саволҳои махсус омода шуда, хонандагон бо он шинос карда мешавад. Ин усул барои ташаккули малакаҳои таҳлили асари мусиқӣ, баёни фикри шахсии хонанда, ташаккули ҷавоби мантиқӣ ва нутқи шифоҳию хаттии хонанда имкон медиҳад.

**Тартиб**:

- Доир ба таҳлили асар намунаи ҷумлаҳои нотамом омода кунед.
  Намунаи саволҳо:
  “Ман ... (*номи асар ва оҳангсоз*)-ро шунидам”.
  Ин асар ба ман ҳиссиёти ... бахшид.
  Он дар ... (*номи соз/созҳои мусиқӣ ва иҷрокунанда*) навохта/иҷро карда шуд.
  Мусиқӣ ... (чӣ гуна?) садо дод.
  Ба назари ман оҳангсоз дар бораи .... (*чӣ/чиҳо ва ё кӣ/киҳо*) маълумот додан мехоҳад.
- Ҷумлаҳои нотамомро дар лавҳи синф ё вараќи алоҳида навишта, хонандагонро бо онҳо шинос намоед.
- Шунавонидани муқаддимавии асар.
- Фикру ақидаҳои хонандагонро дар қолаби ҷумлаҳои нотамом пурсед. Муҳокимаи умумӣ ташкил намоед.

**Эзоҳ**: Вобаста ба мақсад ва самти ташаккули салоҳиятҳо саволҳои намунавӣ метавонад пурра гардад, илова карда шавад ва ё тағйир ёбад.

**Усули “Мусиқиро тасвир менамоем”**

**Шарҳ**: Махсусияти ин усул дар он аст, ки хонандагон тасвири асари шунидаашро иҷро менамояд ва шарт нест, ки он образи аслӣ бошад. Яъне бо воситаи ранг ва хатҳои муайян образи абстарктии асарро ба таври хос инъикос менамояд ва шарт нест, ки хонанда маҳорати расмкашӣ дошта бошад. Ӯ метавонад таввасути рангҳои гуногун ва ё хатҳои муайяни ранга образи тахаюлотии худро тасвир намуда, ба дигарон муаррифӣ намояд. Муаррифӣ низ дар асоси хоҳиши хонандагон ба роҳ монда мешавад.

Чунин амал ба хонандагон имкони тасвири тахаюлоти худро, ки ҳангоми шунидан ва эҳсоси мусиқӣ ба вуҷуд меорад, дар раванди шунидани мусиқӣ фароҳам меорад. Дар

ин асно мусиқӣ барои бунёди симои нав дар тафаккур ва тахаюлоти бойи хонанда замина мегузорад. Инчунин, алоқамандӣ бо фаъолияти тасвирии хонандагонро таъмин менамояд.

**Тартиб**:

- Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки таҷҳизоти заруриро (қалам, хаткуркунак ва ғайра) барои тасвир намудан, омода кунанд.
- Ба хонандагон фаҳмонед, ки ҳоло мусиқӣ шунавонида мешавад ва ҳангоми шунидан ба оромӣ риоя карда, тасаввуроти худро ба таври озод тасвир намоянд.
- Мусиқиро шунавонед ва синфро назорат кунед.
- Пас аз анҷоми кор аз хонандагон хоҳиш намоед, ки расмҳои тасвиркардаашонро ба аҳли синф муарифӣ намоянд.

**Усули «Мулоҳизаи авалини ман оид ба мусиқии шунида»**

**Шарҳ**: Усули мазкур имкон медиҳад, ки то кадом андоза асари шунида ба хонандагон таъсири худро мерасонад, кадом ҳиссиётҳо (таасурот, дарки мусиқӣ) дар ӯ бедор мешавад, то кадом андоза образи оҳангсоз эҷодкардаро дарк менамояд, муайян карда шавад. Яъне сатҳи дарк намудани санъати мусиқӣ дар хонанда муайян карда мешавад.

**Тартиб**:

- Пеш аз шунавонидан ба хонандагон чунин супориш диҳед: Муносибати худро оид ба асари шунида баён намоед: Оҳангсоз бо садои мусиқӣ кадом ҳиссиётҳоро баён кардан меҳоҳад? Ба мо дар бораи чӣ нақл кардан мехоҳад?
- Ба хонандагон асари мусиқие бе ном, шарҳ ва номи муаллифи он шунавонед.
- Асар ё порча аз онро 2-3 маротиба шунавонед.
- Муносибати хонандагонро дар асоси саволҳои гузошташуда шунавед ва муҳокимаи умумӣ ташкил намоед.

**Эзоҳ**: Талабот ба асари интихобшуда гузошта мешавад, ки бояд барои фаҳмиш дастрас бошад, ҳаяҷонбахш бошад, дар хотир дошта шавад ва пурмазмун бошад).

Намунаи лаҳзаи дарс:

Шунидани мусиқӣ: "Чашма"- мусиқии Ҷурабой Охунов, шеъри Гулрухсор Сафиева. Ин лаҳзаи дарсро бо усули "Мулоҳизаи аввалини ман оид ба мусиқии шунида" гузаронед. Бе шарҳ ва бе номи асар аз шунидан оғоз намоед. Пеш аз шунидан чунин супориш диҳед: ҳангоми шунидан бояд дар бораи якчанд масъала шумо бояд ҷавоб ёбед. Яъне, ба саволҳои "Оҳангсоз бо садои мусиқӣ кадом ҳиссиётҳоро баён кардан меҳоҳад? Ба мо дар бораи чӣ нақл кардан мехоҳад?" ҷавоб пешниҳод намоед.

Баъд аз шунидан доир ба саволҳои гузошта сӯҳбат ташкил намоед. Инчунин, дар бораи писанд омадан ё наомадани асари мазкур саволгузорӣ намоед.

**Маърифати мусиқӣ** аз рӯйи сатҳи фаҳмиши хонандагон ҳамчун як шакли санъат, ки бо ҳаёт алоқамандии ногусастанӣ дорад ташаккул дода мешавад. Ҳар як самти таълими фан, аз қабили сурудан, шунидан ва эҷоди мусиқӣ ба маърифати мусиқӣ пайванд буда, дар асоси ин фаъолиятҳо маърифати мусиқиро ҳамчун пояи илми мусиқӣ дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ ташаккул медиҳад. Маърифати мусиқӣ бо мисолҳо аз сурудан, шунидан ва эҷоди мусиқӣ қавӣ гардонида шуда, ба омӯзгор таъкид мегардад, ки назария натиҷаи мусиқии садодода аст, на баръакс. Яъне, дар асоси иҷроиш ва ё шунидани асар назарияи мусиқӣ бештар азхуд карда мешавад ва инро пайваста бояд дар хотир нигоҳ дошт.

Маърифати мусиқиро дар тамоми лаҳзаи дарс истифода бурдан мумкин аст. Маъмулан бо ду тарз гузаронида мешавад: 1) маълумоти назариявӣ оид ба маърифати мусиқӣ ва 2) омӯзиши амалии маводи назариявӣ.

Дар синфи дуюм махсусан навиштани баъзе унсурҳои маърифати мусиқӣ, аз қабили нотаҳо, нотагоҳ, калиди мусиқӣ (калиди сол ё скрипка) омӯхта мешавад, зеро онҳо малакаи хондан ва навиштанро вобаста ба фанҳои дигар низ то ин муддат омӯхтаанд.

Доир ба мустаҳкам намудани донишҳои мусиқавии хонандагон амалҳои мусиқавии хонандагонро дар шаклҳои гуногуни фаъолият гузаронидан мумкин аст:

- солфеджиохонӣ,
- таҳлил тавассути шунидан,
- диктанти мусиқавӣ,
- машқҳои зарбӣ (ритмикӣ),
- бозиҳои мусиқавию дидактикӣ,
- бадоҳатан иҷро кардан (импровизатсия),
- навохтан дар созҳои мусиқӣ,
- ҳаракатҳои мусиқию зарбӣ.

Омӯзгор вобаста ба салоҳдиди худ дилхоҳ фаъолияти амалиро интихоб намуда, дар ҳар дарс ба хонандагон пешниҳод менамояд.

**Бозии дидактикии “Акси садо (эхо)-и зарбӣ”**

**Шарҳ**: Ин бозӣ дарки дурусти шунавоӣ, зудии таасурот, хотираро инкишоф медиҳад.

**Тартиб**:

- Якчанд зарбҳои одиро дар давомнокии гуногун барои иҷро кардан муайян намоед.
- Онҳоро бонавбат қарсак занед (пайдарҳамии зарби якчанд нотаҳоро дар амал нишон диҳед).
- Хонандагон ин зарбҳоро бояд дуруст такрор намоянд. Агар онҳоро хонандагон дуруст иҷро накарданд, омӯзгор аз нав такрор менамояд. Дар аввал аз ҷониби омӯзгор иҷроиши одии зарби мусиқӣ дар як ё ду такт сурат гирифта, сипас душвор карда мешавад.

**Эзоҳ**: Зарб дар асоси машқҳои хурд гузаронида шуда, тавассути қарсак, кафкубӣ ва пойкубӣ гузаронидан мумкин аст. Қисматҳои алоҳидаи якчанд маротиба иҷро карда шуда, ҳамчун акси садо хонандагон онро такрор менамоянд, сипас як ҷумлаи мусиқӣ ба пуррагӣ иҷро карда мешавад. Онро бо роҳу тарзи гуногун истифода бурдан мумкин аст. Мазмуни бозиро тавассути аломатҳои динамикӣ, андозаҳои дучоряк ва сечоряк, давомнокии нотаҳои гуногун (мисол як гурӯҳи хонандагон нотаҳои нисфӣ ва гурӯҳи дигар ҳаштякиро иҷро мекунанд) ва шаклҳои эҷодии иҷрои зарбҳо гузаронидан мумкин аст.

Мисол:

А) аз зарби оддӣ оғоз менамоем:




Б) каме зарбҳоро душвортар менамоем:




**Навишти нотаҳо ба таври ребус, саволномаҳо ва бозиҳои гуногуни мусиқӣ**

**Шарҳ**: навишти нотаҳоро ба таври ребусҳо, саволномаҳо ва бозиҳои гуногуни мусиқӣ ташкил намудан мумкин аст, ки барои самаранок азхуднамоии маърифати мусиқӣ истифода бурда мешавад.

**Тартиб**:

– мазмун ва моҳияти асосии малакаҳои заруририро аз маърифати мусиқӣ муайян намоед;
– тартиби таҳияи ребус ва ё саволномаро, ки ба мазмун мувофиқ аст, муайян намоед ва саволномаҳо тартиб диҳед (метавонед дар шакли варақаҳо барои корҳои дунафарӣ ва ё гурӯҳӣ низ тартиб диҳед);
– ба хонандагон варақаҳоро тақсим намуда, корро назорат намоед;
– ҷавоби хонандагонро шунида, тавсия ва хулосаҳои худро қайд намоед.

Намунаҳо:

***Бозӣ бо калимаҳо***. Муайян намо, ки номаи кадом нота партофта шудааст ва онро илова намо:



__ тора



Ко __ ла

___ сид

___ тир

им ___

***Забонак (клавиш)-ҳои фортепиано***. Номи нотаҳоро дар забонакҳои фортепиано навис ва онро бо рангҳои гуногун ифода намо.





***Мувофиқнамоӣ:*** вобаста ба навиштаҷот дар нотагоҳ номи нотаҳоро мувофиқ намо:



***ДО РЕ МИ ФА СОЛ ЛА СИ***

**Солфеджиохонӣ**

**Шарҳ**: Барои дарки пурраи асар, хондани нотаҳо, дуруст талаффуз намудани оҳанги суруд имкони бештар медиҳад.

**Тартиб**:

Банди аввали суруд аз ҷониби омӯзгор иҷро карда мешавад;

Барои иҷрои суруд як порчаи асарро бо номи нотаҳо якҷоя бо хонандагон иҷро намоед. Якчанд маротиба ин амалро такрор намоед;

Сипас, ба ҷойи номи нотаҳо матни сурудро гузоред ва сароед;

Фарқияти ҳар як ҳиҷо дар мавриди аввал ва дуюмро бо хонандагон таҳлил намоед.

Барои намуна:

А) Ба тарзи солфеджиохонӣ




Б) бо матни суруд


Allegretto (чобукона)
mf
1.Бой - че - ча - ку Бой - че - чак, Гу - ли хуш - рӯ - и хим - чак.

## VII. Методикаи таълими фанни “Тарбияи ҷисмонӣ”

### 7.1. Методикаи таълими асосҳои дониши варзишӣ, бехатарӣ ва арзишҳо

### 7.2. Методикаи таълими ҳаракат ва обутоби бадан

Омӯзиши фанни «Тарбияи ҷисмонӣ» мувофиқи методҳои зерин сурат мегирад:

1) **Сохторӣ:** назариявӣ, аудиолингвистӣ;
2) **Амалӣ:** машқ, такрор, ҳифзкунӣ, риояи бехатарӣ ва арзишҳо;
3) **Усулҳои фаъол:** мустақим, пайдарпай, иртиботӣ, алоқамандкунӣ, мустақил, талқин, табиӣ, ҳавасмандкунӣ, нақл, суҳбат, ҷустуҷӯ, мусобиқа, мубоҳиса.

Асоси таъминоти пурраи методӣ ва иттилоотии таълими фанни «Тарбияи ҷисмонӣ»-ро васоити омӯзишие ташкил медиҳанд, ки дар ҷузъи ҷараёни омӯзишу парвариш мавқеи муҳим доранд. Вазифаҳои таълимию тарбиявии васоити таълим ҳамчун ҷузъи раванди таълиму тарбия аз инҳо иборатанд:

- Баланд бардоштани сатҳи аёният, инчунин дастрасии маводи таълим ба хонанда, ки бе истифодаи васоити таълим душвор аст;
- Ҳосил намудани қаноатмандии ҳар чӣ бештар аз рушди фаъолияти маърифатии хонандагон;
- Пайдо намудани манбаъҳои иттилоотие, ки ба сарфа намудани вақти асосӣ мусоидат менамоянд ва ба ин васила барои фаъолияти машқ намудан шароит фароҳам меоранд;
- Истифодаи васоити идораи фаъолияти маърифатии донишомӯзон аз тарафи омӯзгорону тренерон.

Интихоб ва истифодаи васоити таълим ба таври якҷоя бо назардошти хусусиёт ва ҷузъиёти ҷараёни таълим амалӣ карда мешавад.

Ҳуҷҷати асосӣ барои коркарди пурраи таъминоти методӣ ва иттилоотии фанни «Тарбияи ҷисмонӣ» барномаи таълимӣ ба шумор меравад, ки мазмуни ҷараёни таълимро мувофиқи талаботи истеҳсолоти имрӯза, пешрафти илмию техникӣ нисбат ба тайёр намудани мутахассисони баландпоя муайян менамояд.

Маҷмӯи васоити таълим бояд мазмунии асосии маводи барномаро комилан фаро бигирад. Таъмини пурраи методиву иттилоотӣ ҳаминро дар назар дорад, ки омӯзиши ҳар як мавзӯи барномаи таълими бояд бо васоиту таҷҳизоти зарурии таълим анҷом дода шавад.

Тақвияти методии ҷараёни омӯзишу парвариш бо назардошти афзалиятҳои тарбиявӣ ва ҳолатҳои таълимӣ интихоби васоити муносиби омӯзишро пешниҳод менамояд.

Муносибати зарурии таъминоти методиву иттилоотии ҷараёни омӯзиши фанни «Тарбияи ҷисмонӣ» тақозо дорад, ки васоити таълим, фаъолияти омӯзандагии омӯзгор ва фаъолияти омӯзишиву маърифатии хонандаро дар зинаи якуми таҳсилот дар ҷараёни

таълиму тарбия, ҳангоми шиносоӣ бо маводи омӯхташаванда, машқнамоӣ, мустаҳкамкунӣ, такмили малакаю маҳорат ва ҳангоми иҷрою назорати онҳо таъмин намояд.

Раванди омӯзиши тарбияи ҷисмонӣ дар низоми таълими салоҳиятнокӣ чор вазифаи асосӣ - таълим, тарбия, машқ ва инкишофро дар бар мегирад. Таъмини пурраи методиву иттилоотии раванди таълиму тарбия ҳангоми омӯзиши фанни «Тарбияи ҷисмонӣ» истифодаи самараноки ҳама гуна вазифаҳои васоити таълимро дар назар дорад.

Системаи таъминоти методиву иттилоотии фан иборат аст аз:

- ***Асноди таълимӣ:*** нақшаи таълим, барномаи таълим, маҷмӯи нақшаҳои оянда, нақшаи ҳарҳафтаина, нақшаи тақвимӣ, нақшаи дарсҳо, китоби дарсӣ, васоити аёнии ёрирасон ва феҳристи адабиёти иловагии зарурӣ.
- ***Воситаҳои таълимӣ барои донишомӯз:*** китоби дарсӣ, дастури омӯзиш, роҳнамо, маҷмӯаи тавсияномаҳо барои кори мустақилона ва роҳнамо барои иҷрои машқҳои амалӣ.
- ***Воситаҳои таълим барои дарс:*** маводи аёнии табиӣ, васоити техникии таълим, таҷҳизоти варзишӣ, дастгоҳи барномарезии таълим.
- ***Воситаҳо барои омӯзгор:*** усули хусуии таълими фан, коркарди методии мавзӯъҳои барнома ва машқи ҳар як намуди варзиш.

Вобаста ба хусусиятҳои синнусолӣ ва шавқу завқи хонандагон таълими фанни «Тарбияи ҷисмонӣ» имкон медиҳад, ки хонандагон дорои салоҳиятҳои ибтидоии варзишӣ гарданд, доир ба онҳо дониши муайян пайдо намоянд ва дар мавридҳои зарурӣ истифода баранд.

Босифату самаранок сурат гирифтани машғулияти фанни «Тарбияи ҷисмонӣ» ва дараҷаи баланди азхуднамоии мавзӯъ аз тарафи хонандагон, аз ҳамаҷониба омодагӣ гирифтани омӯзгор ба дарс вобастагии зиёд дорад.

Барои ба дарс омодагӣ гирифтан роҳбари ҳарбӣ вазифадор аст:

- мавзӯи дарсро аниқ намуда, мақсад ва усули таълимро муайян намояд:
- саволҳои таълимиро оид ба мавзӯъ тартиб диҳад:
- айёнияту таҷҳизотҳои варзиширо оид ба мавзӯъ интихоб намояд;
- ҷои баргузор намудани машғулиятро муайян намояд;
- нақша-конспекти дарсро тартиб диҳад;
- амалҳоеро, ки ба хонандагон меомӯзад, пеш аз дарс машқ намояд;
- дар ҳолати зарурӣ бо сардорони синфҳо машғулияти дастурдиҳӣ гузаронад.

Дар нақша-конспект омӯзгор бояд салоҳиятҳоро муайян намуда, усули таълим, саволҳои таълимӣ, вақт, ҷои машғулият, аёният ва равиши дарсро пурра тартиб дода, ба хонандагон бояд чиро омӯзад, бо чӣ онҳоро шинос намояд ва иҷрои кадом амалҳои варзиширо аз онҳо талаб намояд, нишон диҳад.

Оид ба мавзӯи ҳар як дарс омӯзгор бояд ба хонандагон рӯйхати адабиёти иловагӣ ва дастурҳои ёрирасонро пешниҳод намояд.

Пеш аз ҳар як машқҳое, ки омӯзгор ба шогирдон меомӯзанд, ба тариқи инфиродӣ машқ намоянд ва ин амалҳоро дар сатҳи касбӣ ба шогирдон нишон диҳанд, махсусан иҷрои амрҳо ҳангоми машғулияти амалии машқи саф ва ғайра.

Тахияи нақшаи машғулият муҳимтарин амали омӯзгор дар роҳи муваффақ шудан ба комёбиҳост. Омӯзгор бояд нақшаи машғулиятҳоро вобаста ба талаботи усули таълими фан таҳия намуда, одоби муошират ҳангоми машқ, риояи этикаи варзишӣ ва талаботи амрҳоро пурра ба хонандагон фаҳмонанд ва аз машғуляти муқаддимавӣ риояи онҳоро қатъӣ талаб намоянд.

Шиносоии хонандагон бо фанни «Тарбияи ҷисмонӣ» аз машғулияти муқаддимавӣ шурӯъ мешавад ва тавре онро баргузор бояд намуд, ки ҳисси интихоби тарзи ҳаёти солим дар хонандагон бедор гардида, ба омӯзиши фан мароқи хоса зоҳир намоянд. Муаррифии фан аз омӯзгор маҳорати баланди касбиро талаб менамояд, зеро таълими фан хусусиятҳои хоси педагогӣ, равонӣ ва интихоби тари ҳаёти солимро дорост.

Гузоришдиҳӣ дар дарси «Тарбияи ҷисмонӣ» ҳамчун лаҳзаи муҳим ба ҳолати рӯҳӣ ва некандешии шахсӣ таъсири хубе дошта, хонандагонро ба иҷрои дурусти амалҳои машқи варзишӣ ҳидоят менамояд.

Дуруст ташкил намудани машғуляитҳои фанни «Тарбияи ҷисмонӣ» дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ метавонад муҷиби самаранок сурат гирифтани тарбия, баланд бардоштани маърифати варзишии хонандагон ва интихоби тарзи ҳаёти солим гардад.

## Сухани сеҳрнок

Аз зинаи даромадгоҳи мактаб писараке лағжида, сахт ба замин афтид. Вай Нодири муштзӯр буд. Азбаски Нодир бачаи бадҷаҳлу ҷангара буд, мо ӯро ҳамин тавр номида будем.

Нодир, то ин ки ҳама ғалтиданашро набинанд, зуд аз ҷояш хесту рӯи зонуҳояшро аз барф тоза кард. Баъд мисли хурӯси ҷангара бо шиддат ба сӯи Ҳалим давид. Дар як дам бисёр ҳангоматалабон ҷамъ шуда, ҳама мехостанд, ки ҷанги Нодиру Ҳалимро тамошо кунанд. Охир, Ҳалим бачаи бақувват, аъзои маҳфили гуштингирии мактаб… – Нодир ба Ҳалим наздик шуд. Ҳозир бо мушташ чунон ба сари Ҳалим мефурорад, ки…

Аҷабо, чиро мебинем? Ҳалим ба Нодир чизе гуфт, ки Нодир ба маънои «ҳеҷ гап не» бе парвоёна даст афшонду рафт. Вақти рафтанаш ҳатто ӯ табассум мекард.

Ҳайрон шудем: чӣ Нодирро аз занозанӣ боз дошт. Охир, ӯ тамоман ба ҷанг тайёр буд–ку! Шояд ягон сухани сеҳрнок гуфта ӯро аз аспи ҷаҳл фурӯ оварда бошад? Он сухани сеҳрнок чӣ бошад?

Фаҳмидем. Медонед, Ҳалим ба Нодир чӣ гуфтааст?

«Узр ҷӯраҷон, қасдан не, нохост поятро зер кардам. Маро мебахшӣ»

Маҳбуба Неъматзода

## Санҷоб ба зимистон таёрӣ мебинад

Санҷоб аз сармо наметарсад. Онро ҳатто дар рӯзҳои хеле сарди зимистон дар ҷангал ва боғҳо дидан мумкин аст. Санҷоб ба монанди хирс ба хоби зимистона намеравад. Санҷобҳо танҳо дар рӯзҳои қаҳратуни зимистон дар лонаҳои худ паноҳ мешаванд. Барои ба хунукиҳои зимистон тоб овардану зинда мондан, санҷобҳо бояд ғизои бисёр гиранд. Аммо дар зимистон онҳо аз куҷо ин қадар ғизо меёбанд? Зеро ҳама ҷоро барф пӯшондааст ва на чормағз асту, на ҷалғуза. Санҷоб ғами зимистонашро дар тирамоҳ мехӯрад. Онҳо ҷалғуза, чормағз ва занбурӯғ ҷамъ карда, дар сӯрохиҳои дарахтон ё зери алаф пинҳон мекунанд. Инчунин санҷобҳо занбурӯғ ҷамъ оварда, онҳоро дар шохаҳои дарахтон ё дар болои кундаи онҳо хушк мекунанд. Дар рӯзҳои сарди зимистон санҷобҳо хӯроквории пинҳонкардаашонро меёбанд, мехӯранд ва ба лонаҳояшон баргашта, бароҳат хоб мераванд. Санҷобҳо на танҳо барои зимистон хӯрокворӣ омода мекунанд, балки пӯстини тобистонаашонро бо пӯстини зимистона иваз мекунанд.

## Адабиёт


**Бо забони тоҷикӣ**

1) Лутфуллоев М. Асосҳои таълими ибтидоии забони модарӣ. -Душанбе, 2007.
2) Дастури таълимии «Усулҳои таълим ва омӯзиши ҳамфаъол». -Душанбе, 2007.
3) Ниёзов Ф., Олимова Ф., Зиёев М. Маърифати таълим: ҷустуҷӯ ва бозёфт. Дастур барои худомӯзии омӯзгорони фанни забони тоҷикӣ. - Душанбе, 2012. - 78с

**Бо забони англисӣ**

1) Cecil, Nancy Lee. Strinking a balance: positive practices for early literacy. – Holcomb Hathaway, Inc. USA, 1999.
2) Michael R. Sampson, Roach Van Allen, Mary Beth Sampson. Pathway to literacy: a meaning-centered perspective. – Holt, Rinehart and Winston, Inc. USA, 1991.
3) Darling-Hammond, Linda. Powerful teacher education: lessons from examplary programs. –John Wiley & Sons, Inc. USA, 2006
4) Heilman, Arthur W. Principles and practices of teaching reading. –Prentice-Hall, Inc. USA, 1998
5) Tompkins, Gail E. Literacy for the 21st century: a balanced approach. – 2nd ed. Prentice-Hall, Inc. USA, 2001
6) Irwin, I.W. Teaching reading comprehension processes (2nd ed). Boston: Allyn & Bacon, 1991

**Бо забони русӣ**

1) Мирсеитова С. Обучение как поиск и поиск для обучения: формы и методы развития критического мышления обучающихся. -КазАЧ, 2011
2) Мединцева И. П. Компетентностный подход в образовании / И. П. Мединцева // Педагогическое мастерство: материалы II междунар. науч. конф. (г. Москва, декабрь 2012 г.). — М.: Буки-Веди, 2012.
3) Болотов В.А., Сериков В.В. Компетентностная модель: от идеи к образовательной программе // Педагогика. – 2003. – № 10. – С. 8-14.
4) Зимняя И.А. Ключевые компетентности как результативно-целевая основа компетентностного подхода в образовании. Авторская версия.-М.: Исследовательский центр проблем качества подготовки специалистов, 2004

**Сарчашмаҳои интернет**

1) http://www.ido.rudn.ru/psychology/pedagogical_psychology/8.html
2) http://www.moluch.ru/conf/ped/archive/65/3148/
3) http://pedlib.ru/Books/5/0306/5_0306-1.shtml
4) http://makarenkomuseum.narod.ru/Classics/Komensky/Komensky_Yan_Amos_Velikaya_didakt_izbr.htm
5) http://www.literacy-builders.com/free-resources/156-conventions-of-print-literacy-a-z
6) http://www.readingrockets.org/article/print-awareness-guidelines-instruction

7) http://www.readingrockets.org/article/seven-strategies-teach-students-text-comprehension by C.R. Adler
8) http://uchebnikionline.com/pedagogika/pedagogika_vischoyi_shkoli_-_turkot_ti/traditsiyne_innovatsiyne_navchannya_porivnyalniy_analiz.htm